ISSN 0235 - 005X

# А Х Б О Р И
# ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# И З В Е С Т И Я
# ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# PROCEEDING
# OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW AFTER A.BAHOVADDINOV OF THE ACADEMY OF SCIENCES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**№ 4 (1)**

**Душанбе – 2017**

# АХБОРИИНСТИТУТИФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢВАҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Сармуҳаррир: Муҳаммад А.Н. – аъзо - корр. АИ ҶТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор**
**Муовинони сармуҳаррир: Маҳмадҷонова М.Т. - доктори илмҳои фалсафа**
**Буриев И.Б. - доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент.**
**Котиби масъул: Закиров Н. – номзади илмҳои фалсафа**

Аъзои ҳайати таҳририя:
Ғаюров Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор
Диноршоев М. – академики АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа
Додихудоев Х.Д. – аъзо - корр. АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор
Музаффарӣ М. – аъзо - корр. АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор
Искандаров А.- доктори илмҳои сиёсӣ
Саидов А. – доктори илмҳои фалсафа, профессор
Олимов К. – академики АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа
Раҳимов С.Х. - доктори илмҳои фалсафа
Раҷабов С.А. – доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент
Тоҳиров Ф. - академики АИ ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор
Шоисматуллоев Ш. – аъзо-корр. АИ ҶТ, доктори илмҳои сотсиология
Шарипов Т. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор
Мирзоев Ғ.- номзади илмҳои фалсафа, дотсент

Масъулони таҳия: Қудусов Х.С. - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, Иброҳимова С.Ҳ.
Таҳриру такмили матнҳо: Ҳоҷиматова Г.М., Шарипов А.

*Мақолаҳо таҳрир мешаванд. Матни мақолаҳо дар таҳрири муаллиф нашр мешавад.*
*Фикри ҳайати таҳририя бо фикри муаллиф метавонанд мувофиқ набошад.*
*Ҳангоми истифода аз мавод ва иқтибос ҳавола ба*
*“Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи*
*АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳатмӣ аст.*

# МУНДАРИҶА

## ФАЛСАФА

**Маҳмадҷонова М.Т**. Гузориш ва ҳалли масъалаҳои табиатшиносӣ дар таърихи муосири фалсафаи тоҷик…………………………………………………….. 10
**Аскардаев К. А., Ҳазратқулов М.** Ибни Муқаффаъ ва тарҷумаи «Калила ва Димна»……………………………………………………………………………… 13
**Саидов А.С., Муминова М.О.** Такмили амали экологии субъекти миллӣ ва таъсири он ба ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон……………. 27
**Мирзоев Ғ. Ҷ., Раҷабов Х. С.** Принсипҳои умумиинсонии башардӯстиву адолат ва таълимоти «уммати исломӣ» дар тафсирҳои муосир........................ 37
**Саидҷаъфарова П**. Ҳаёт ва осори Азизи Насафӣ………………………………….. 42
**Саидов И.А.** Макулаҳои сабаб ва натиҷа дар фалсафаи мобаъдуттабиаи Ҳодии Сабзаворӣ…………………………………………………………………… 48
**Неъматова П., Низомиддинов С.-** Майдони соҳавӣ ва тадқиқотии информатикаи иҷтимоӣ............................................................................................ 56
**Муҳамедхоҷаева П.** Асосгузори шохаи нақшбандия дар Ҳинд ва ё ислоҳотгарии афкори нави динӣ-фалсафии Ҳинди асримиёнагӣ........................ 62
**Акрамов Н., Маҳмадҷонова М.Т.** Абулайси Самарқандӣ ва мероси фалсафии ӯ... 71
**Султонов С. А.**Баррасии модда дар таълимоти Ибни Сино аз назари як қатор олимони аврупоӣ............................................................................................ 79
**Эшонхонов М. З.** Абулмуини Насафӣ ва вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замони ӯ........................................................................................................ 88
**Гадоев И.** Давраҳои рушду нумӯ ва сукути давлат аз нигоҳи Ибни Халдун....... 92

## СИЁСАТШИНОСӢ

**Искандаров А., Сафранчук И.А., Юсуфҷонов Ф.М.** Афзалиятҳои ИМА дар Осиёи Марказӣ дар солҳои 2000 ум...................................................................... 98
**Раҷабов С.А., Маҳмадов П.А.** Самтҳо, методҳо ва хусусиятҳои истифодаи кибертерроризм алайҳи суботи ҷомеаи тоҷик ва чораҳои муқовиматӣ............. 102
**Ҳайдаров Р.Ҷ.** Тамоюлҳои муосири геополитикӣ ва вазъияти байналмилалӣ дар Осиёи Марказӣ............................................................................................ 109
**Мирзоев С.Т.** Омилҳо ва натиҷаҳои пайдоиши бӯҳрони давомдор дар ҷомеаи Афғонистон.............................................................................................. 114
**Маҳмадова Ф.А.** Баъзе масъалаҳои раванди гуфтушунид ва миёнҷигарӣ дар мухолифати байни тоҷикон: мушкилот ва хусусиятҳо……………………….... 121
**Қурбонова М.Ю.** Арзишҳо ва мафкураи фарҳангӣ- омилҳои асосии инкишофи ҷомеа…….................................................................................................. 128
**Қаландаров М. И.** Масъалаҳои сиёсӣ ва давлатдорӣ дар асари «Ҷомеъ-ул-улум»-и Фахриддини Розӣ……………………………………………………….. 134
**Соҳибов У.Ш.** Фазои иттилоотӣ ва хусусиятҳои он дар шароити дигаргуниҳои ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)...................................................... 138
**Ҷононов С.** Шуури худшиносии миллӣ: сиришт, сохтор, заминаҳои ташаккул ва вазифаҳо................................................................................................ 144
**Колядин А. М**., Ниҳодҳои сиёсӣ ва соҳторҳои сиёсӣ дар муҳити пасошуравӣ: масъалаҳои эътибори шаҳравандон...................................................................... 154
**Ализода Ҳ.**.Нақши воситаҳои ахбори умум дар ташаккули афкори умум…….. 162
**Муртазо Ашрафӣ** Баъзе омилҳои инкишофи исломи сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ...... 167
**Сайдализода Ш.Ф**. Мақом ва накши ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар мустаҳкамнамоии сиёсати дохилии давлат…………………………..................... 171

## ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ

**Буриев И.Б., Шонасридинов Н.** Сарчашмаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо он алоқаманд.......................................................................... 177

**Назарзода Н.Ҷ.** Заминаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташаккул ва рушди артиши дохилии ВКД Тоҷикистон (сс.1917-1991)........................................................... 181
**Масиев У.** Хусусиятҳои уҳдадории шахси ҳуқукии тиҷоратии таҷдиди сохторшаванда........................................................................................................ 188
**Обидова М.** Масъалаҳои амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳимояи судӣ...................................................................................................................... 192
**Шоев С.**Таърихи кооперативҳои истеҳсолӣ ва таҳаввули вазъи ҳуқуқии онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон .......................................................... 197
**Қиёмиддинов С.** Таҳлили ҷанбаҳои мубрами хавфҳоикоррупсия: механизмҳоиташкилиюҳуқуқии пешгирии он.................................................... 204
**Идиев Ф.Ф.** Рушди дипломатияи тоҷик дар замони истиқлолияти давлатӣ: таҳлили ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ........................................................... 210
**Дмитрик Н.А.** Тақриз ба китоби У. Меликов "Речаи ҳуқуқии объектҳои ҳуқуқи граждани дар Интернет" (Душанбе: "ЭР-граф", 2017)............................. 216

**ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМЕНИ А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**Главный редактор: Мухаммад А.Н. – член. - корр. АН РТ, доктор политических наук, профессор**

**Заместители главного редактора: Махмаджонова М.Т. – доктор философских наук,**
**Буриев И.Б. – доктор юридических наук, доцент.**
**Ответственный секретарь: Закиров Н. – кандидат философских наук**

**Члены редколлегии**:
Гаюров Ш. – доктор юридических наук, профессор
Диноршоев М – академик АН РТ, доктор философских наук
Додихудоев Х.Д. – член - корр. АН РТ, доктор философских наук, профессор
Музаффар М. – член - корр. АН РТ, доктор философских наук, профессор
Искандаров А. –доктор политических наук
Саидов А. – доктор философских наук, профессор
Олимов К. – академик, доктор философских наук
Рахимов С.Х.- доктор философских наук
Раджабов С.А. – доктор юридических наук, доцент
Тохиров Ф. - академик, доктор юридических наук, профессор
Шоисматуллоев Ш. – член-корр. АН РТ, доктор социологических наук
Шарипов Т. – доктор юридических наук, профессор.
Мирзоев Г. - кандидат философских наук

Ответственные за подготовку к печати:
Кудусов Х.С. - кандидат политических наук, доцент
Ибрагимова С.Х.
Редакция и корректура: Ходжиматова Г.М., Шарипов А.

*Статьи рецензируются. Тексты статей даются в авторской редакции.*
*Мнение редакции может не совпадать с мнением авторов.*
*При использовании и цитировании материалов ссылка на “Известия Института философии, политологии и права АН Республики Таджикистан” обязательна.*

## ОГЛАВЛЕНИЕ

### ФИЛОСОФИЯ

**Маҳмадҷонова М.Т**. Постановка и решение проблем натурфилософии в современной таджикской историко-философской науке………………………….. 10

**Аскардаев К. А., Ҳазратқулов М.** Ибни Мукаффаъ и перевод «Калила ва Димна» ………………………………………………………………………… 13

**Саидов А.С., Муминова М.О.** Совершенствование экологических действий национального субъекта и их влияние на структуризацию социальных отношений в Таджикистане ……………………………………………………… 27

**Мирзоев Г. Дж., Раджабов Х.С.** Общечеловеческие принципы гуманизма и справедливости и концепция «исламской уммы» в современных религиозных толкованиях…………………………………………………………………………… 37

**Саидҷаъфарова П.** Жизненный путь и наследие Азиза Насафи………………... 42

**Саидов И.А.** Категории причины и следствия в метафизике Ходи Сабзавори….. 48

**Нематова П.М., Низомиддинов С.Ш. -** Предметное и отраслевое поле социальной информатики…………………………………………………………… 56

**Мухамедходжаева П.А.** Основатель индийской ветви ордена накшбандия или новый реформатор религиозно-философской мысли средневековой Индии………………………………………………………………………………....... 62

**Акрамов Н., Махмаджонова М.Т.** Жизнь и философское наследие Абулайса Самарканди………………………………………………………………………… 71

**Султонов С.А.** Изучение материи в учении Ибн Сины с точки зрения некоторых европейских исследователей........................................................... 79

**Эшонхонов М.** Абулмуин Насафи- политическая, социальная и культурная обстановка его эпохи............................................................................................. 88

**Гадоев И.** Этапы подъема и упадка государства с точки зрения Ибн Халдуна…… 92

### ПОЛИТОЛОГИЯ

**Искандаров А., Сафранчук И.А., Юсуфджанов Ф.М.** Приоритеты США в Центральной Азии в 2000-е гг……………………………………………………… 98

**Раджабов С.А**., **Махмадов П.А. -** Направления, методы и особенности использования кибертерроризма против стабильности таджикского общества и меры противодействия……………………………………………………………….. 102

**Хайдаров Р.Дж.** Современные геополитические тренды и международная ситуация в Центральной Азии…………………………………………………… 109

**Мирзоев С.Т**. Причины и следствия затяжных и системных кризисов в афганском обществе............................................................................................ 114

**Махмадова Ф.А.** Некоторые вопросы переговорного процесса и посредничества в межтаджикском конфликте: проблемы и особенности……………….. 121

**Курбанова М.** Культурные ценности и идеология – основные критерии развития общества……………………………………………………………………... 128

**Каландаров М. И.** Вопросы политики и государственности в книге «Джомеъ-ул-улум» Фахриддина Рази………………………………………………….. 134

**Сохибов У.Ш.** Информационное пространство и его функции в условиях трансформации общества (опыт Таджикистана)………………………………… 138

**Джононов С.** Национальное самосознание: природа, структура, предпосылки формирования и функции…………………………………………………... 144

**Колядин А. М.**Политические институты и государственные структуры на постсоветском пространстве: проблемы доверия граждан…………………… 154

**Ализода Х.**Роль средств массовой информации в формировании общественного мнения…………………………………………………………………………… 162

**Муртазо Ашрафи.** Некоторые факторы политического ислама в Центральной Азии.......................................................................................... 167

**Сайдализода Ш.Ф**. Место и роль государственных и общественных организаций в укреплении внутренней политики государства………………………  171

## ГОСУДАРСТВО И ПРАВО

**Буриев И.Б., Шонасридинов Н.** Источникирегулирования трудовых и связанных с ними отношений……………………………………………………………  177
**Назарзода Н.Дж.** Организационно - правовые основы становления и развития внутренних войск МВД Таджикистана (1917-1991 г.г.)……………………..  181
**Масиев У.** Особенности обязательства реорганизуемого коммерческого юридического лица ……………………………………………………………………..  188
**Обидова М.**К вопросу реализации прав граждан на судебную защиту............  192
**Шоев С.** История производственных кооперативов и эволюция их правового положения в современном законодательстве Республики Таджикистан…………………………………………………………………………………  197
**Киёмиддинов С.** Анализ рисков коррупции: организационно-правовые механизмы профилактики коррупции, актуальные аспекты…...…………………  204
**Идиев Ф.Ф.** Развитие таджикской дипломатии в период государственной независимости: международно-правовой и национально-правовой анализ….  210
**Дмитрик Н.А.**Рецензия на книгу У. Меликова "Правовой режим объектов гражданских прав в Интернете" (Душанбе: "ЭР-граф", 2017)…………………..  216

**ROCEEDINGS OF THE INSTITUTE PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCES AND LAW OF THE ACADEMY OF SCIENCES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**Chief Editor:Mukhammad Abdurakhmon- Corresponding member of the AS RT , Doctor of Political Sciences, Professor**
**Deputy Editor-in-chief: Mahmadjonova M.T.- Doctor of Philosophical Sciences**
**Buriev I.B.-Doctor of Juridical Sciences, Docent**
**Executive editor Zakirov N.-Candidate of Philosophical Sciences**
**Members of editorial board:**

1. Gayurov Sh.- Doctor of Juridical Sciences, Professor
2. Dinorshoev M.-Academician AS RT, Doctor of Philosophical Sciences, Professor
3. Dodikhudoev Kh.D. -Corresponding member of the AS RT, Doctor of Philosophical Sciences
4. Muzaffar M.- Doctor of Philosophical Sciences, Professor
5. Iskandarov A - Doctor of Political Sciences
6. Saidov A. - Doctor of Philosophical Sciences .
7. Olimov Karomatullo - Academician AS RT, Doctor of Philosophical Sciences.
8. Rakhimov S. Kh.- Doctor of Philosophical Sciences
9. Rajabov S. A. - Doctor of Juridical Sciences, Professor
10. Takhirov F.- Academician AS RT, Doctor of Juridical Sciences, Professor
11. Shoismattulloev Sh.- Corresponding member of the AS RT, Doctor of Social Sciences
12. Sharipov T.- Doctor of Juridical Sciences, Professor
13. Mirzoyev Gh.– Candidate of Philosophical Sciences

**Responsible for preparation for printing:** Qudusov Kh.S. Candidate of Political Sciences, Docent
Ibrohimova S.Kh

**Editing and corrector:**Khojimatova G.M., Sharipov A.

*Articles are reviewed. Texts of articles are printed in the autors. When using and citing materials, reference to "Preceedings of the Institute of Political Sciences and Law after A Bahonaddinov of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan" is mandatory*

## PHILOSOPHY

**Mahmadjonova M.T.** Formulation of the Problems of Natural Philosophy in the Modern Tajik History and Philosiphy…………………………………………………………………... 10
**Askardaev K., Hazratkulov M.** Ibn Mukaffa and Translation of *Kalila and Dimna*……… 13
**Saidov A.S., Muminova M.O.** Improvement of Environmental Activities of the National Entity and Its Impact on the Structuring of Social Relations in Tajikistan…………………… 27
**Mirzoev G.J., Rajabov. Kh. C.** General principles of Humanism, Justice and the Teaching of the "Islamic Ummah" in Modern Religious Commentaries............................................... 37
**Saidjafarova P. Sh.** The Life and Activities of Azizi Nasafi……………………………… 42
**Saidov I.A.** The Category of Reason and Consequence in the Hadi Sabzavari Metaphysics… 48
**Nematova P.M., Nizomiddinov S.Sh. -** Subject and Branch Field of Social Informatics….. 56
**Muhamedkhojaeva P.** The Founder of Indian Branch of *Nakshbandi* Order or The New Reformer of Religious and Philosophical Thought in the Medieval India…………………… 62
**Akramov N., Mahmadjonova M.T.** Life and Philosophical Heritage of Abulays Samarqandi… 71

## POLITICAL SCIENCE

**Iskandarov A., Safranchuk I.A., A. Yusufjonov F.M.** The U.S. Priorities in Central Asia in 2000s…............................................................................................................. 98
**Rajabov S.A., Mahmadov P. A.** Directions, Methods and Features of Using Cyberterrorism Against Stability of the Tajik Society and Countermeasures……………………………….. 102
**Haydarov R.** Modern Geopolitical Trends and International Situation in Central Asia…… 109
**Mirzoev S.T.** The Causes and Consequences of Protracted and Systemic Crises in Afghan Society……………………………………………………………………………………… 114
**Mahmadova F.A.-** Some Issues of Negotiating Process and Mediation in the Inter-Tajik Conflict: Problems and Specificities……………………………………………………... 121
**Qurbanova M. U.** Cultural Values and Ideology as a Basic Criteria of the Society Development... 128
**Kalandarov M.I.** Issues o f Politics and Statehood in the Book "Jome-ul-Ulum" by Fakh Al-Din Al- Razi……………………………………………………………………………... 134
**Sohibov U. Sh.** Information Space and Its Functions in Terms of Changing Community (Experience of Tajikistan)…………………………………………………………………... 138
**Jononov S.** National Identity: Natural, Structure, Preconditions of Formation and Features... 144
**Kolyadin A.M.** Political Instituions and State Structures in the Post-Soviet Space: Problems' of Citizen's Trust……………………………………………………………………………. 154
**Alizoda Kh.** The Role of Mass Media in Shaping Public Opinion…………………………… 162
**Murtazo Ashrafi.** Some Factors of Political Islam in Central Asia………………………….. 167

## STATE AND LAW

**Buriev I. B., Shonasriddinov N.** Sources of Regulation of Labor Relations and Relations Affiliated with Labor……………………………………………………………………... 177
**Nazarzoda N.J.** Organizational and Legal Foundations of formation and Development of Internal Troops of the Ministry of Internal Affairs of Tajikistan (1917-1991)………………... 181
**Masiev U.** Features of Liabilities of Restructured Commercial Entity……………………….. 188
**Obidova M.** About Question of Realization of the Rights of the Citizens for Judicial Protection.. 192
**Shoev S.** History of Productive Cooperatives and Evolution of Their Legal Status in the Modern Legislation of the Republic of Tajikistan…………………………………………….. 197
**Kiyomiddinov S.** Analysis of Corruption Risks: Organizational and Legal Mechanisms for Preventing Corruption, Topical Aspects……………………………………………………… 204
**Idiev F.F.** Development of the Tajik Diplomacy in the Period of State Independence: International Legal and National Legal Analysis…………………………………………… 210
**Dmitrik N.A.** A Review of U. Melikov's book "The Legal Regime of Civil Rights Objects on the Internet" (Dushanbe: ER Graph, 2017)……………………………………………… 216

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН - 4 (1)/2017

## ФАЛСАФА - ФИЛОСОФИЯ

**Маҳмадҷонова М.Т. –доктори илмҳои фалсафа, ИФСҲ**

# ГУЗОРИШ ВА ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ ДАР ТАЪРИХИ МУОСИРИ ФАЛСАФАИ ТОҶИК

*Дар мақола таҳлили масъалагузории муҳақиқони ҷавони таърихи фалсафаи тоҷик, ки солҳои охир таҳқиқоти худро анҷом додаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифта таъкид мегардад, ки бинобар дастрасии бештар ба мавзӯъ, сарчашмаҳо ва таҳқиқоти соҳавӣ, инчунин дар асари вусъат ёфтани уфуқи нигариши илмӣ, дар онҳо ҷанбаҳои наву тозаи масоили таърихи фалсафаи тоҷик, алалхусус моддигароӣ ва илмгароии асримиёнагӣ ифода гардидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *машшоия, илмгароӣ, моддигароӣ, фалсафаи табиат, фалсафаи асримиёнагии тоҷик, фалсафаи тоҷик, фалсафаи форсу тоҷик.*

Ҳолати муосири таҳқиқоти таърихи фалсафӣ дар Тоҷикистон чунин ба назар мерасад, ки бинобар дар охири асри XX ва аввали асри XX1 ба таври фавқулодда ба вуҷуд омадани шароити мусоид барои таҳқиқи масоили ирфон, фалсафаи дин ва таълимоти динӣ-фалсафӣ, як андоза диққати муҳаққиқони тоҷик аз масоили фалсафаи табиатшиносӣ ба масоили дигар баргашт. Дар ин давра бештари таҳқиқоти таърихи фалсафӣ ба масоили фалсафӣ, динӣ, ахлоқӣ ва зебоишиносии самтҳои мазкури фалсафаи форсу тоҷик даст зада, аксаран хамин ҷиҳати таърихи фалсафа ва фарҳанги тоҷикро мавриди баррасӣ қарор доданд. Бояд гуфт, ки дар соҳаи мазкур як идда монографияҳои мукаммал ва академӣ таълиф шуда халои дар солҳои «атеизми ҷанговар» дар соҳаи таҳқиқи масоили метафизикии ҳастишиносӣ ба миён омадаро пур намуданд.

Дар айни замон, масъалаҳои омӯзиши яке аз муҳимтарин соҳаи фалсафаи форсу - тоҷик, яъне афкору мероси гаронбаҳои мутафаккирони машшоия ва фалсафаи табиатшиносӣ, ки таъсири беандоза дар рушду нумуи тафаккури илмии ҳавзаи исломии даври худ ва минбаъд, инчунин- илму тафаккури илмии ҷаҳонӣ ворид намуда буданд, низ давом доштанд. Дар Тоҷикистони шӯравӣ мактаби муқтадири шинохти фалсафаи мактаби машшоъ таҳти сарварии академик Мусо Диноршоев амал мекард, ки худи устод ва шумораи зиёди шогирдони эшон пахлуҳои гуногун ва вижагиҳои таълимоти ин пайравони Арастуро дар Шарқ ба оламиён шарҳу таълим медоданд.

Бояд тазаккур кард, ки он тавре олимони ҷавони минбаъд иброз медоранд, гузориши масъала ва тайини ҷанбаҳои асосии аристотелизми Шарқӣ аллакай дар мактаби мазкур баррасиву муайян гардидаанд. Аммо ин бахри бекарони маънӣ ҳанӯз ҳам лабрези илму маърифат буда, ҷанбаи таҳқиқу пажӯҳиши олимони ҷавони тоҷик қарор гирифт.

Бо пазируфтани умум аз ҷумлаи масоили қамтаҳқиқ андешаҳои илмии табиатшиносӣ, алалхусус Форобӣ, Киндӣ, Ибни Сино, Закариёи Розӣ, Берунӣ, Ровандӣ, Эроншаҳрӣ, равияи илмӣ-фалсафии «ихвону-с-сафо» ба шумор мераванд. Агар дар ин соҳа монографияҳои М.Диноршоев «Плюрализми Закариёи Розӣ» ва Х.Додхудоев «Фалсафаи исмоилияро» ном нагирем, ба мутафаккирони мазкур ва андешаву осори фалсафии онҳо як идда рисолаҳои номзадӣ бахшида шуданд, ки баррасии масоилеро аз фалсафаи табиатшиносӣ сар карда то арастугароӣ ва мантиқ фаро гирифтаанд.

Ҳангоми баррасии андешаҳои гносеологӣ-мантиқии Абунасри Форобӣ диди нав нисбати мақому манзалати мутафаккир дар фалсафа пешниҳод шуда таъкид мегардад, ки барои аввалин бор дар фалсафаи Шарқ тақсимбандии илмро анҷом дода, мақоми фалсафа, мантиқ, таносуби он бо сарфу наҳв аҳамият додааст. Форобӣ ҳамчун асосгузори машоияи Шарқӣ муаррифӣ гардида ин мавқеъ асоснок карда

мешавад. (Бахманёр Сулаймонов, Логико-гносеологические воззрения Абунасра Фараби.Д.2016-с.3-4) Форобӣ илми мантиқро чун яке аз фанҳои назариявӣ таъриф дода онро дар шинохти олам, қонуну қоидаи тафаккур воситаи асосӣ донистааст. Дар айни ҳол, Форобӣ пайрави мутлақи Арасту набуда, анъанаи назари эҷодӣ-илмӣ доштан нисбати таълимоти «муаллими аввал»-ро дар Шарқ бунёд гузоштааст. Форобӣ, чун асосгузори машоияи шарқӣ масоили мантиқ ва назарияи маърифатро кор карда, таълимоти мантиқии ӯ тамоми арзишҳои мантиқиро вусъат додааст. Муҳаққиқ дар мавриди тафсирҳои Форобӣ аз осори Арасту таъкид карда мефармояд, ки қисми бештари осори ӯро шарҳ дода дар аксари вақт онҳоро пурра менамояд. Фарқи асосии ин таҳқиқот оид ба фалсафаи Форобӣ дар он аст, ки бевосита аз сарчашмаҳо маншаъ гирифта, таълимоти мутафаккирон бо ҳам муқоиса карда мешавад.

Дар мавриди меҳру муҳаббати мутафаккирони «насли тиллоӣ» сухан карда муҳаққиқ фалсафаи табиии Ал Беруниро ҳамчун як таълимоти томи нодири асрҳои миёна ба қалам дода ӯро асосгузори мактаби натурфалсафаи Шарқ меномад. Дар айни замон мазмун ва мундариҷаи пажӯҳишҳои мактаби натурфалсафа чун пайгирӣ аз идроки мукаммали табиати том, ҷустуҷӯи сарчашма ва қонуниятҳои умумӣ, ягона ва гуногунмазмун, ошкор кардани усулҳои дохилии алоқамандиҳои таркибҳои он, хулоса-чун низоми мураккабу том муаррифӣ мегарданд. Абӯрайҳон Берунӣ ҳаёти худро барои омӯзиш ва шарҳи илмии табиат, тақсимбандии сохтори ҳодисоти табиӣ бахшида дар ин бора осори гаронбаҳо таълиф намудааст. Ӯ бунёдгузори анъанаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда пайванди таърихии дастовард ва арзишҳои илмиро возеҳу равшан нишон додааст. Берунӣ нисбат ба хурофот назари танқидӣ дошта масъалаҳои онтологӣ ва гносеологии омӯзиши нахустсабабро ба таври илмӣ гузошта аст. Дар баробари олими нуктасанҷи риёзӣ будан, ӯ дар илми мардумшиносӣ дастовардҳои назаррас дошта адёни ҷаҳонро меомӯзад ва яке аз самтҳои башаргароиро дар шакли таълимоти тааммулпазирии динӣ тарҳрезӣ намудааст. Инчунин ӯ чун яке аз аввалин методологҳои илм низ шинохта шудааст. (Маджидов Д. Натурфилософия Абу Рейхана Бируни. Д. 2015.)

Масъалаҳои мубрами натурфалсафаи форсу тоҷик чун пажӯҳиши алоҳида ба муҳаққиқ имконият додааст, то андешаи мутафаккирони давраи тиллоии рушди улуми ақлгароӣ-Закариёи Розӣ, Ибни Сино, Абурайҳон Берунӣ ва ҳаммаслаконашонро дар муқоиса бо ҳам ва фалсафаи юнони қадим мавриди баррасӣ қарор диҳад. Дар ин соҳа ба қутбнокӣ, ҳамчун принсипи таснифи ягонагии ибтидоии табиат ва ҷомеа аҳамият дода шуда, аҳамияти он дар рушди минбаъдаи фалсафа асоснок карда шудааст. Ба андешаи илмӣ-фалсафии мутафаккирон назари жарфтар карда муайян шудааст, ки як идда афкори нобиғавии эшон минбаъд сарманшаи кашфиётҳои бузурги улуми дақиқ гардидааст, масалан: усули индуксия, нақш ва мақоми таҷриба ва улуми амалӣ, таснифбандии навъӣ, бунёди назарияи эволютсионии инкишоф ва амсоли он. Таъкид мегардад, ки барои мутафаккирони мазкур фалсафаву тиб дар як асос вуҷуд дошт. Бинобар ин аксари мутафаккирони ин давра ҳам табиб ва ҳам файласуф буданд, ки ин гунаи ҷаҳонбинӣ барои вусъат додани ҳар ду самт дар асоси илмӣ имконият медиҳад. (Исмаилиахангар М.Р. Проблемы персидско-таджикской натурфилософии. Д. 2014.)

Ба таҳлили масъалаҳои метафизикаи Арасту ва таъсири он ба фалсафаи минбаъда таҳқиқоти дигаре бахшида шудааст, ки мақоми хирадро дар дарки масоили мовауттабиа омӯхтааст. Муайян гардидааст, ки саҳм ва мақоми «муаллими аввал» дар ташаккулёбии андешаҳои ҳастишиносии аксарияти кули равияҳои фалсафии Шарқ бидуни шакк буда, бевосита ба рушди хирадгароӣ дар фалсафа таъсир расонидааст. Ин таъсир ҳам дар масъалаи ҳастӣ, ҳам дар донистани нафс ва мақоми аксиденталии он дар пайдоиши махлуқоти дигар, масъалаи таҷаллии нафс ва ҳ.к. ба мушоҳида мерасад. Муҳаққиқ исбот кардааст, ки метафизика ва ҳастишиносии Носири Хусрав синтези илмии фалсафаи Арасту ва дигар мутафаккирони Юнони

Қадим буда, ҷанбаи қавии хирадгароӣ дорад. (Норбоев Ю.М. Метафизика Аристотеля и Носира Хусрава. Д. 2016.)

Хулосаи гузориши мазкур ин аст, ки рушди илму фалсафа, алалхусус, ҳувияти муҳаққиқ дар шароити имрӯзаи таъсир, дар баъзе маврид- фишор ва плюрализми иттилоотӣ, фазои озоди таҳқиқотро ба вуҷуд овардааст. Дастрасии маълумоти илмӣ ва сарчашмаҳо, аз байн рафтани монеаҳои идеологӣ, билохира- зарурати кишвар ба инкишоф додан ва қавӣ намудани сармояи зеҳнии миллат домани пажӯҳиши фалсафиро фарох гирифта шуҷоати таҳқиқии муҳаққиқони ҷавонро қудрат бахшидааст. Умед аст, ки бо сарварии устодони закиву ҳушманд, онҳо ба қуллаҳои то ҳол дастнораси пажӯҳиш расида илм ва фарҳанги миллиро боз ҳам ғанӣ мегардонанд.

Адабиёт:

**1.** М.Диноршоев. Плюрализми Закариёи Розӣ. Душанбе, 2013

**2.** Х.Додхудоев. Философия исмаилизма. Душанбе, 2011

**3.** Вольф М.Н. Софистика. Горгий Леонтийский: Трактат «О не-сущем, или О природе» в современных интерпретациях. Новосибирск, 2014.- 249с.

**4.** Сулаймонов Б. Логико-гносеологические воззрения Абунасра Фараби.Душанбе 2016-с.3-4.

**5.** Маджидов Д. Натурфилософия Абу Рейхана Бируни. Душанбе, 2015.

**6.** Исмаилиахангар М.Р. Проблемы персидско-таджикской натурфилософии. Д. 2014.

**7.** Норбоев Ю.М. Метафизика Аристотеля и Носира Хусрава. Душанбе, 2016.

**Муҳиба Маҳмадҷонова –**

**Постановка и решение проблем натурфилософии в современной таджикской историко-философской науке**

*В статье подвергается анализу ряд новых исследований по истории таджикской философии молодых исследователей, в которых вследствие большей доступности литературы и исследований, первоисточников и расширения научных горизонтов, прослеживаются новые актуальные аспекты историко-философской науки, в частности доказывается приверженность средневековых таджикских натурфилософов к материи и научному мировоззрению.*

***Ключевые слова:*** *машшаизм, научный подход, материализм, натурфилософия, средневековая таджикская философия, персидско-таджикская философия.*

**Muhiba Mahmadjonova**

**Formulation and Solution of Problems of Natural Philosophy in Modern Tajik Historical and Philosophical Science**

The article analyzes a number of new studies on the history of the Tajik philosophy of young researchers, in which, due to greater accessibility of literature and research, primary sources and expansion of scientific horizons, new topical aspects of historical and philosophical science are traced, in particular, the adherence of medieval Tajik natural philosophers to matter and the scientific worldview.

**Keywords:** mashshaism, scientific approach, materialism, natural philosophy, medieval Tajik philosophy, Persian-Tajik philosophy.

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН - 4 (1)/2017

**Аскардаев К.А**.- сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ
**Ҳазратқулов М.-** ходими калони илмии ИФСҲ АИ ҶТ

# ИБНИ МУҚАФФАЪ ВА ТАРҶУМАИ«КАЛИЛА ВА ДИМНА»

*Мақола ба ҳаёту фаъолияти Абу Муҳаммад Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ – мутафаккири шаҳири форсу тоҷик, асосгузори насри бадеии араб, беҳтарин тарҷумони матнҳои паҳлавӣ ба забони арабӣ бахшида шудааст. Ибни Муқаффаъ дар овони ҷавонӣ барои мухолифати мафкуравиаш бар зидди ҳукмронии арабҳо дар Эрон ва озодандешиаш кушта шуд. Ӯ мехост ба воситаи тарҷума ва паҳн намудани адабиёту матнҳои паҳлавӣ тавонад таъриху фарҳанги ниёгонаш ва низоми сиёсиву иҷтимоии даврро аз нав эҳё намояд.*

*Муаллифи асарҳои ахлоқии «Адаби кабир» ва «Адаби сагир». Ӯ аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ маҷмӯаи панду андарзро дар китоби «Калила ва Димна» тарҷума намуд, ки он такмилу тағйири китоби «Панчатантраи» ҳиндӣ мебошад. Минбаъд ин асар ҳамчун яке аз шоҳкориҳои адабиёти асримиёнагӣ шинохта шуд. Ин китоб на танҳо аз тарафи аҳли адабу фарҳанги араб, балки дигар қавмияту халқҳо хуш пазируфта шуд. Дар он бештар ба ҷанбаҳои ахлоқӣ ва қоидаҳои одобу рафтори ҳокимон нисбат ба муқаррабону табаа аҳамият дода мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *Муқаффаъ, Калила, Димна, озодандешӣ, ахлоқ.*

Абу Муҳаммад Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ дабир, нависанда, мутафаккир ва бузургтарин мутарҷими мероси хаттии паҳлавӣ ба забони арабӣ, бунёнгузори насри илмии араб дар соли 724 дар рустои Ҷурҷон, ки имрӯз бо номи Фирӯзобод ёд мешавад, дар минтақаи Форс ба дунё омадааст. Падараш Додвейҳ аслан форс ва пайрави зардуштия буд. Ӯ писарашро тибқи беҳтарин суннатҳои пешин тарбият мекард.

Тибқи баъзе маълумот, Додвейҳ ба иллати сӯистифода аз мансаб аз тарафи Ҳаҷҷоҷ мавриди муҷозот қарор гирифт ва бар асари шиканҷа як дасташ хушк шуд. Ба ҳамин далел ба ӯ лақаби «Муқаффаъ» доданд, ки маъноям дар тарҷума аз арабӣ «хушкидадаст» мебошад.

Ибн Муқаффаъ то замони ислом овардanash бо номи «Рӯзбеҳ» ва лақаби «Абу Амр» маъруф буд. Тибқи иттилооти ал-Балозурӣ ва Ибн ан-Надим пас аз ислом овардан ӯ номи «Абдуллоҳ» ва лақаби «Абу Муҳаммад»-ро барои худ ихтиёр кард.

Бо гузашти муддате чанд ӯро падараш ба Басра, ки яке аз марокизи маъруфи илмии он замон буд, барои омӯзиши забони арабӣ овард. Дар ин ҷо ӯ тавонист, кибо кӯмаки дӯстонаш Абулғаул ва Абуҷомус, ки аз ҷумлаи таҳсилдидатарин афроди замон буданд, гузошт. Бо баракати ҳамин амал Ибн Муқаффаъ тавонист дониши худро дар бахши забон ва адабиёти араб такмил диҳад.[1.101.]

Пас аз истилои араб Ибни Муқаффаъ дар Басра забон ва адабиёти арабро омӯхт ва бо дигар илмҳои маъмули замонаш ошноӣ пайдо кард. Ӯ назди Абӯязид ибни Умар дар вазифаи дабир ва омӯзгори писари ӯ Довуд ибни Язиди Умавӣ буд. Баъди ба сари ҳокимият омадани Аббосиён вай дабир ва омӯзгори писарони волии Басра Исо ибни Алӣ шуд. Тақрибан дар ҳамин вақт тасмим гирифт, ки ба дини ислом гарояд. Ибни Муқаффаъ ба назди амаки халифаи дуюми хилофати аббосӣ Мансури Давонақӣ омад ва расман ба ислом гаровид, ки дар ин бора ривоятҳои зиёде дар адабиёти таҳқиқӣ ироа шудаанд. Ӯ баъди ба ислом гаровиданаш, вазифаи муншии аввали хонадони бани Аббос дар Басраро соҳиб гардид.

Вақте дасисаҳо дар дарбори хилофат рӯй дод ва Исову Сулаймон ба муқобили Мансури Давонақӣ қиём карданд, халифа ба муқобили онҳо қувваҳои Абумуслимро сафарбар кард. Исову Сулаймон шикаст хӯрда, дар назди бародараш дар Басра паноҳ бурданд. Байни онҳо ва халифа Мансур «изҳорномае» (ба истилоҳи онвақта «зинҳорномае») ба имзо расид, ки дар он роҳбарони қиём сарзаниш карда шуданд.

Ин «изҳорнома»-ро Ибни Муқаффаъ тартиб дода буд. Халифаи аббосӣ Мансури Давонақӣ аз матни он «изҳорнома» гумонбар шуд ва чун ба монавия эътиқод доштани ӯро барояш хабар дода буданд, нисбат ба Ибни Муқаффаъ кине дар дилаш парварид ва ба ӯ бо назари бадбинӣ менигарист.[2.34-35.]

Ибни Муқаффаъ дар фаъолияти худ, аз як тараф, тамоюлу вобастагии хешро ба осори гузаштаи Эрони бостон ва оини қадимаи худ зоҳир менамуд ва, аз тарафи дигар, китобҳои вобаста ба одобу одот ва сайри мулуку таърихи эрониёни аҳди бостонро аз забони паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума карда, фазилатҳои волои қавмии хешро тавассути асотир, таърих, ҳукму одоби онҳо, ки намоишгари фарҳанги Эрони бостон мебошанд, гӯшзади арабҳо менамуд. Ӯ мехост, ки тамаддуни Эрони қадимро чуноне ки бояд, ба арабҳо шиносонад, онҳоро аз маърифати гузаштаи эронӣ бархурдор гардонад.

Бо ҳамин мақсад ба тарҷумаи китобҳои паҳлавӣ ба забони арабӣ пардохт ва барои аз байн нарафтани мазмуну муҳтавои пур аз рамзу розҳои адабу ирфони Эрони бостон мунтаҳои кӯшиши худро ба харҷ медод. Бузургтарин хизмати Ибни Муқаффаъ дар назди миллати хеш дар тарғибу шиносоии осори илмию адабии ниёгони мо ба дигарон, аз ҷумла ба арабҳои тоза аз даврони ҷоҳилия беруномада арзёбӣ мешавад. Ӯ яке аз намояндагони барҷастаи наҳзати шуубия буд ва номуназзамии умури хилофат ва беадолатиҳои мавҷуд дар онро натиҷаи ҷаҳлу нодонӣ мешуморид ва мардумро ба илму маърифат даъват менамуд.

Ибни Муқаффаъ аз асҳоби маъруфи монавия буд. Абурайҳони Берунӣ аз аҳли монавия будани ӯро дар «Таҳқиқ мо ли-л-ҳинд» [3.76.] таъйид намудааст. Муҳаққиқи эронӣ Саид Муртазо дар китоби маъруфи «Ғурар ва дурар» мегӯяд, ки вақте Ибн Муқаффаъро ба зиндиқа айбдор намуда, гурӯҳе аз зиндиқонро, ки писараш ҳам ба мисли худи ӯ, шомили он гурӯҳ буд, аз назди оташкадаи зардуштӣ мегузарониданд, ӯ дӯстони худро дар байни мардум дид, вале аз тарси он ки агар салом бикунад, онҳоро низ ба зиндон хоҳанд андохт, хомӯшона аз назди онҳо убур кард.[4.94.]

Чун Мансури Давонақӣ нисбат ба Ибни Муқаффаъ ҳангоми навиштани «изҳорнома»-и ёдшуда дар дилаш кин варзида буд, оқибат сабаби қатли ӯ гардид. Иллати асосии қатли ӯ ҳамон ҷонибдорӣ аз монавия буд, ки дар фаъолияташ гоҳ-гоҳе ба таври бориз ҳувайдо мешуд. Ба ибораи дигар, сабаби қатли ӯ ватанпарастии беҳад ва таассуби эрондӯстии вай мебошад. Ин масъаларо муаллифи «Таърихи Табаристон» ва Рашиди Ватвот дар яке аз рисолаҳои худ, бо истинод ба Ёқути Ҳамавӣ дар «Маҷмаъ-ул-булдон» таъйид намуданд.[5.105-108.]

Ибни Муқаффаъ дар замони хеш туфайли дониши фавқулоддаи худ дар фанни балоғату адаб ва иттилои комилаш аз аҳволи ниёгон дар байни аҳли фазлу адаб ном бароварда буд. Онҳо ба назди ӯ меомаданд, маҳфили унсу анҷумани адаб ташкил медоданд. Соҳиби «Китоб-ул-ағонӣ» қайд мекунад, ки Ибни Муқаффаъ ва чаҳордаҳ нафари дигар аз адибону шоирон маҳфили доимӣ доштанд, бо ҳам суҳбат меоростанд ва масъалаҳои гуногуни адабию бадеиро мавриди баҳсу баррасӣ қарор медоданд. Вале муташарреини замони ӯ, ки лаёқати ташкили чунин маҳфилҳоро дар соҳаи худ надоштанд, ҳамаи дӯстони Ибни Муқаффаъро ба куфру зиндиқа айбдор мекарданд. Онҳоро ба шаробхорӣ муттаҳам менамуданд.

Ҳамидулло Муставфӣ дар «Таърихи гузида»[6.300-301.] қайд карда, ки бозори таассубу такфир онқадр дар аҳди халифа Ҳодӣ авҷ гирифт, ки собиқа надошт. Муташарреин аз Абдулло ибни Муқаффаъ, Солеҳ ибни Абдулқуддус, Абдулло ибни Довуд, ки ба монигарӣ муттаҳам мешуданд, хостанд, ки дар нақизӣ, яъне ба муқобили Қуръон китобе иншо кунанд, вагарна онҳо ба куфр маҳкум хоҳанд шуд. Ибни Муқаффаъ шаш моҳ заҳмат кашид ва коре дар ин умур анҷом дода натавонист. Ҳодӣ аз ин кор воқиф шуд ва ҳамаи онҳоро ба ҳалокат бирасонд. Дар воқеъ, куштани Ибни Муқаффаъ бисёр ваҳшиёна сурат гирифтааст. Ба ақидаи Таҳа Ҳусейн сабаби марги фоҷиавии Ибни Муқаффаъ ин таълифи «Рисолаи саҳоба» мебошад, на зиндиқ, зеро ин рисола хитобан ба Мансур навишта шуда буд ва он тақрибан барно-

маи як инқилоб буд.[7.] Аввал дасту пои ӯро бурида, дар танӯр сӯзониданд, баъд ҷасадашро низ ба оташ андохтанд. Вале баъзе муҳаққиқон дар замони халифа Ҳодӣ рух додани ин ҳодисаро рад карда, соли ба қатл расидани Ибни Муқаффаъро 759 дар Басра медонанд.

Барои нишон додани мақому манзалати Ибни Муқаффаъ дар илми балоғату адаб ривоятеро муаллифони «Китоб-ул-ағонӣ» ва «Муъҷам-ул-удабо» нақл кардаанд, ки хеле ҷолиб ба назар мерасад. Ибн Муқаффаъ ва Халил ибни Аҳмад - арӯздони машҳури он замон,қабл аз он, ки бо якдигар шинос шаванд, ба мулоқоти якдигар моил буданд. Яке аз фозилони он давр маҷлисе орост ва ин ду донишманди соҳаи илму адабро даъват кард ва дар он ҷамъомад онҳо бо ҳам шиносоӣ пайдо карданд ва баҳсе оростанд. Пас аз чанде аз Халил ибни Аҳмад пурсиданд, ки рафиқи худро дар суҳбат чӣ гуна дарёфтӣ? Халил гуфт: каломи ӯро беш аз илмаш дарёфтам. Вақте Ибни Муқаффаъро пурсиданд, ки Халил ибни Аҳмадро дар суҳбат чӣ гуна дарёфтӣ? Вай гуфта: ақлашро беш аз илмаш дарёфтам.[8.46.]

Ин ривоят баъдҳо дар нисбати бисёр шоирону нависандагон ва мутафаккирони асрҳои миёна бо каме тағйирот, аз ҷумла нисбати воҳӯрии Ибни Сино бо Абӯсаид Абулхайр ва Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ бо яке аз дӯстонаш мавриди истифода қарор гирифааст. Аббос Иқболи Оштиёнӣ бо истинод ба «Китоб-ул-ағонӣ» ва «Муъҷам-ул-удабои» Ибни Халикон овардааст, ки Ибни Муқаффаъ аз ҷумлаи аъёну ашрофи асри худ буда, ҳоҷати дигаронро мебаровардааст ва дар ин росто чандин ҳикоёт дар «Уюн-ул-ахбор»-и Ибни Қутайба низ ироа гардиданд.

Муҳаққиқон Ибни Муқаффаъро яке аз муншиён ва нигорандагони забони паҳлавӣ медонанд, ки бо гузашти замон ба таҳсили адабу иншои забони арабӣ низ машғул мешуд ва чун забони паҳлавӣ аз байн мерафт ва забони маъмулии илму адабро забони арабӣ мегирифт, ӯ маҳорати худро дар ду забон - яъне тарҷумаи осори гузашта аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ сарф мекард ва бо гузашти айём ба як мутарҷими бузургу чирадаст табдил ёфт. Ибни Муқаффаъ аз дигар мутарҷумоне, ки дар маркази илмии Гундишопур осори гуногунро аз забонҳои юнониву суриёнӣ, портӣ ва ғайра ба арабӣ тарҷума менамуданд, бо он фарқ мекард, ки ӯ хусусиятҳои адабӣ, луғавӣ ва завқии ҳар ду забонро хуб эҳсос мекард ва на фақат вожаҳо ва истилоҳоти эронӣ, балки завқу табъи эрониро низ ба забони арабӣ ворид менамуд.[9.]

«Калила ва Димна»-и Ибни Муқаффаъ ва чанде аз китобҳои дигаре, ки ӯ ба забони арабӣ тарҷума кардааст, наҳзати махсуси адабие бар бахши тарҷума ба шумор меравад, ки мавриди писанди адибони арабзабон ва аҳли фазли он замон қарор гирифта буд. Ӯро аз он сабаб муншии балиғ дар таърихи тарҷума номидаанд, ки сабки махсуси ӯ, равонӣ ва муҳкамии ибороташ, ба қавли Аббос Иқболи Оштиёнӣ, бо бузургтарин муншиёни забони арабӣ рақобат мекард. Ӯ суханашро идома дода, бо боварии том таъкид намудааст, ки ҳанӯз дар забони арабӣ китобе, ки аз ҷиҳати салосат, лафзу истеҳком ва равонии калом бо тарҷумаи «Калила ва Димна»-и Ибни Муқаффаъ ҳамсанг бошад, пайдо нашудааст.

Ба ҳамин сабаб иншои «Калила ва Димна» сармашқ ва марҷаи кори дигарон дар он замон қарор гирифта ва яке аз услубҳои муассири тақлид барои адибони наҳзати Мисру Шом гардида буд. Сухан дар бораи он меравад, ки балоғати эрониёи қадим дар байни арабҳо маълум буд ва онҳо мегуфтанд, ки агар касе дар фанни балоғат бихоҳад маҳорат ёбад, бояд дар илми луғат «табаҳҳур» ҳосил кунад. Вале аҷобати кор дар он аст, ки Ибни Муқаффаъ бо тарҷумаҳои худ, бахусус тарҷумаи «Калила ва Димна» балоғату хусусиятҳои як забонро ба забони дигар дода тавонист. Дар ин бора Абуҳилоли Аскарӣ дар асараш бо номи «Саноатайн» таъкид мекунад, ки «Касе тартиби маонӣ ва истеъмоли ҳамаи қисми алфозро ба луғате аз луғот бидонад, баъд ба луғати дигар баргардад, аз санъати калом он чиро, ки дар забони аввал фароҳам дошта, дар ин забони ҷадид ҳам барои ӯ фароҳам мешавад».[10.54.]

Ба унвони намуна ҳоло метавонем чанд иқтибос аз муҳаққиқони асрҳои миёна, ки роҷеъ ба шахсияти Ибни Муқаффаъ ҳамчун адиб ва мутарҷим ироа намудаанд, бо

истинод ба таҳқиқоти Иқболи Оштиёнӣ пешкаши хонандагон намоем. Ибни Надим дар «Ал-ферист»-и худ чунин нигошта: «Ибни Муқаффаъ яке аз балиғони дараҷаи аввали забони арабист ва бузургони аҳли адаб ӯро яке аз даҳ нафар балиғони рӯзгор донистаанд». Ибни Фақеҳ дар «Ал-булдон» оварда, ки «Аҳли Эрон дар айёми гузашта аз ҷиҳати вусъати мамлакату касрати амвол ва шиддати шавкат бар умуми милал бартарӣ доштанд..., вале баъди истилои араб парокандагии куллӣ дар корашон роҳ афтод ва дар аҳди ислом аз он ҷамоати бузурге намонд, ки қобили зикр бошад, магар Абдулло ибни Муқаффаъ ва Фазл ибни Саҳл - вазир ва дабири Ибни Маъмун». Яҳё ибни Холиди Бармакӣ вазири маъруфи эронӣ, ки худ низ аз муншиёни бузурги арабист, дар бораи Ибни Муқаффаъ навишта: «Чаҳор нафаранд, ки дар фанни худ монандӣ надоранд: Халил ибни Аҳмад, Ибни Муқаффаъ, Абуҳанифа ва Ал-Физорӣ".

Китобҳое, ки Ибни Муқаффаъ аз форсӣ (паҳлавӣ) ба арабӣ тарҷума кардааст ва ё нақл намудааст, зоҳиран хеле зиёд ба назар мерасад, лекин дар маъхазҳои адабию бадеӣ номи баъзе аз онҳо зикр шудааст. Тарҷумаи китобҳое, ки ба ин мутарҷими намоёни аҳди худ нисбат медиҳанд, «Худойнома», «Оиннома», «Калила ва Димна», «Китоби тоҷ» дар сифати Анӯшервон «Маздакнома», «Гоҳнома» ва ғайра мебошанд. Ибни Абиусайбиа дар китоби машҳури худ «Уюн-ул-анбо фӣ табақот-улатиббоъ» иттилоъ дода, ки Ибни Муқаффаъ «Категория» ва «Аналитика»-и Арастуро аз забони юнонӣ ба арабӣ тарҷума кардааст. Ҳамчунин «ал-Мадхал ила кутуб ал-мантиқ»-и маъруф ба «Исоғуҷӣ»-и Фарфориус (Порфирий»-ро низ ба арабӣ баргардонидааст.[11.56.]

Бино ба иттилои Аббос Иқбол Оштиёнӣ Ибни Муқаффаъ ҳамчунин як силсила рисолаҳои тарбиявию ахлоқӣ таълиф намудааст, ки дар онҳо масъалаҳои умури кишвардорӣ, муносибати ахлоқӣ, одоби муошират ва ғайра инъикос ёфтаанд. Масалан, дар «Адаб-ул-кабир» шартҳои одоб ва умури кишвардорӣ, суннати шаҳриёрӣ, тарғиби илму дониш, дӯстию ҳамкорӣ ва дигар масоили ахлоқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. «Рисолат-ус-саҳоба» асари дигари Ибни Муқаффаъ мебошад, ки дар бораи тарзи кишвардорӣ, сифатҳои шаҳриёрӣ, адолатпарварӣ ва вазъи мавозини ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ баҳс мекунад. Дар «Ал-адаб-ус-сағир» муаллиф бештар сифатҳои ахлоқии инсон, муносибатҳои оқилонаю рафтори муаддабонаи афроди ҷамъият, тарғиби ахлоқи ҳамида ва оқибатҳои нохушоянди сифатҳои разила, муносибат ба тарбияи кӯдаконро тасвир намудааст. Фарқияти таълимоти ахлоқии Ибни Муқаффаъ аз дигар намояндагони ҳикмати амалӣ дар он зоҳир мешавад, ки ӯ афкори ахлоқии ташаккулёфта дар Эрони аҳди бостонро маллоки амали тарғиботи худ қарор додааст. Ин таълимоти ахлоқии ӯ ба мутафаккирони асрҳои миёна таъсири муассири худро боқӣ гузоштааст.

Баъзе аз муҳаққиқон муътақиданд, ки Ибни Муқаффаъ забони юнониро намедонист ва он чӣ ӯ аз файласуфони юнонӣ тарҷума карда аст, китобҳое будаанд, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума шуда буданд. Фаъолияти Ибни Муқаффаъро дар тарҷума ба назар гирифта, муҳаққиқи эронӣ М.Муҳаммадӣ дар тадқиқоташ навиштааст, ки «Ин донишманди мутарҷими эрониро набояд як мутарҷими содда донист ва дар радифи дигарон қарор дод, балки бояд аз шахсиятҳои бузурге шуморид, ки дар муҳити худ таъсири фаровон доштааст. Вай на танҳо китобҳои мутааддиде дар таъриху мантиқи адаб ва афсона аз форсӣ ба арабӣ тарҷума кардааст, балки осори гуногуне дар ҳар ришта аз худ ба ҷой гузошта, дар таърихи фарҳанги эрону араб мақоми хоссе эҳроз карда ва, аз ин рӯ, шоиста аст, ки вайро сардастаи тарҷумакунандагон ва донишмандони асри худаш биномем».[12.30.]

Дафтари таҳқиқи андарзноманависӣ «Готҳо»-и Авесторо қадимтарин андарз ба қалам додааст. Аммо ҳамчун навъи адабию ахлоқии дорои мушаххасоти шаклӣ силсилаи андарзномаҳо дар адабиёти паҳлавӣ ташаккул ёфта буданд. Ба унвони мисол ба «Андарзномаи Озарподмеҳрсипандон», «Андарзи Хусрави Кавотон», «Андарзи Бахтофарид», «Пандномаи Бузургмеҳри Бахтакон» ва бисёр дигар андарзномаҳову пандномаҳо метавон ишора кард. Чун оини зардуштӣ ва таълимоти

ҷаҳоншиносии он бештар бар асоси ахлоқ қомат барафрохта буд, дар аҳди Сосониён панду андарзнависӣ ба ҳукми анъана даромад. Ин анъана ҳатто баъди истилои араб ҳам идома пайдо кард. Мисоли барҷастаи он «Андарзи Озарфаранбағи Фаррухзод» ва як қатор пандномаҳо, аз қабили «Пандномаи Бузургмеҳри Бахтакон» мебошанд. Ин панду андарзҳо дар баробари китобҳои дорои хусусияти панду ахлоқии «Калила ва Димна», «Тӯтинома» ва «Синдбоднома», ки аз ҳиндӣ ба паҳлавӣ баргардон шудаанд, равиши пандомез ва насиҳатии ин адабиётро такмил додаанд.

Бояд чунин нуктаро дар ин ҷо ёдовар шуд, ки чун наҳзати тарҷума дар маркази илмии Гундишопур, чӣ қабл аз ислом ва чӣ баъд аз ислом, бо суръат идома дошта, вале на ҳамаи тарҷумаҳо таҳтуллафзӣ ва аз ҳар ҷиҳат комилан мутобиқ ба асл будааст. Мутарҷумон гӯё озодии бештаре дар ин кор доштаанд ва ҳангоми тарҷумаи бадеӣ мутарҷумон мувофиқи завқу салиқаи худ ё хонандагон ва ё барои мутаносиб сохтани онҳо бо муҳити исломӣ ғолибан дар китобҳои адабӣ матолиберо ҳазф ё мазмунҳои тоза ба он изофа менамуданд.[13.195.]

Т.Нёлдеке, ки дебочае ба Калила ва Димна навиштааст, дар бораи Ибни Муқаффаъ ва равиши тарҷумаи вай ҳамин нуктаро таъйид намуда, аз ҷумла мегӯяд, ки «Ибни Муқаффаъ муаллифест, ки пайваста равиши махсуси худро пайравӣ карда ва тамоми кӯшиши худро мутаваҷҷеҳи он сохта, то китобҳои мутаносиб ба завқи хонандагон, ки умдатан аз табақаи дарсхонда ва равшанфикр будаанд, ба вуҷуд оварад ва аз ин рӯ, дар ибороти китобҳое, ки ба арабӣ дароварда, тасарруф карда ва ҳатто боке ҳам надошта, ки матолибе, ки дар асли китоб набуда, бар он биафзояд».[14.82.] Чунин муносибат на танҳо ба Ибни Муқаффаъ, балки ба бештари мутарҷумони он давра хос будааст.

Барои исботи ин фикр ақидаи олими тоҷик Худоӣ Шарифзодаро дар ин ҷо овардан мумкин аст. Ӯ дар ин бора навиштааст, ки бо интихоби панҷ бод (Шер ва Гов, Кабӯтари Мутаваққеъ, Бум ва Зоғ, Бӯзина ва Сангпушт, Зоҳид ва Росу) аз китоби «Панчатантра», такмили боби «Шер ва Гов» ва се боби дигар аз «Махабхаратаи» Барзавейҳи табиб дар замони ҳукмронии Анӯшервони Сосонӣ (531-579) китоби муътабари ахлоқӣ ба вуҷуд овард. Баргардони таълифи мазкур ба забони арабӣ аз ҷониби Ибни Муқаффаъ бо исми «Калила ва Димна» онро китоби ҷаҳонӣ намуд. Агар ин фикри Худоӣ Шарифзодаро идома диҳем, маълум мегардад, ки «Калила ва Димна» бо тарҷумаи мустақим аз китоби паҳлавии Барзавейҳи табиб дар зимни «Панчатантра»-и ҳиндӣ нигошта ба забони паҳлавӣ ва аз он ба забони арабӣ ба қалами Ибни Муқаффаъ ва боз, дар навбати дигар, аз забони арабӣ дар аҳди Наср ибни Аҳмади Сомонӣ (914-942) ба порсии дарӣ баргардондани Абулфазли Балъамӣ ва ахиран ба назм овардани он аз ҷониби Рӯдакӣ тимсоли муҳим ва конуни сайри адабӣ ва баргашти он ба асли худро нишон медиҳад. [15.183.]

Дар шеъри Рӯдакӣ, ба гуфтаи Худоӣ Шарифзода, ду пора аз «Калила ва Димна» боқӣ мондааст, ки яқинан дар асли матн ҳаҷми андарзномаро доштанд. Яке аз он, пораест, ки бо мисраи «Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон» оғоз мeёбад ва ду байт дорад. Дувум, пораи чаҳорбайтӣ, ки шакли нақли ҳамосӣ дорад ва ишора ба таърихи фаро гирифтани дониш аз ҷониби мардумон дар ҷаҳон медиҳад:

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*
*Мардумони бихрад андар ҳар замон,*
*Роҳи донишро ба ҳар гуна забон.*
*Гирд карданду гиромӣ доштанд,*
*То ба санг андар ҳаме бингоштанд.*
*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама баъд бар тани ту ҷавшан аст.*

Аз «Калила ва Димна»-и ба риштаи назм кашидаи Рӯдакӣ танҳо ба ҳамин миқдор байтҳои пароканда дар манбаъҳои адабию таърихӣ дар «Луғати фурс»-и Асадии Тусӣ боқӣ мондаанд.

Агар ба таърихи овардани китоби «Калила ва Димна» назар андозем, бояд ба фаъолияти маркази илмии Гундишопур муроҷиат кунем. Дар ин марказ, ки пеш аз ҳама бо бемористонаш машҳур аст, таъсири тибби ҳиндӣ ба хубӣ эҳсос мешуд. Аз ҳамин сабаб Анушервони Одил табиби худ

Барзавейҳро бо гурӯҳе аз пизишкони эронӣ барои фаро гирифтани илми тибби ҳиндӣ ва усули табобати онҳо ба Ҳиндустон фиристод. [16.77.] Онҳо ҳамроҳи худ аз Ҳиндустон на фақат китобҳои зиёде доир ба илми тиб ва чандин табибонро оварданд, балки китобҳои дигаре дар соҳаҳои гуногуни илмию адабӣ ва фарҳангиро низ оварданд. Яке аз онҳо «Калила ва Димна» ва дигаре «Ҳикмати ҳиндуён» буд, ки охирӣ дар аҳди хилофати аббосӣ ба арабӣ тарҷума ва соли 1070 аз арабӣ ба юнонӣ тавассути Шамъуни Энтокӣ баргардонида шуда буд.

Дар аҳди Хусрави Анӯшервон дар Эрон на фақат тибби ҳиндӣ, балки нуфузи афкори ҳиндӣ ҳам дар асарҳои эронӣ ба хубӣ ҳис карда мешуд ва ин аз он сабаб буд, ки аввалан, дар рӯзгори гузашта қавму қабилаҳои ҳиндуэрониҳо таърих ва зиндагии муштарак доштанд ва бисёр масъалаҳои илмию фарҳангӣ зимни таъсири тамаддуни мутааххир ба муосир сина ба сина дода шуда, ба тамаддуни маънавии эрониён ворид мешуданд, сониян, афсонаҳои ҳиндӣ ба мисли «Калила ва Димна», ки ба забони паҳлавӣ тарҷума шуда буданд, аз рӯи таъсири мутақобилаи фарҳангӣ нуфузи фикри ҳиндиро дар осори эронӣ рӯз ба рӯз ғанӣ мегардониданд.[17.195-196.]

Ба тарҷумаи китоби «Калила ва Димна» табиби (баъзе муҳаққиқон Барзавейҳро вазир ва ҳаким пиндоштаанд) Хусрави Анӯшервон Барзавейҳ, ки ба сифати сардори гурӯҳ ба Ҳиндустон рафта буд, муқаддимае навишта, ки ҳанӯз ҳам, мувофиқи маълумоти М.Муҳаммадӣ, ин китоб дар шакли эронии он маҳфуз аст. Дар муқаддима муаллиф натиҷаҳоеро, ки бо тааммулу тафаккур дар бораи мазҳаб ва дигар умури зиндагӣ ва рӯзгори ҳиндуён гирифтааст, бо муқоисаи онҳо бо дастурҳои асосии дини зардушт ва таълимоти эронӣ зикр намудааст. Аз онҳо ба хубӣ метавон донист, ки дар ин давра фикри ҳиндӣ ва фалсафаи навафлотунӣ, то чӣ андоза дар Эрон русух карда, таълимоти зардуштро ғанитар намудааст.

Барзавейҳ бо овардани китобҳои тиббӣ ва дигар адабиёти гуногун барои Маркази илмии Гундишопур ду хизмати бузургеро анҷом дод: аввалан, ӯ чун ба табибӣ ва табобат алоқаи фавқулодда дошт, бо тарҷумаи китобҳои ҳиндӣ аз санскрит ба паҳлавӣ такони бузурге ҳам барои пешрафти назария ва ҳам ҷиҳати рушди амалии тиббӣ бахшид; дуюм дар муқаддимаи навишташуда ба «Калила ва Димна» ҳам як маълумоти мухтасар дар бораи тарҷумаи ҳоли Барзавейҳи табиб ва бо табибони фозили ҳиндӣ ошноӣ пайдо карданаш ироа шудааст ва ҳам дар бораи ихтилофи кешу мазҳабҳо ва вуруди афкори ҳиндию фалсафаи навафлотунӣ ба тарзи тафаккури эронӣ сухан рафтааст.

Саидҳусайни Наср дар «Илм ва тамаддун дар ислом» ном асараш аз забони Барзавейҳ, баъди нишон додани пешрафти улуми адабӣ дар маркази илмии Гундишопур, чунин нигоштааст: «Баъди рағбати содиқ ва ҳирси ғолиб ба тааммули илми тиб мекӯшидам, то бад-он санъат шӯҳрат ёфтам ва дар маърази муолиҷоти беморон омадам… Ва дар китоби тиб овардаанд, ки фозилтарини атибоъ он аст, ки муолиҷот аз ҷиҳати захирати охират мувозибат намояд, ки бар мулозимоти ин сират насиби дунё ҳарчи комилтар биёяд, растохези дунё мудаххир гардад… Дар ҷумла ба ин кор иқболи тамом кардам ва дар ҳар куҷо беморӣ нишон ёфтам ва рӯзгор дар он мустағриқ гардонид, то ба маёмини он дарҳои рӯзӣ ба ман кушуда гашт ва салобату мавоҳиби подшоҳон бар ман мутавотир шуд. Ва пеш аз сафари Ҳиндустон ва пас аз он анвои дӯсткорию неъмат дидам».

Онҳое, ки аз таърихи адаби аҳди қадими ориёии мо огоҳанд, ба хубӣ медонанд, ки достонҳои эронӣ бештар аз саргузашти далерону паҳлавонони давр, ки дар ҷангҳои кишварӣ аз худ шоистагӣ нишон додаанд ва онҳо дар байни мардуми мо ҳамчун достонҳои ҳамосиву паҳлавонӣ маълуманд. Аслан афсонаву достонҳои қадим, осори фикрии ҳар миллат ба шумор мераванд. Дар адабиёти араб, ки то истилоъ ва интишори онҳо давраи ҷоҳилияро аз сар мегузаронид, афсонаву хаёлпардозиҳо вуҷуд доштанд, вале онҳо, чуноне ки муҳаққиқон қайд намудаанд, аз табиати соддаву муҳити бадавии худ берун набаромада буданд ва эҳтиёҷ ба афсонаҳои миллатҳои дигар доштанд.

Бинобар он дар аҳди аввали ислом осори зиёде аз афсонаву достонҳои халқҳои дигар тарҷума гардиданд ва муҳити арабӣ

нафақат он афсонаҳои тарҷумашударо ба хушӣ пазируфт, балки онҳо нукта ва манбаи асосии афсонанависӣ дар адабиёти араб гардиданд. Ибни Надим дар «Алфеҳрист» дар оғози фасле, ки дар он китобҳои афсонанависиро зикр кардааст, таъкид мекунад, ки дар афсонаҳое, ки аз забони ҷонварон ба тариқи тамсил ҳикоят мешаванд, дар Эрони бостон аз аҳди ашконӣ сар карда, то замони сосонӣ идома пайдо карда буд, ба воситаи тарҷумаҳо ба хонандагони араб расид. Арабҳо аз қиссанависӣ, аз таҳзибу ороиши афсонаҳои эронӣ ва чаҳорчӯби сюжетҳои он берун набаромаданд.

Дар асри 8, вақте ки ҳокимият аз дасти Умавиён ба Аббосиён гузашт, нуфузи фарҳанги эронӣ на фақат дар соҳаи умури давлатдорӣ ва иқтисодиёти хилофат афзоиш ёфт, балки дар бахши адабу фарҳанг низ ниёзи мубрам ба тарҷумаи осори адабӣ, ахлоқию фарҳангӣ низ ба вуҷуд омад. Наҳзати шуубия ба тамоми соҳаҳои иҷтимоию маданӣ таъсир расонида буд. Ибни Муқаффаъ, ки яке аз намояндагони ҳаракати шуубия ба шумор мерафт, баробари дигар китобҳо «Калила ва Димна»-ро аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума кард ва зимни он, чуноне ки дар боло қайд шуд, таъғироту иловаҳо ворид намуд. Ин китоб аз тарафи аҳли адабу фарҳанги араб, балки дигар халқу қавмиятҳо низ хуш пазируфта шуд.

Соли 1144 Абулмаоли Насруллоҳ бар асоси нусхаи тақдимшуда тавассути дӯсташ Алӣ ибни Иброҳим ба манзури аз ҳикмату хирад бахра бурдани мардум ва тақрири самару таҳрири ҳикоёту тафҳими ҳикмат, аз арабӣ ба форсӣ гардонид ва зимни он матни асарро бо байту масалҳо ва панду ҳикмат такмил намуд. Абулмаолӣ қадри сухани тарҷумонҳои дигарро эътироф карда, мегӯяд, ки ҳар мутарҷим тибқи лаёқати худаш тамсилҳои «Калила ва Димна»-ро ба хонандагон ироа намудааст. Ин тарҷумаи ӯ аз 14 боб, ба фикри адабиётшинос А.Афсаҳзот аз 16 боб иборат аст. Ин бобҳоро Холиқ Мирзозода чунин шарҳ додааст: «боби аввал дар бораи дӯстии ду шахс, ба миён даромадани шахси хабаркаш ва дӯстиро ба душманӣ табдил додани ӯ баҳс мекунад. Вобаста ба ҳамин мавзӯъ ҳикояти Шер ва Гов оварда шудааст. Боби дуюм ба тафтиши кору амали Димна баррасӣ шудааст. Боби сеюм роҷеъ ба аҳамияти дӯстӣ дар ҳикояти зоғ, муш, кабӯтар, сардорашон Мутаввақа ва сангпушт маълумот медиҳад. Боби чаҳорум дар мавриди ба мулотифати фирефта шудан баҳс мекунад ва ҳикояти бум ва зоғ ироа гардидааст».[18.403.]

Дар бобҳои минбаъда ҳикояти маймунҳо, таҷлили кори амали муфид дар мисоли ҳикояти «ан-Носик ва Ибни Ирс», ҳикояти илм ва ҷомеа, аҳли кина ва адоват, нигоҳ доштани ҷон ва риояти нафс аз бадии дигарон, зарар нарасондан ба ҷанговарон, гӯш додан ба панди носеҳон, меҳмону меҳмондорӣ, хислатҳои сутудаи подшоҳон аз қабили ҳилм, саховат ва шуҷоат, ҳикояти подшоҳи Ҳинд ва хоби ӯ, накӯии хизматгорон ва тарбияти онҳо, ҳикояти сайёҳ ва заргар, хабардор будани одами зирак аз бало ва ғайра оварда шуда, ҳар як аз ин мавзӯъҳо бо як ҳикояти тамсилӣ оро дода шудаанд.

«Калила ва Димна»-и Абулмаолӣ маъруфтарин китоб дар таърихи адабиёти форс-тоҷик ба шумор меравад ва аксари муаллифони баъдина онро ба унвони марҷаъ қабул кардаанд. Соли 1227 Аҳмади Конеӣ «Калила ва Димна»-ро ба номи яке аз ҳукмронони салҷуқӣ Иззуддини Кайковус ба риштаи назм кашид, ки як нусхаи он дар музеи Британия маҳфуз аст. А.Афсаҳзод роҷеъ ба сайри таърихии минбаъдаи «Калила ва Димна» сухан ронда, аз ҷумла навиштааст, ки ҷунбиши адабию илмие, ки пас аз истилои муғул дар асри 15 дар Осиёи Миёна ва Хуросон ба амал омад, ба инкишофи фикрии ин сарзамин таконе дод ва ин ҳодиса боиси бори дигар рӯ оварда ба «Калила ва Димна» гардид.[19.404.] Ҳусайн Воизи Кошифӣ матни тарҷумаи Абулмаолиро бори дигар таҳрир намуда, ба он «Анвори Суҳайлӣ» ном гузошт. Ӯ номҳои аслии бобҳоро як сӯ гузошт, ба ҳар боб мувофиқи мазмуни он унвоне гузошт ва баъзе ҳикояҳои тамсилиро низ ба он илҳоқ намуд. «Анвори Суҳайлӣ» дар замони муаллиф ва пас аз он махсусан дар Ҳиндустон шӯҳрати зиёде пайдо кард.

Дар Ҳиндустон дар замони ҳукмронии Акбар (156-1605) дар асоси «Анвори

Суҳайлӣ» Абулфазл ибни Муборак «Илёри дониш» ном китоберо тадвин намуд ва соли 1945 дар Теҳрон Ҷаҳонбахши Ҷомеҳрӣ «Калила ва Димна»-и манзумро ба вуҷуд овард. «Калила ва Димна»-и Абулмаолӣ минбаъд ба забонҳои яҳудии қадим (1270), лотинии қадим (а.13), испании кадим (1251), лотинии миёна (1270) ва лотинии нав (1313), немисӣ (1480), итолиёвӣ (1552 ва 1583), англисӣ (1570), голландӣ (1623), даниягӣ (1518), франсавӣ (1724), туркӣ, ӯзбекӣ, тоторӣ (ҷамъан қариб ба 60 забон) тарҷума гардидааст, ки асли онҳо аз матни Ибни Муқаффаъ гирифта шудааст.

Китоби «Алфа лайли ва лайла» дар форсӣ ҳамон китоби «Ҳазору як шаб» мебошад. Китоби «Ҳазор афсона»-и паҳлавӣ, ки дар асрҳои нахустини исломӣ ба арабӣ тарҷума шуда буд, асли ҳамон китоби «Ҳазору як шаб» аст. М.Муҳаммадӣ дар ин бора ба баҳси муфассале пардохта, аз ҷумла қайд мекунад, ки Силвестер де Сасӣ яке аз муҳаққиқони франсавист, ки роҷеъ ба «Ҳазору як шаб» таҳқиқоте анҷом дода ва натиҷаи таҳқиқи худро дар маҷаллаи «Номаи донишварон» ва дигар маҷаллаҳои илмӣ чоп кардааст. Вале ӯ нуқтаи назари Масъудӣ ва Ибни Надимро дар ин бора нодида гирифта, иштибоҳан китоби «Ҳазору як шаб»-ро аз оғоз то анҷом як таълифи арабӣ донистааст.[20.47.]

Баъдтар назари Силвестер де Сассиро муҳаққиқи олмонӣ фон Хумер рад карда, соли 1819 дар маҷаллаи олмонӣ мақолае чоп намуда, дар он таъкид кардааст, ки асли китоби «Ҳазору як шаб»-и кунунӣ аз «Ҳазор афсона»-и паҳлавӣ сарчашма гирифтааст. Чандин нафар аз ховаршиносони Ғарб, ба мисли Мюллер ва Нёлдеке низ дар ин бора ибрози назар намудаанд. Couskan ном олими англис тамоми масоили ин баҳсҳоро ҷамъбаст намуда, аз ҷумла иброз доштааст, ки афсонаи аслии «Ҳазору як шаб» шабеҳ ба баъзе афсонаҳои санскритӣ мебошад ва асли «Ҳазор афсона»-и паҳлавӣ аз афсонаҳои қадимии ҳиндӣ будааст, ки эрониён онро ба паҳлавӣ гардонида буданд.

Мо ин баҳси адабиро дар таҳлили масъалаи «Калила ва Димна» беҳтар дарк карда метавонем. Ин асари ҳиндӣ аз қиссаву ҳикоятҳо иборат мебошад, ки ғолибан аз забони ҳайвонот нақл шудааст. Ин тарзи сохтори асари адабии ҳунариро Худоӣ Шарифзода қисса андар қисса, ҳикоят андар ҳикоят меномад, ки муносиби навъи ҳикояти марказӣ унвонгузорӣ шудааст. Ҳикояти бунёдии решапайванд бештар маънои муносиби матлаби худро тақозо мекунад ва дар нисбати он ҳикояти баъдӣ маънои тамсилӣ пайдо мекунад.[21.183.] Бинобар он, Холиқ Мирзозода қайд мекунад, ки «Калила ва Димна» сюжети муайян надорад. Ҳар боб ва ҳикояти он дорои сюжети алоҳида мебошад. Тарзи баёни асар пеш аз овардани ҳикоят баёни мақсад буда, барои тасдиқи фикр ба тариқи масал ҳикояте оварда мешавад, ки қаҳрамонони он ҳайвонот, паррандагон ва дар баъзе маврид инсон мебошад.

Таърихи интишори «Калила ва Димна» аз ҳиндӣ ба паҳлавӣ, аз он ба арабӣ ва аз он ба форсии манзуму мансур ва ниҳоят навишта шудани «Калила ва Димна»-и Абулмаолӣ ба он шаҳодат медиҳад, ки ин асар ҳам тарбиявию ахлоқӣ ва ҳам ба умури давлатдорию шаҳриёрӣ дар он замон муфид ва зарур будааст.[22.402.] Асли онро гурӯҳе, ки бо сарварии табиби Нӯшервон ба Ҳиндустон рафта буд, ба Эрон овард. Барзавейҳ онро солҳои 1759-1763 аз санскрит (парокрит) ба паҳлавӣ баргардонд ва зимни он аз дигар манбаъҳо, аз ҷумла, аз «Махабхарата» истифода намуд. Соли 750 аз асли паҳлавӣ як шахси эронинажоди масеҳӣ бо номи Буд онро ба забони суриёнӣ баргардонид.

Таҳқиқотҳои зиёде, ки дар ин росто анҷом дода шудаанд, ба он шаҳодат медиҳанд, ки мазмуни ин асар аз таҳзиби нафси саркаши инсонӣ, ислоҳи ахлоқи иҷтимоӣ ва беҳбудии муомилаи мутақобилаи одамон иборат мебошад. Ҳамчунин тадқиқотҳои мазкур нишон медиҳанд, ки ба асли ин китоби ҳиндӣ, ки «Панчатантро» мебошад, фаслҳое низ ҳам тавассути мутарҷими он аз забони ҳиндӣ ба забони паҳлавӣ ва ҳам тавассути мутарҷими он аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ изофа шудаанд. Муҳаққиқи эронӣ М.Муҳаммадӣ дар ин бора дар таҳқиқоташ оварда, ки китоби «Калила ва Димна» дар Эрон ҳамон сарнавиштеро дошта, ки китоби «Ҳазор афсона» баъд аз тарҷума ба забони арабӣ ба он дучор

шудааст. Яъне ҳар дуи ин китобҳо пас аз тарҷума шудан аз забони аслӣ ба воситаи матолибе, ки ба онҳо афзуда гашта, бо асли худ ихтилоф пайдо карда, бо ин фарқ, ки ин ихтилоф дар «Калила ва Димна» камтар ва дар «Ҳазор афсона» бештар будааст».[23.49.]

Роҷеъ ба миқдори бобҳои «Калила ва Димна» низ ихтилофи назар мавҷуд аст. Ибни Надим, ки тақрибан ду аср баъди тарҷума шудани ин китоб ба забони арабӣ зиндагӣ кардааст, «Калила ва Димна»-ро аз 17 боб иборат медонад. Силвестер де Сасӣ онро шомили 18 боб ба қалам додааст. Ӯ тадқиқоти худро бори аввал аз рӯи нусхаи арабии «Калила ва Димна» соли 1816 ҷамъбаст намуда, нусхаи арабии «Калила ва Димна»-ро дар Париж чоп кард ва натиҷаи таҳқиқоти худро ба унвони муқаддима ба забони франсавӣ дар он ҷой дод. Мувофиқи тадқиқоти анҷомшудаи ӯ «Калила ва Димна» аз 18 боб иборат буда, ду боби он дар давраи ислом, баъд аз ба арабӣ тарҷума шудани он, ва шаш боби он дар Эрони давраи сосонӣ, пас аз тарҷума шудан ба забони паҳлавӣ ба он афзуда шудааст. Танҳо 10 боби он аз китоби ҳиндии «Панчатантра»-и асл тарҷума шудааст.

Худоӣ Шарифзода дар асари ёдшуда дар бораи ин асар навиштааст, ки бузургтарин китоби тамсилии адабиёти ҷаҳон ҳам аз ҷиҳати интишор миёни мардумони олам ва касрати тарҷумаҳо «Калила ва Димна»-ро, агар донист бошем, шояд дар ин назар ҳарфи газоф нагуфтаем. Аз осори қадим ва асрҳои миёна шуҳрате аз он бузургтар собиқа надорад. Фирдавсӣ китоби «Калила ва Димна» ва сайри онро аз Ҳинд ба Эрон ва аз паҳлавӣ ба арабӣ ва аз арабӣ ба форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ хуб медонист. Манбаи ин огоҳии ӯ тарҷумаи адабии Ибни Муқаффаъ, шояд худи матни Рӯдакӣ ва мустақиман ахбори «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ буда бошад. Фирдавсӣ ду маротиба аз ин китоб ёд мекунад. Бори аввал номи «Калила ва Димна» дар замони подшоҳии Нӯшинравон ёд шудааст, дар тамсили арзиши ин китоб ва дар бахши «Гуфтор андар овардани «Калила ва Димна» аз Ҳиндустон».

Муҳаққиқи ёдшуда дар таҳқиқоташ, дар иртибот ба ҳамин масъала воқеаи ҷолиберо, ки хусусияти тамсилӣ дорад, чунин ироа намудааст, ки онро айнан меорем: Шодони Бурзин ба даргоҳи Нӯшинравон гуфт, ки имрӯз дар дафтари ҳиндувон нигоҳ кардам, чунин набишта буд: - Бар кӯҳи Ҳинд гиёҳест ба монанди паранди румӣ. Агар онро роҳнамоӣ гирд овараду биёмезад, чун бар мурда бипароганад, дар замон зинда (сухангӯй) гардад. Пизишки сароянда Барзавейҳ паймудани роҳ ва кушодани ин шигифтро ба ӯҳда гирифт. Шоҳ ба ӯ гуфт, ки ин будан нашояд ва бар озмун шудани он мумкин аст.

Барзавейҳ ба назди подшоҳи Ҳинд Рой чу шахси фиристода биомад. Рой ба ӯ гуфт, ки яке аз бараҳманон ба кӯҳ ин сирро медонад. Бо амри Рой гурӯҳи пизишкон бо Барзавейҳ ба кӯҳ рӯй ниҳоданд. Гиёҳҳо зи хушку тар барчид ва аз ҳар гунае ба мурда пароганд. Аз гиёҳ ягон мурда зинда нашуд. Пас аз он бихрадон бипурсид, ки аз худ донотар киро донед?

*Ба посух шуданд анҷуман ҳамсахун,*
*Ки донанда пирест, эдар каҳун.*
*Ба солу хирад ӯ зи мо меҳтар аст,*
*Зи дониш зи ҳар меҳтаре беҳтар аст.*
*[24.223.]*

Барзавейҳ аз ҳиндувон роҳнамоӣ ба сӯи ӯро хост, магар он донои пир ба ман роҳнамой бошад. Барзавейҳро назди вай бурданд. Назди ӯ ранҷҳояшро роз кард ва аз кори набишта чизи дигар гуфт:

*Гиё чун сахун дону донишгун кӯҳ,*
*Ки бошад ҳамасола ӯро шукӯҳ.*
*Тани мурда чу марди бедониш аст,*
*Ки доно ба ҳар ҷой бо ромиш аст.*
*Ба дониш бувад бегумон зинда мард,*
*Хунук ранҷбардори поянда мард.*
*Чу мардум зи нодонӣ ояд сутӯҳ,*
*Гӯё чун Калиласту дониш чу кӯҳ.*
*Китобе ба дониш намоянда роҳ,*
*Биёбӣ чу ҷӯбе ту аз ганҷи шоҳ.*
*[25.223-224.]*

Силвестер де Сасӣ муътақид аст, ки ду бобе, ки дар аҳди аввали ислом ба ин китоб ҳамроҳ шудааст, яке боби аввали он мебошад, ки ба қалами Али ибни Шоҳи Форсӣ тааллуқ дорад ва боби сеюми онро Ибни Муқаффаъ ба он изофа намудааст.

Аз шаш бобе, ки дар давраи Сосониён ба он ҳамроҳ шуда буд, бобҳои чаҳорум ва аз чаҳордаҳум то ҳаждаҳум мебошад. Вале Аббос Иқболи Оштиёнӣ, ки дар чанд сол қабл аз ӯ тадқиқоти муфассале роҷеъ ба фаъолияти Ибни Муқаффаъ анҷом додааст, «Калила ва Димна»-ро аз 19 боб иборат медонад. Холиқ Мирзозода «Калила ва Димна»-и Абулмаолиро шомили муқаддима ва 14 боб гуфтааст.

Ин муҳаққиқи эронӣ шарҳ дода, ки «Калила ва Димна» номи ду шағол аст, ки боби аввали китоб ба зикри достони онҳо шурӯъ мешавад. Асли номи ҳиндии ин ду шағол «Картеко» ва «Дамнеко» будааст, ки пас аз нақл ба забони паҳлавӣ «Калиг» ва «Дамег» гардида ва ба забони арабӣ ба сурати «Калила ва Димна» даромадааст. Иқболи Оштиёнӣ ин китобро ба сурате, ки имрӯз дар даст ҳаст, аз се қисмат иборат медонад. Қисмати аввали он ҳамон достони асили ҳиндист. Бахши дуюми он достонҳои эронӣ аст, ки пас аз тарҷумаи ҳикоятҳои ҳиндӣ ба паҳлавӣ, ба он афзуда шудааст ва бахши сеюми он бобҳое мебошанд, ки пас аз тарҷумаи он ба забони арабӣ ба он илҳоқ шудаанд.

Дар ин ҷо ақидаҳои Силвестер де Сасӣ ва Иқболи Оштиёнӣ ба ҷуз миқдори бобҳо ба ҳам монананд, вале баъзе нуктаҳои ҷузъии он бо ҳам тафовут доранд. Ҳикоёти асили ҳиндии «Калила ва Димна» (Бобҳои ал-асад ва-с-савр, ал-ҳамомат ал-матаввақа, ал-бум ва-л-ғуроб, ал-қирд ва-с-салҳафо, ан-носик ва ибн ирс) маҷмӯаи ҳикоётест, ки дар байни мардуми Ҳинд аз қадим маъруф буда, асли санскрити онҳо ҳоло ҳам боқӣ мондаанд. Шарқшиноси олмонӣ Ҳортел муътақид аст, ки ин маҷмӯаи панҷгонаро тақрибан солҳои 300 мелодӣ як нафар аз браҳманҳои ҳиндӣ таълиф намудааст. Дар ин бора К.Брокелманн иттилоъдодааст.[26.82.]

Вақте як нусхаи ин маҷмӯаи панҷгона ба дасти эрониҳо афтод, онҳо онро бо баъзе достонҳои дигари ҳиндӣ аз санскрит ба паҳлавӣ тарҷума намуда, «Калила ва Димна»-ро тадвин намуданд. Бақияи фикри Иқболи Оштиёнӣ дар бораи бобҳои илҳоқнамудаи Барзавейҳ ва Ибни Муқаффаъ ба фикри Силвестер де Сасӣ монанд аст. Иқболи Оштиёнӣ ҳамчунин иттилоъ дода, ки аз достонҳои дигари ба ҷуз маҷмӯаи панҷгонаи ҳиндӣ, се боби «Калила ва Димна» аз китоби дувоздаҳуми «Мхабхарата» тарҷума шудааст, вале маншаи бобҳои дигари он дақиқан маълум нест.

Ба ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки «Калила ва Димна»-и арабӣ як тарҷумаи комил аз забони ҳиндӣ набуда, он омехтае аз унсурҳои афсонаҳои ҳиндуэронӣ мебошад, ки ба забони арабӣ тарҷума ва ба фарҳангу адаби ислом дохил шудааст. Чунин нуктаро низ қайд намудан зарур аст, ки вақте «Калила ва Димна» ба забони паҳлавӣ тарҷума шуда буд, дар Эрони бостон аз он истиқболи пуршӯре ба амал омад ва сабаби чунин истиқбол аз он будааст, ки байни таълимоти ахлоқии зардуштия ва муҳтавои китоби «Калила ва Димна» шабоҳати зиёде ба назар мерасид.

Худоӣ Шарифзода бо истинод ба муҳаққиқи эронӣ Аҳмади Тафаззул иброз дошта, ки бахши муҳиме аз адабиёти монавиро достонҳои тамсилӣ ташкил медиҳанд. Ин достонҳои тамсилӣ воситаи хубе барои таблиғу ташвиқи таълимоти онҳо буд. Сайри ин достонҳо ба форсии миёна, портӣ ва суғдӣ анҷом меёфт. Брагинский И.С. ҳикояти «Се моҳӣ ва ду сайёд»-ро аз тамсилоти суғдии Монӣ нақл карда ва нависандагони китоби «Литература Древнего Востока» муқоисаи матни «Калила ва Димна» ба забони русиро анҷом додаанд.[27.225.]

М.Муҳаммадӣ дар бахши охири тадқиқоти худ бо истинод ба Диноварӣ ва Фирдавсӣ нақли ҷолиберо оварда, ки ба аҳамияти ин китоб дар даврони сосонӣ далолат мекунад. Вақте ки Хусрави Анӯшервон бар падараш Ҳурмуз қиём кард ва ӯро ба зиндон андохт, яке аз сардорони номии Ҳурмуз Баҳроми Чӯбина буд, ки ба фармонҳои Ҳурмуз гӯш намедод ва оқибат ба муқобили ӯ баромада буд. Ин сарфармондеҳ ба Анӯшервон низ итоат накард. Хусрави Анӯшервон ба таври маҳрамона ба яке аз сипоҳиёни наздики худ дастур дод, то ба ӯрдугоҳи Баҳроми Чӯбина равад ва аз тарзи рафтор ва авзои лашкари ӯ ахборе ба ӯ биёварад. Он марди сипоҳӣ махфиёна ба Ҳамадон рафт ва муддате дар ӯрдугоҳи ӯ ба хидмат даромад ва вақте ба назди Анӯшервон баргашт ва вазъи лашкари

Чӯбинаро баён мекард, аз ҷумла гуфт: Чӯбина ба ҳар ҷое, ки фуруд меояд, китоби «Калила ва Димна»-ро аз бар мегирад ва тамоми рӯз онро мутолиа мекунад.

Хусрави Анӯшервон баъди шунидани ин суханон ба доиёни худ рӯ оварда гуфт: «Ман ҳаргиз аз Баҳром чун акнун ҳароснок нашуда будам, ки шунидам ӯ ба хондани «Калила ва Димна» мудовимат мекунад…» Анӯшервони Одил пас аз тарҷумаи «Калила ва Димна» аз Барзавейҳ хоҳиш намуд, ки муқаддимае бар ин китоб нависад, вале Барзавейҳ аз Анӯшервон дархост намуд, ки ин корро вазири ӯ Бузургмеҳр анҷом бидиҳад. Ҳамин тариқ, Бузургмеҳр муқаддимае (бобе) ба номи ӯ нигошта, ҳамвора фаъолияти Барзавейҳро дар он зикр кард.

Роҷеъ ба Барзавейҳи табиб, ки маълум мешавад дар илми адаб низ маҳорати баланд доштааст, ба ҷуз дар ин китоб дар дигар маъхазҳо ва адабиёти тиббӣ иттилое дода нашудааст. Аз ин рӯ, баъзе аз муҳаққиқон ба мавҷудияти чунин табиб шак намудаанд. Китоби «Калила ва Димна» ягона марҷаест, ки шарҳи ҳол ва зиндагии ин табибро ироа намудааст ва муаллифи якчанд асарҳои тарҷумавӣ ба паҳлавӣ будааст. Иқболи Оштиёнӣ дар ин маврид дар тадқиқоти худ бобе таҳти унвони «Барзавейҳи табиб» ихтисос дода, ба баъзе масоили шубҳаовар равшанӣ андохтааст.[28.82.]

Мувофиқи маълумоти ӯ андаке баъд аз тарҷумаи «Калила ва Димна» як нафар рӯҳонии исавӣ китоби мазкурро аз паҳлавӣ ба суриёнӣ тарҷума намудааст. Ба назар чунин мерасад, ки аз ин нусхаи суриёнӣ касе иттилоъ надошта ва танҳо соли 1287 ҳ. (1870) дар яке аз дайрҳои шаҳри Мардин (Осиёи Хурд) Bickell ном Шарқшиноси олмонӣ онро бо як тарҷумаи олмонӣ соли 1293 ҳ. (1876) дар Лейпсиг аз чоп баровард ва ҳамкасби дигари олмонии ӯ бо номи Benfey муқаддимаи муфассале навишта, дар он ихтилофоти нусхаи арабии Ибни Муқаффаъ бо нусхаи суриёнии қадим ва осоре, ки ҳанӯз аз нусхаи суриёнӣ боқӣ буд, батафсил ба баҳс пардохт ва Keith-Falconer- мутарҷими«Калила ва Димна» ба забони англисӣ таҳқиқоти Benfey-ро дар муқаддимаи пурмӯҳтавои худ ҷой дод.

Нусхаи паҳлавии «Калила ва Димна», ки Барзавейҳи табиб, ки ҳакими замони худ низ буд, тарҷума карда буд, то а.9 боқӣ буд ва баъди ба забони арабӣ тавассути Ибни Муқаффаъ тарҷума шуданаш, нусхаи паҳлавии он ба сабаби забони паҳлавиро надонистани аксари донишмандон ба хотири фаромӯшӣ супорида шуд. Бояд қайд кард, ки дар нусхаи тарҷумаи суриёнӣ, ки аз паҳлавӣ тарҷума шуда буд, аз 10 боб иборат аст. Бобҳои изофие, ки ба «Калила ва Димна» изофа карда шуда буд, шомили тарҷумаи суриёнӣ нашудааст. Танҳо боби ахир («Алмалик-ул-ҷузрон ва вазроа»)-ро, ки баъдан Т.Нёлдеке назари ҳамаи олимонро ҷамъбаст намуда, бо тасҳеҳи марбута дар бораи он ки ин боб ба қалами эрониён тааллуқ дорад, соли 1879 онро ба табъ расонид. Чунин нуктаро низ дар ин ҷо бояд тазаккур дод, ки Абулмаолӣ муншӣ ва мутарҷими Калилаи Баҳромшоҳӣ дар бораи тарҷумаи худ аз забони Ибни Муқаффаъ гуфтааст: «Чун аҳолии форсро дидем, ки ин китобро аз забони ҳиндӣ ба паҳлавӣ тарҷума карданд, хостем, ки аҳли Ироқу Шом ва Ҳиҷозро аз он насибе бошад ва ба луғати тозӣ, ки забони эшон аст, тарҷума кардаем».

Баъди ба забони арабӣ тарҷума шудани «Калила ва Димна», чун он мавзӯи тозае барои арабҳо ба шумор мерафт, хеле аз шоирони араб ба мисли Обон ибни Абдулҳамид ал-Лоҳиқӣ, Алӣ ибни Довуд ва Бишр ибни Муътамар онро ба риштаи назм кашиданд, баъзе адибони араб ба мисли Саҳл ибни Ҳорун ва Салм - соҳиби китобхонаи «Байтулҳикмат»-и Бағдод мухтасари «Калила ва Димна»-ро бо шарҳу эзоҳот тартиб додаанд.

Ибни Муқаффаъ дар аксари соҳаҳои илми замони худ, аз қабили таърих, адаб, фалсафа, ахлоқ, мантиқ ва ғайра устоди мумтоз будааст ва китобҳои зиёдеро дар ин соҳаҳо аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума кардааст. Яке аз китобҳое, ки тарҷумаи он ба қалами Ибни Муқаффаъ тааллуқ дорад, «Номаи Тансар» мебошад.[29.315-316.] Тансар мубади мубадони аҳди Ардашери Бобакон буд, номашро Деххудо дар «Луғатнома» Баҳроми Ҳирзода гуфтааст. Нақши мубади мубадон, сипаҳбудон ва дабирон дар ҷомеаи сосонӣ, хусусан байни табақаи ашроф ниҳоят бу-

зург доништа мешуд. Ардашери Бобакон алоқаи дӯстӣ бо Тансар дошт. Бино ба маълумоти «Динкард» Ардашер Тансарро ба дарбор хонда, ба ӯ фармудааст, ки матни парокандаи «Авесто»-и аҳди ашкониро гирдоварӣ намояд. Дар ин бора Муқаддасӣ низ дар «Китоб-ул-бидъ ва-т-таърих» маълумот додааст.

Муаррихи юнонӣ Гардезӣ мегӯяд, ки Ардашер ибни Бобакро аз он сабаб «Сосони ҷомеъ» номидаанд, ки ӯ бар ҳамаи доноёни форс фармони ҷамъоварии китобҳои муғонро додааст. Писари Ардашер - Шопури I кори падаршро идома додааст ва бо дастури ӯ ҳамаи дастовардҳои илми тиб, ҷуғрофия, ситорашиносӣ ва фалсафаи Ҳинду Юнонро ҷамъоварӣ намудаанд. Дар замони Шопури II ихтилофоте, ки дар маънии баъзе ҷузъҳои Авесто мавҷуд буданд, Тансар онҳоро рафъ намуд. Тансарро баъзе муҳаққиқон тарғиботчие мешуморанд, ки гӯё тамоми умрашро барои ҷамъоварию омӯхтани қисматҳои парокандаи Авесто сарф намудааст.

Тибқи иттилои Эҳсон Табарӣ чаҳор тан бузургтарин мубадони зардуштӣ (Тансар, Ардвиров, Картир ва Озарподмеҳрсипандон) вуҷуд доштанд, ки дар ташаккули муҷаддади ҷаҳонбинии зардуштӣ нақши муҳим доштаанд. Тансар яке аз онҳо буд, ки аз ӯ то ба рӯзгори мо таҳти унвони «Номаи Тансар» боқӣ мондааст, ки ба подшоҳи Табаристон Густоспшоҳ навишта шудааст. Ин номаро Ибни Муқаффаъ аз забони паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума намудааст. Ин нома аслан номаи ҷавобӣ ба Густоспшоҳ мебошад, ки ба эътирозоти ӯ дар бораи тарзи ҳукмронии Ардашер мебошад. Дар номаи ҷавобӣ Тансар саъй намудааст, то собит намояд, ки Ардашери Бобакон дар корҳои худ аз рӯи адлу инсоф қадам мегузорад ва оқилона рафтор мекунад.

Бино ба маълумоти маъхазҳо асли «Номаи «Тансар» дар дасти Ибни Муқаффаъ набуда ва ӯ аз рӯи нусхаи паҳлавии баргардондашуда аз нусхаи асл дар солҳои 570 кор кардааст. Муҳаққиқон ин номаро як санади таърихӣ арзёбӣ намудаанд, ки дар он бисёр масъалаҳои марбут ба муассисаҳои давлатӣ, идорӣ ва мазҳабии аҳди Сосониён мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ибни Муқаффаъ ин номаро барои он ба арабӣ тарҷума кардааст, ки осоре аз аҳди қадими ниёгонамонро наҷот диҳад, вагарна барои арабҳо ин нома, ки мавзӯи баҳсаш ба матолиби тоисломии эрониён вобаста мебошад, ҳеҷ заҳмате надоштааст.

Матни паҳлавии «Номаи Тансар» боқӣ намондааст, вале тарҷумаи форсии он дар «Таърихи Табаристон»-и Ибни Исфандиёр боқист. А.Кристенсен дар «Эрон дар замони Сосониён» қайд кардааст, ки ин нома тақрибан солҳои 557-570 навишта шуда, соли 1824 дар журнали франсавии «Маҷаллаи Осиё» нашр шуда буд. Нусхаи қадими онро муҳаққиқи эронӣ Муҷтабо Минавӣ пайдо намуда, соли 1933 онро аз нав интишор дод. Он барои шинохти ҷомеаи сосонӣ мадраки муҳим ба шумор меравад.[30.61-63.]

Китоби дигаре, ки тарҷумаи он аз паҳлавӣ ба забони арабӣ ба қалами Ибни Муқаффаъ тааллуқ дорад, «Худойнома» мебошад. Бо тарҷумаи он ӯ хостааст номи Эрони бостон, паҳлавонону қаҳрамонони асотирии ориёии моро дар байни арабҳо интишор намояд. Ин китоб дар забони паҳлавӣ «Худойномак» ном дошта, онро Ибни Муқаффаъ ба забони арабӣ «Сайри мулук-ул-фурс» (ё «Сайри мулук») тарҷума намудааст. Аббос Иқболи Оштиёнӣ мавзӯи ин китобро чунин шарҳ додааст: «Худойнома достони бузурге будааст, шомили шарҳу воқойеи таърихи қадими Эрон ва ривоятҳои маҳаллию афсонаҳои миллии маҳфуз бо баъзе аз достонҳои мазҳабии Авесто ва ривоятҳои қавмии ориёиҳои қадим ва қисаси маъхуз аз суриёниҳо ва юнониҳо, ки дар аҳди Яздигурди III - охирин подшоҳи сосонӣ ҷамъоварӣ шуда, тақрибан тамоми таърихи вобаста ба афсонаҳои қадимро аз аҳди Каюмарс то замони Хусрави Парвиз дарбар мегирад».[31.85-89.]

Ин китобро Муққафаъ тарҷума кардааст, вале он зуд аз байн рафтааст. Нёлдеке дар ин бора навиштааст, ки мутарҷим хеле бодиққат ин асарро тарҷума карда ва ба мутобиқати он бо матни асли мувозибат кардааст. Роҷеъ ба ин масъала муҳаққиқи рус Барон Росен, Шарқшиноси олмонӣ Зутенберг низ назари худро роҷеъ ба маншаи достонҳои миллии Эрон ва

«Шоҳномаҳо»-и манзуму мансур назари худро иброз доштаанд. Ин достон низ дар байни арабҳо ба зудӣ интишор ёфт.

Дар боло тарҷумаҳои Ибни Муқаффаъ ироа гардидаанд. Он чи то ба имрӯз маълум шуда ва муҳаққиқон дар бораи онҳо ибрози назар намудаанд, мавриди назари муаллифи ин сатрҳо қарор гирифтанд. Масалан, мегӯянд, ки китоби табиби Шопури дуюм Ураниусро низ Ибни Муқаффаъ ба арабӣ тарҷума кардааст. Як силсила асарҳое низ вуҷуд доранд, ки муҳаққиқон таълифи онҳоро ба ин мутарҷими машҳур нисбат додаанд. Аз ҷумла рисолаеро бо номи «Ал-ятима» ба ӯ нисбат додаанд, ки онро муҳаққиқон пур аз аркони балоғат медонанд... Ин китоб рисолаҳои «Ал-одоб-ул-кабир» ва «Ал-одоб-ус-сағир»-ро низ ба ӯ нисбат медиҳанд, ки онҳо гӯё дар Мисру Шом борҳо ба табъ расидаанд. Устод Фозил Закипошшо соли 1330 ҳ.ш. ҳардуи ин китобро дар Қоҳира ба табъ расонидааст. Муҳаққиқон боз чандин китобу расоилро номбар кардаанд, ки онҳоро Ибни Муқаффаъ ё таълиф ва ё тарҷума намудааст.

Нақши Ибни Муқаффаъ дар омезиши фарҳанги эронӣ бо тамаддуни исломӣ ниҳоят бузург аст. Яке аз муҳаққиқони муосири араб ба тарҷумаҳои ӯ аҳамияти махсус дода, гуфтааст, ки «Адаби Ибни Муқаффаъ ҳарчанд аз ҷиҳати лафзу таркиб арабии мубаййин аст, лекин дар ҷамъ ва таълифи матолиб аҷамист, зеро вай ба шеъри араб истинод намекард, тамсилоти арабӣ надошт, аз ҳиёкоти арабӣ ривоят намекард, ба хутбаву ахбори эшон ишора наменамуд. Абулфазл Аҳмад ибни Аби Тоҳир пас аз зикри «Ал-ятима», дар тавсифи Ибни Муқаффаъ гуфтааст: «Иҷмои улум бар он ҳастанд, ки касе ба пои сабки Муқаффаъ нарасидааст».

Адабиёт


1. Абурайҳон Берунӣ. Таҳқиқ мо лил Ҳинд. Ҳайдаробод. 1958. – С. 76.
2. История таджиксой философии с древнейших времен до XY века. Т. 2. Душанбе, 2012.
3. Крымский А. История Сасанидов и завоевание Ирана арабами. М., 1905.
4. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. (Аз давраҳои қадим то асри XIII. Душанбе, 1989.
5. Муҳаммади Муҳаммадӣ. Фарҳанги эронии пеш аз ислом ва осори он дар тамаддуни исломӣ ва адабиёти арабӣ. Теҳрон, 13747. – С. 30.
6. Наср Саид Ҳусайн. Илм ва тамаддун дар ислом. Теҳрон, 1350. – С. 195.
7. Оштиёнӣ Аббос Иқбол. Шарҳи ҳоли Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ. Теҳрон, 1382.
8. Саид Муртазо. Ғурар ва дурар. Қоҳира. 1325.
9. Таҳа Ҳусейн. Осори Ибни Муқаффаъ.
10. Ҳазратқулов М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006. – С. 315-316.
11. Ҳамдуллоҳ Муставфӣ. Таърихи гузида. Теҳрон. 1342
12. Шарифзода Худоӣ. Шоҳнома ва шеъри замони Фирдавсӣ. Душанбе, 2014.



**Аскардаев К., Ҳазратқулов М.**


**Ибни Мукаффаъ и перевод Калила ва Димна**


**Ключевые слова:** Мукаффаъ, Калила, Димна, свободомыслие, поведение



Статья посвящена жизни и деятельности Абу Мухаммеда Абдаллаха ибн Мукаффы – персидско-таджикского мыслителя, родоначальника арабской художественной прозы, прекрасного переводчика текстов со среднеперсидского языка на арабский язык. Он стал жертвой дворцовых интриг и был казнён как противник арабского господства в Иране, обвиненый до этого в вольнодумстве и ереси. Ему хотелось противостоять арабской гегемонии путем распространения литературы; возродить историю своей нации (Ирана), политическую и социальную систему персов. Является автором дидактических сочинений «Единственная жемчужина», «Наставления для малых дел» , «Наставления для больших дел» и др. Также перевёл со среднеперсидского языка на арабский язык сборник назидательных басен «Калила и Димна», который является переработкой текстов известной индийской книги "Панчатантра", ставшая шедевром средневековой литературы, перевод которой обошёл почти все страны Европы и Азии. Большое внимание уделяется вопросам моральных норм и правилам поведения правителей в отношении приближенных и подданных.

**Askardaev K., Khazratkulov M.**

**Ibn Mukaffa and translation of Kalila and Dimna**

The article is devoted to the life of Abu Muhammad Abdullah ibn Mukaffa, the Persian-Tajik thinker, at the same time the founder of Arabic prose, one of the best translators of anciet texts from the Middle Persian language to the Arabic language. He was executed as an opponent of Arab domination in Iran and freethinker. He wanted to revive the history of his nation, the political and social system of the Persians through spreading of examples of old Persian literature among Muslim intellectuals.

Ibn Mukaffa is the author of didactic works "The only pearl", "the Instructions for small works" and "Manuals for big things". He translated from Middle Persian into Arabic a collection of the edifying fables "Kalila and Dimna", which is a transposition and processing of the texts of the famous Indian book "Panchatantra", which became a masterpiece of medieval literature. It existed completely independently, having bypassed in translations almost all countries of Europe and Asia. Much attention is paid to issues of moral norms and rules of conduct of rulers in relation to the approximate and subjects.

**Keywords:** Mukaffa, Kalila, Dimna, freethinking, ethics

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН - 4 (1)/2017

**Саидов А.С., -** д.ф.н., профессор, заведующий
Отделом социальной философии ИФП и П АН РТ,
**Муминова М.О. -** аспирант ТНУ

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЭКОЛОГИЧЕСКИХ ДЕЙСТВИЙ НАЦИОНАЛЬНОГО СУБЪЕКТА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА СТРУКТУРИЗАЦИЮ СОЦИАЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ

*Как известно, вопросы совершенствования массовых экологических действий субъектов в условиях государственного суверенитета в Таджикистане относятся к числу сложных вопросов и требуют своего тщательного научного анализа. Они приобрели особую актуальность после окончания гражданской войны в стране и перехода национального общества к построению подлинно демократического политического строя и структуризациионных социальных отношений в стране.Данные вопросы рассмотрены в настоящей статье.*

***Ключевые слова:*** *экологическое действие, национальный субъект, социальное действие, Таджикистан, государственный суверенитет, риск, экологическая культура, воспитание .*

Длившийся почти пять лет, внутриэтнический конфликт привёл не только к огромному количеству жертв среди мирных граждан, разрушений в городах и селах, но и резкому ухудшению экологической обстановки многих источников питьевой воды, возникновению различных форм инфекционных заболеваний среди населения. Вынужденная миграция коренных жителей южных районов Таджикистана, которые являлись хранителями и естественными регуляторами экосистемы этого региона, а также перенаселённость восточной территории республики, вследствие скопления там беженцев, нанесли огромный ущерб окружающей среде.

Вдобавок к этому, резкий экономический спад, провоцировавшей войною, нищета и бедность в обществе, нехватка отопительных домов средств, как в городах, так и в сельской местности вынудило населения совершить деструктивные действия по отношению к окружающей среде - в массовом порядке вырубить деревья и леса, что привело к катастрофическим экологическим последствиям. Обладая богатейшими экологическими ресурсами, Республика Таджикистан должен был предпринимать срочные и необходимые меры для их сохранения и рационального использования. Безусловно, в реализации этих мер, главная роль принадлежит государству и тем структурам, которые непосредственно решают природоохранные проблемы.

Сам факт развития Таджикистана по пути государственной независимости, впоследствии создал необходимые экономические, социально-политические и духовно-культурные предпосылки для решения существующих в стране экологических проблем в условиях демократизации общества и регулирования действий национального субъекта по отношению к окружающей среде. При этом процесс формирования социально-экономического механизма для упорядочения действий людей в этом направлении сопровождался многими сложными и противоречивыми явлениями.

Молодому независимому таджикскому государству необходимо было, прежде всего, выработать эффективную экологическую политику, которая в любой цивилизованной стране функционирует в качестве основного рычага регуляции всякого действия субъекта по отношению к окружающей среде. В новых условиях экономического, социально-политического и культурного развития, суверенная Республика Таджикистан, как и другие независимые государства, возникшие на постсоветском пространстве, вынуждена преодолевать немало сложных проблем во всех сферах жизни общества, к которым, в частности, можно отнести:

- проблему конструирования мощной материально-технической базы нового общества, которая была бы способна удовлетворить актуальные потребности индивидов;

- урегулирование острых демографических проблем, требующих гуманного и научно - обоснованного решения, которое способствует эффективной регламентации процессов, связанных с семьёй, миграцией населения как внутри Таджикистана, так и за его пределами;

- проблему создания в стране новых рабочих мести занятости всего трудоспособного населения Республики Таджикистан;

-выработку действенной экологической политики охраны природы и окружающей среды в пространстве таджикского государства, которая всегда имеет большое практическое значение;

- разработку научно-обоснованных концепций обучения и воспитания подрастающего поколения в духе бережного отношения к окружающей среде, формирование у них экологического сознания и экологической культуры.

В этой цепи весьма значимой выступает рассмотрение проблемы изменения климата, которое носит вполне реальный характер, и, в определённой степени, обусловлено нерациональными действиями субъекта, преуменьшение чего может, в конечном счете, свести на нет все усилия, чтобы сохранить и улучшить состояние окружающей среды, и дать возможность будущим поколениям полноценно воспользоваться ею.

Совершенно очевидно, что происходящие негативные изменения климата, как набирающая силу угроза для мировой экосистемы, также отрицательно влияет и на природу Таджикистана. Здесь главной опасностью считается повышение средней естественной температуры на земном шаре, которое, несомненно, приводит к таянию вечных ледников на высокогорье и уменьшению водных ресурсов, в результате чего осложняется гидрологический режим и, соответственно, обостряется проблема доступа к питьевой воде и орошения сельхозугодий. Вместе с тем, на территориях, где уже сейчас наблюдается дефицит воды, нерациональное использование природных ресурсов и разрушительные действия людей по отношению к окружающей среде увеличивает пагубное воздействие вероятных климатических изменений. Соответственно, в скором будущем потребуются более устойчивые способы использования водных ресурсов – до того, как эффект глобального потепления станет более частым.

Естественно, изменение климата и участившиеся пагубные экологические действия субъекта ставят вопрос о будущем человечества. В этом отношении прогнозы на планетарном уровне в Глобальном отчете 2011 года представлены с учетом следующих сценариев развития:

- базовый сценарий, допускающий ограниченные изменения в неравенстве, в области экологических угроз и рисков;

- другой сценарий, предполагающий учет экологических вызовов развитию и, наконец, третий сценарий, предусматривающий нарастание экологических катастроф [11].

Если исходить из содержания прогнозов по базовому сценарию, то в 2050 году рейтинг мирового Индекса роста человеческого потенциала (ИРЧП) будет превышать его сегодняшний уровень почти на 19 процентов. Согласно прогнозу второго сценария, который допускает такие экологические угрозы, как нарастающее воздействие климатических изменений на аграрный сектор производства, а также возрастание неравенства и коллапс безопасности, глобальный показатель ИРЧП к середине XXI века на 8 процентов будет ниже, чем при базовом варианте. При сценарии, предполагающем увеличение экологических катастроф, много достижений в этом направлении начала нового столетия к указанному выше периоду будут потеряны, и глобальный показатель ИРЧП окажется ниже уровня базового сценария почти на 15 процентов [12].

Перспективы развития Республики Таджикистан в этом плане также будут определяться решением проблемы эффективной регуляции экологических действий граждан и сложившейся восприимчивостью к результатам потрясения климата. На дан-

ный момент в Таджикистане, как и в других регионах мира, отмечается увеличение Индекса роста человеческого потенциала, анализ составляющих которого показывает, что Республике Таджикистан присущи относительно более высокие показатели достижений в сферах образования и здравоохранения, чем в уровне дохода на душу населения.

Заслуживает одобрения то, что в настоящее время в Республике Таджикистан уже создан Центр по изучению изменения климата. Его целью является координация работ по осуществлению Национального плана действий и Конвенции Организации Объединённых Наций об изменении климата в пределах страны. В представленном Таджикистаном в Секретариат РКИК в 2003 году первом, а в 2008 году втором Национальном сообщении были изложены основные направления деятельности по снижению уровня уязвимости жителей страны.

Компетентные представители республики, активно участвуя в во всех международных переговорах, особенно в последние годы, по актуальным проблемам экологии, несколько раз на крупных международных конференциях выступили с официальными заявлениями относительно сохранения ледников мира, и призвали к созданию Международного фонда сохранения ледников. В то же время, Правительством Таджикистана была принята Программа по сохранению и изучению ледников на период 2010-2030 годов, которая указывает на ряд проблем, связанных с быстрым темпом таяния ледников [6]. Оно выразило свою готовность к весьма плодотворному сотрудничеству со всеми центрально-азиатскими странами и международными организациями для эффективного решения этих проблем, а также улучшения экологической ситуации в бассейне Аральского моря.

Безусловно, для Республики Таджикистан, как активного субъекта экологических действий в регионе, важны такие направления их реализации, которые требуют неотложного рассмотрения и разработки мер по приспособлению и смягчению климатических изменений, консолидация усилий в деле объединения разного рода учреждений, в плане их оценки и адаптации. Местные специалисты утверждают, что, невзирая на очевидную связь между изменением климата, снижением риска бедствий и человеческим развитием, необходимо повышать информированность общества о наличии этой глобальной проблемы.

Тем временем, конструктивные экологические действия социального субъекта на местах становятся необходимым условием выполнения национальных обязательств в отношении изменения климата, растолкованных на международном уровне. В то же время, большая часть механизмов мировой системы по части изменения климата предназначена для национальных государств. Они точно не указывают, как в решении данной проблемы могут принять участие местные власти и другие заинтересованные субъекты. Не разработанность региональных программ с точки зрения профилактики опасных климатических изменений и их негативных последствий, недостаточности их интеграции в отраслевые проекты по ослаблению и адаптации к изменению климата способны замедлить прогресс в социально–экономическом развитии областей Таджикистана. При таком подходе очень актуальна оценка региональных индексов человеческого развития, позволяющая выяснить «точки» уязвимости, которые могут усложниться, включая на почве воздействия климатических изменений.

Следует подчеркнуть, что сохранение и оздоровление экологической обстановки конструктивными действиями субъектов в современном Таджикистане имеет не только местное значение, а является очень важной для всех стран Центральной Азии. Заметим, что на его территории находятся более 3000 ледников, в том числе гигантский ледник в регионе – Сомони, а на Бадахшане, его предгорьях и других горных массивах республики образуется свыше двух третей стока крупнейших рек центрально-азиатского региона - Амударьи и Сырдарьи. Общий объём, протекающих пресных вод по территории РТ, специалистами оценивается в 110—115 млрд. куб. метров в год, большая часть которого, практически, рас-

ходуется для орошения сельхозугодий, на цели промышленного и питьевого водоснабжения [4].

Вследствие необдуманных экологических действий субъекта происходит эвтрофикация пестицидами и промышленными отходами воздушного пространства в регионах хозяйственной деятельности Таджикистана, что негативно влияет не только на экологию долины, но и на окружающую среду горных районов страны. Так, при исследовании учёными почвы и растительности в окрестностях высокогорного озера Зоркуль на Восточном Памире, там были обнаружены пестициды [2, 173-177].

Общеизвестно, что интенсивные экологические действия субъекта в форме окультуривания залежных, пойменных территорий, полупустыни, предгорий и гор достаточно заметно преобразовали естественный растительный покров и животный мир, доказательством чему может служить, проведённая инвентаризация фауны и флоры в Таджикистане.

Осуществлённая в этом плане люстрация установила, что 58 видов беспозвоночных животных в республике уже относятся к числу редких и вымирающих, а из 49 видов рыб - четыре находятся на грани полного исчезновения, почти 50% пресмыкающихся, т.е. 21 из 44 видов, также стали уникальными и исчезающими, более 10% видов птиц (из 350 видов - 37) на данный момент стали краснокнижными и погибающими видами. Наиболее чувствительными к резко изменившейся экологической ситуации оказались млекопитающие, из которых ровно половина видов (из 84 - 42) сейчас стали редкими, исчезающими, а небольшое количество диких животных, такие как туранский тигр, леопард и другие полностью и навсегда исчезли из состава фауны Таджикистана. Согласно данным учёных-ботаников, из 5000 видов цветковых растений, имеющихся в республике, 226 из них стали редкими, исчезающими, для сохранения которых нужна человеческая помощь [1, 148].

Все это, на наш взгляд, требует гуманизацию экологических действий людей как в пределах одной страны, так и в глобальном масштабе, а также расширить и углубить научных исследований состояния диких животных и растений для разработки наиболее рациональных способов их использования, охраны, репродукции количества и реакклиматизации. В этом направлении, наряду с заповедниками и заказниками Таджикистана, наиболее важную роль должны сыграть все граждане страны. Думается, для реализации этой цели необходимо создать и несколько биосферных национальных парков, чтобы сохранить разные природные эталоны флоры и фауны республики.

Необходимо заметить, что к постоянному и возрастающему загрязнению естественных и искусственных водоемов в Таджикистане приводят и такие виды экологических действий социального субъекта, как широкое и повсеместное применение минеральных удобрений, почти полное отсутствие севооборотов и, особенно, постоянное использование пестицидов в сельском хозяйстве. Не менее опасным является загрязнение наземных и подземных запасов питьевой воды токсичными промышленными отходами, и это диктует необходимость проведения углубленных гидробиологических исследований, разработки ряда экологически обоснованных рекомендаций для сохранения и рационального использования водохранилищ страны на очень долгий срок.

Примечательно, что таджикские учёные и специалисты в области зоологи, как в советское время, так и ныне в условиях государственной независимости, проводят систематические исследования по созданию экологически обоснованных методов борьбы с сельхоз вредителями, в том числе регенерации естественного комплекса полезных энтомофагов, и они считаются пионерами в разработке интегрированного метода борьбы с вредителями сельхоз культур. Доказательством этому может служить внедрение системы интегрированной борьбы в практику хлопководства хозяйств Шаартузского района Хатлонской области ещё при Советском Союзе, когда местные хлопкоробы в 1988 году на площади 17,4 тыс. га вырастили хлопок без применения пестицидов. При этом реальная экономическая эффективность таково-

го способа борьбы с вредителями сельскохозяйственных культур только в Шаартузском районе, по подсчетам специалистов, тогда составил около 10 млн. советских рублей [10, 84]. В плане сохранения и оздоровления окружающей среды, такое действие является бесценным. Конечно, было бы в пользу таджикского общества и всего региона, если подобные, заслуживающие поддержки, экологические действия стали ещё больше и осуществлялись повсеместно.

Несомненно, чтобы активизировать и обеспечить комплексность разработок по защите экологии, необходимо серьезно укрепить материально-техническую базу исследовательских центров и научных учреждений Академии наук Республики Таджикистан, подготовить высококвалифицированные кадры в области охраны окружающей среды. Хотя экологические проблемы, как последствия объективных факторов и необдуманных действий субъекта, с каждым годом будут осложняться и требуют более пристального внимания научных организаций, однако планирующие структуры, министерства и ведомства, к сожалению, все еще недооценивают их остроту, и они должны изменить свой подход к решению этих задач.

Не подлежит сомнению тот факт, что для гуманизации экологических действий субъектов и решения возникших, как следствие - проблем, необходима серьёзная финансовая поддержка. Например, для решения проблем связаных с загрязнением окружающей среды от хранилищ радиоактивных отходов в Согдийской области, необходимо свыше 300 млн. долларов США.

По словам Саулюса Смалиса – бывшего советника по вопросам охраны окружающей среды Центра ОБСЕ в Таджикистане, радиоактивные отходы, захороненные на севере республики, представляют собой самую серьёзную экологическую опасность не только для населения страны, но и граждан соседних государств. Он констатировал, что "По оценкам специалистов, объем радиоактивных отходов в этом регионе равняется 55 миллионам тонн. Это бомба замедленного действия, которая работает каждый день. Радиация такая вещь, что ее не видишь, у тебя ничего не болит, но она просто человека убивает. По той медицинской статистике, которая у нас есть, уровень заболеваемости раковыми болезнями в этом регионе на 250-300 процентов больше, чем в других регионах, где те же самые условия пропитания и климата. В районе Табошара (город на севере Таджикистана) стоит гора, высотой около 300 метров. И за последние три года эта гора наполовину смылась в реку, в бассейн реки Сырдарья. Более 10 миллионов человек в Таджикистане, Узбекистане и Казахстане используют воду из этой реки. Это проблема не только Таджикистана, но и всех стран региона» [7].

Абӯлайс дар китоби “Фатови ал-навозил” фатвои фақеҳони ҳанафимазҳаброаз табақаҳои тобеъин, шогирдони Имоми Аъзам аммо ва табақоти баъди онҳоро ҷамъоварӣ намудааст. Дар он назари фиқҳии олимоне чун Муҳаммад ибни Мақотили Розӣ, Насир ибни Яҳёи Балхӣ, Муҳаммад ибни Шуҷоъ ибни Салҷӣ, Муҳаммад ибни Салама, (ваф 46ҳ) Муҳаммад ибни Муҳаммаб ибни Саломи Балхӣ, (160ҳ/225ҳ) Абӯбакр Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Аскофи Балхӣ, Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Балхӣ (ваф 362қ) ва Алӣ ибни Аҳмади Форсӣ (306-395қ/918-1004м) мавҷуданд. [5.447] Ба ин тартиб, ӯ таълимоти фиқҳии ҳанафиёни асри 3-4қ - 9-10 мелодиро ҳамчун китоби арзишманд боқӣ гузошт. Таълимоти фиқҳии Абӯлайсро бошад Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абӯбакри Бухорӣ дар китоби “Хазонат-ул-фатовӣ” ва чанд нафар аз мутафаккирони дигарро гирдоварӣ кардааст, ки нусхаи хаттии он дар муассисаи ховаршиносии Ӯзбекистон нигоҳ дошта мешавад. [7.160,264]

Аммо нуқтаи дигаре низ мавҷуд аст, ки “Ан-навозил”-ро ба Самарқандӣ рабт намедиҳад. Дар сарчашмаҳои омадааст, ки ин китоб матолиберо дар бар дорад, ба олимони мутаахири ҳанафӣ марбутанд ва онҳо пас аз Абӯлайс мезистанд. Ба мисли: Шамс-ул-аима Ҳавлоӣ (ваф 490қ), (Аҳмад ибни Мансур) Асабҷобӣ (ваф 480қ) ва Шамс-ул-аиммаи Сарахсӣ (ваф 490қ) мебошанд. [5.28]

Дар муқоиса миёни ин китоб ва «Фатвои Қозихон» аз Фахриддини Авазҷандӣ (ваф 596қ) шабоҳати хеле зиёд дида мешавад, ҳатто дар ибороти он. [5.30,165,186,350], [36.8,91]

**4. “Муқаддима дар Фиқҳи намоз”**[7.258], [12.293] соли 1962 бо забони туркӣ аз ҷониби Зоё Чагуфсакӣ тарҷума шуда, дар Варшава ба чоп расидааст ва шарҳҳои зиёде бар он навиштаанд. [38.1795] Нусхаҳои хаттии парокандаи онро дар Шом, Ҳинд, Узбекистон, Тунис ва Алҷазоир пайдо намудан мумкин аст, ки ин нишонаи ривоҷи он дар қарнҳои гуногун мебошад. [28.427,428]

**5. “Мухталиф-ур-ривоят”** (Ривоятҳои мухталиф) [6.312] ки ихтилофи фиқҳии миёни Абӯҳанифа, Моликӣ ва Шофеиро дар бар гирифтааст. [38.1636] Нусхаи куҳани ин асар дар китобхонаи Боязиди Туркия бо таърихи китобати 457қ нигаҳдорӣ мешавад, вале таҳрири шоеъи он аз номи Алоуддини Самарқандӣ (ваф 553қ) мебошад.

**6. “Таъсиси фиқҳ ё таъсиси назоир”**, ин асар мухтасар аст дар бораи фиқҳи татбиқӣ[12.79], [38.334] ки нусхае аз ин дар китобхонаи Аҳмади Солиси Истанбул мавҷуд аст.

**7. “Китоби шариъат-ул-ислом”,** ки Сазгин нусхаи онро дар китобхонаи Питна нишон додааст, тибқи маълумоти феҳристнависи китобхона чизе ғайри китоби “Ал-муқаддима” нест, ҳамчунин моҳияти “Рисолат фил-фиқҳ” ки Абдултаввоб (1928-2015) нусхаи онро дар китобхонаи Миср муаррифӣ кардааст, ошкор нест ва низ “Қасида фил-фиқҳ”, ки дар феҳристи китобхонаи

Асъад Афандӣ зери шумораи 3613 ба Абӯлайси Самарқандӣ нисбат дода шудаст, мумкин аст, аз дигар Самарқандӣ бошад, [18.79] зеро қаблан баён кардем, ки ҳамноми Абӯлайси Самарқандӣ чанд мутафаккири дигар низ ҳаст.

Инро бояд қайд кард, ки дар баробари асарҳои фиқҳии номбаршуда, ҳаводиси таърих қисми дигаре аз онҳоро ба коми нестӣ кашида аз онҳо танҳо номашон боқӣ мондааст, ба мисли: (Шарҳ) "Мабсут" Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, (тав 132 ҳиҷрӣ) [6.89], [38.1570] (Шарҳ) "Ҷомеул-кабир ва ҷоме-ул-сағир" Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, [7.204,449], [38.563,567] "Ал-зиёдот", ки ба қавле шарҳе аст бар "Ал-зиёдот"-и Муҳаммад ибни Ҳасан, [6.312] "Ал-наводир," ки ба гуфтаи Ҳоҷи Халифа [38.1980], онро Мутаҳҳар ибни Ҳасани Язидӣ мухтасар кардааст, Салоҳ Ноҳӣ дар китобе зери унвони "Ал-фақеҳ Имом-ул-ҳудо Абилайси Самарқандӣ" осори фиқҳии ӯро мавриди таҳлил қарор додааст.

**Осори дигар.**

1. **"Танбеҳ-ул-ғофилин"**[6.312], [8.274] китобест ахлоқӣ, ки шомили аҳодиси саҳеҳ, қавли саҳоба, тобеъин, ҳикояҳои пандомез дар бораи аҳволи охират, амри маъруф, гуноҳон, тавба, ҳуқуқ, мазаммати дунё, фазилати амал, зикр ва дигар масъалаҳои ахлоқиро дар бар мегирад. Яке аз хусусиятҳои асосии ин асар дар он аст, ки муаллиф ба тақсимоти ададӣ пардохтааст. Масалан: ҳасудро 5-уқубат мерасад, фақирро 5-каромат аст ва қаҳқаҳаро (хандидан ба овози баланд) 8-офат [1.137,171,157] мебошад. Ин китоб аз асарҳои машҳури Абӯлайс мебошад, ки пас аз ӯ дар асрҳои мухталиф аз Машриқ то Мағриб ривоҷ доштааст. [28.167], [15.998] Матни арабии ин китоб борҳо дар Ҳинд ва Миср чоп шудааст. Аз ҷониби Абӯбакр Юсуфи Раҳовӣ ба забони туркӣ тарҷума шудааст, ки нусхаи хаттии он дар Дор-ул-кутуб-и Миср мавҷуд аст ва тарҷумаи дигари туркии он аз ҷониби Мустафо ибни Яҳё анҷом дода шудааст, ки ин нусха дар китобхони Тупкопи Истанбул аст. [38.187]

2. **"Бустон-ул-орифон".**[6.312], [7.153] Аз унвони китоб фаҳмида мешавад, ки ин асар роҳнамоест барои воизон ва олимон. Зеро дарбаргирандаи улуми ақоид, фиқҳ, улуми Қуръон, ҳадис, ахлоқ ва қиссаҳои пандопез мебошад. Ин китоб солҳои 1279қ, дар Куалкатта, соли 1285қ дар Истанбул ва соли 1304қ, дар Бумбай ба чоп расидааст. Абдураззоқ ибни Абдулқодири Суфёнӣ ин китобро шарҳ навишта, ки нусхаи хаттии он дар муассисаи ховаршиносии Ӯзбекистон мавҷуд аст. Китоби дигаре зери ҳамин унвон бо забони форсӣ таълиф шудааст, ки шарҳи ҳоли бузургони суфиёнро дар бар мегирад, ки бо навиштаҳои Абӯлайс омехта шудааст.

3. **"Тафсири Қуръон"** дар Бағдод (1405-1406қ-1985-1986) ба чоп расидааст. [6.312], [8.554], [7.196] Ин асар аз тарафи Аҳмади Доъӣ, Абӯлфазли Мусо ибни Ҳусайни Азниқӣ ва Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ ба забони туркӣ тарҷума шудааст, ки аз куҳантарин намунаҳои адабиёти туркии усмонӣ ба ҳисоб меравад. [38.144]

4. **"Қурат-ул-уюн ва мафраҳ-ул-қулуб-ул-маҳзун,"** китобест дар боби уқубати аҳли кабоир, ки соли 1300қ дар Булоқ дар ҳошияи мухтасари "Тазкираи шаъронӣ" ва сипас, дар Танто соли 1960 нашр шудааст. Ҳамин китоб бар асоси ду нусхаи хаттии мисрӣ ба кӯшиши Мустафо Абдулқодир дар Ато ва соли 1405қ-1985м дар Бейрут зери унвони "Уқубати аҳли кабоир" ба чоп расидааст.

5. **Рисолаи "Асрори ваҳй,"** ки шомили ҳадиси меъроҷи Паёмбар (с) аст ва нусхаҳои хатии он дар китобхонаи Берлин нигаҳдорӣ мешаванд. Инчунин бар ин асар ду шарҳи форсӣ аз ҷониби шореҳон навишта шудааст. Яке аз ҷониби Саид Алӣ ибни Шаҳоби Ҳамадонӣ нусхаи хаттии Ӯзбекистон ва дигаре аз ҷониби Бурҳониддин Муҳаммади Бахтиёри Бухорӣ, ки дар асри 12қ-18м зиндагӣ мекард, навишта шудааст. Тарҷумае аз ин китобро бо забони немисӣ Ҳил дар китоби аз "Муҳаммад то Ғазолӣ" оварда аст.

6. **"Ахлоқ ва самарқандия,"** ки дар илми балоғат баҳс мекунад. [29.177], [30.537]

7. **Маҷмуае аз ҳикоёт ва қисас** низ ба Абӯлайс мансубанд, ки нусхаҳои хаттии он

бо тарҷумаи Ҷовай дар донишгоҳи Лейден мавҷуд аст.

**8.** Инчунин расоили гуногун бо забони арабӣ ба қалами Абӯлайс марбут дониста мешаванд, ба мисли: "Дақоиқ-ул-ахбор фи зикри - л-ҷаннат-ул-ван-нор", "Рисола Филҳикам", "Қувват-ул-нафс фи маърифат-ул-арконил-хамс", "Тухфат-ул-анъом фи маноқиби айимат-арбаъат-ул-аълом", "Ал-тоиф-ул-мустахриҷа мин Саҳеҳ Бухорӣ", "Фазоили Рамазон", "Тафсири ҷузъи «Амма ятасоалун", ки нусхаҳои гуногун ва гоҳо- ягонаи онҳо ба Абӯлайси Самарқандӣ мансуб шудааст. [31.27]

Абӯлайси Самарқандӣ мутафаккири барҷаста аст, ки дар инкишофи илми фиқҳу калом саҳми беандоза гузоштааст, аммо ба мисли дигар мутафаккирони Машриқзамин, дар баробари дар ҷаҳон ошно будан, даркишвари мо ба ҳама мардум ошно нест, бинобар ин лозим аст, барои муаррифӣ кардани ӯ таҳқиқотҳо анҷом дода шавад. Бинобар дар даврони Оли Сомон аз маъруфтарин фақеҳон ва мутафаккирони исломӣ будан, имрӯз зарур аст, ки осори ӯ аз тамоми ҷаҳон дар Тоҷикистон ҷамъоварӣ гардида афкори ӯ ба таври дақиқ омӯхта шавад. Мутаассифона, нуктаи асосӣ ин аст, ки бештари асарҳои ӯ дар кишвари мо вуҷуд надорад, ба ҷуз шумораи андаке, ки он ҳам ангуштшумор мебошанд.

**Адабиёт**


1. Абӯлайси Самарқандӣ, Танбеҳ-ул-ғофилин, ч.1, (бо кӯшиши Аҳмад Салом), Бейрут, 1406қ.-1986м.
2. Абӯлайси Самарқандӣ. Бустон-ул-орифин.(Таҳқиқи Абдулвориси Муҳаммад Алӣ). Дорулкутуби илмият, 2010, 164с.
3. Абӯлайси Самарқандӣ. Тафсири Қуръон, ҷ 1, саҳ 202, (ба кӯшиши Абдураҳими Аҳмад). Бағдод, 1405-1406қ-1985-1986м.
4. Абӯлайси Самарқандӣ. Ақида. //Усули ақоиди исломӣ, 2, бе макони нашр. - саҳ 223,
5. Абӯлайси Самарқандӣ. Фатавои Навозил.(таҳқиқи Саидюсуфи Аҳмад). Дорулкутуби илмият. 2004, - 464с.
6. Абдуллоҳ Воизи Балхӣ. Фазоили Балх, ҷ 1. (ба кӯшиши Абдулҳайи Ҳабибӣ), Теҳрон, 1350ш. - саҳ 311.
7. Абдулқодири Қаршӣ. Ал-ҷавоҳир-ул-музайят фи табақот/ул/ҳанафия. Иборат аз 5 ҷилд, ҷ 2, 563с. Ҳайдарободб, 1332қ
8. Абдулкарими Самъонӣ, Ат-таҳбир фил-маъҷам-ул-кабир, иборат аз 2 ҷ. Бағдод, 2010, ҷ 1, 556с.
9. Абӯмансури Мотуридӣ. Ақида, ҷ 1.//Ал-сайфу-ул-машҳур аз Сабкӣ. (ба кӯшиши Мустафои Соим). Истанбул 1989м. - саҳ 46,
10. Абӯмансури Мотуридӣ. Шарҳи фиқҳи акбар.//Расоил ал-сабъа фил-ақоид.Ҳайдарободб, 1400қ-1980м. - саҳ 28-29,
11. Муҳаммад Муқаддасӣ. Аҳсан/ул/тақосим, ҷ 1, Бейрутт 1408 қ. - саҳ 352/353.
12. Абӯабдуллоҳ Зайниддини Қосим ибни Қатлубиғо. Тоҷу-л-тароҷим. – Дор –ул-қалам,1413/1992,- 567с.
13. Аҳмад ибни Алӣ ибни Ҳаҷари Асқалонӣ. Табсир-ул-мунтабеҳ би таҳрири муштабеҳ. 4ҷ, 1738. Миср, 2012,
14. Абдулкарим Самъонӣ. Ал-таҳбир фил-маъҷам-ул-кабир", Бейрут 1997, 2ҷ, 600с.
15. Абдулкабир Катонӣ. Феҳрис-ул-фаҳорис вал-асбот. Дорулғарби исломӣ. 3ҷ, 1621с ҷ 1.(муҳаққиқ Эҳсон Аббос). Бейрут, 2010.
16. Абдулкабир Катонӣ, "Феҳрис-ул-фаҳорис вал-асбот", ҷ 2, (ба кӯшиши Эҳсон Аббос). Бейрут, 1402қ.-1982м.
17. Дафтари китобхонаи Асъад Афандӣ, Истанбул, ҷ.1.(Бо кӯшиши Абдулҳайи Ҳабибӣ). Теҳрон, 1350ш. - саҳ. 75.
18. Дафтари китобхонаи Лолалӣ, ҷ 1, саҳ 171-75.
19. Дафтари китобхонаи Сӣ, Истанбул, ҷ 1, Маҳмудбек, матбааи Сӣ (سی). - саҳ 135,
20. Исҳоқ Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. Ас-савод-ул-аъзам, ҷ 1, саҳ 187, (ба кӯшиши Абдулҳайи Ҳабибӣ).Тарҷумаи кӯҳани форсӣ, Теҳрон, 1348ш.
21. Иброҳими Ҷувайнӣ. Фароид-ул-самтин, ҷ 1.,(ба кӯшиши Муҳаммад Боқир Маҳмудӣ). Бейрут, 1400қ.-1980м. – саҳ. 416,
22. Имоми Аъзам. Фиқҳи акбар (2), мактабаи Муҳаммад Алӣ, Қоҳира,бе соли нашр. - саҳ 4.
23. Муҳаммад Ибодӣ. Табақоти фуқаҳои шофеӣ. Ҷ 1, Лейден, 1964. - саҳ 3.

24. Имом Шофеӣ. Фиқҳи акбар (3), саҳ 24, ба замимаи “Фиқҳи акбар (2)” Қоҳира 1987м.
25. Муҳаммад ибни Абдуҷалил. Қандия ва самария.(ба кӯшиши Эраҷ Афшор).Муассисаи фарҳангиҷаҳонгардӣ. Теҳрон, 1967, - 226с.
26. Шамсиддин Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Усмони Заҳабӣ. Сайри эълом-ул-нубало, 25ҷ, ҷ 16, ба кӯшиши Шуайби Арнаут ва дигарон Бейрут 1417қ-1996м. - 621с.
27. Муҳаммад Ёсин Фодонӣ, Атҳоф-ул-мустафид, ҷ 1, саҳ 95, Димишқ, 1403қ-1983м.
28. Муҳаммад Рудонӣ, Силат-ул-халиф, Бейрут 1408қ-1988м. 588с,
29. Маҷалат-ул-маҷма-ул-илмии арабӣ, Димишқ, ҷ 5, саҳ 177, 1945м.
30. Маҷалат-ул-маҷма-ул-илмии арабӣ, Димишқ, ҷ 17, саҳ 177, 1945м.
31. Зериклӣ. Ал-аълом, ҷ 8. Саҳ 27
32. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳ 24. 25.04.2008 шаҳри Душанбе.
33. Мураттибон: Диловаров М., Диловаров М. ва Қурбонова З. Рубоиёти Хайём. (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). Душанбе 2009, 471с.
34. Умар Насафӣ, Ал-қанд фӣ зикри уламои Самарқанд, ҷ.1, саҳ 328, (ба кӯшиши Назармуҳаммад Форёбӣ), Риёз, 1412қ-1991м.
35. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷ. 2,Душанбе, 2008, 945 саҳ.
36. Фахриддини Авазҷандӣ, “Фатовӣ”, ҷ.1, саҳ 8, (дар ҳошияи “Фатвои ҳиндия”), Қоҳира, 1323қ.
37. Ҳасан Умайид. Фарҳанги форсӣ, чопи аввал, Теҳрон 1389қ, 1088саҳ. ш-э.
38. Ҳоҷи Халифа, «Кашфу-з-зунун ан асоми-л-кутуби ва-л-фунун», Лубнон, 2007.
39. Суфизм в Центральной Азии. Спб ГУ 2001,-с.41.

**Акрамов Н. Махмаджонова М.Т.**

**Жизнь и философское наследие Абулайса Самарканди**

*В статье впервые приводятся биография и сведения о богатом наследии одного из видных мыслителей эпохи Саманидов Абулайса Самарқанди, который ,являясь последователем Абумансура Мотуриди, внес огромный вклад в развитие, распространение и формирование ханафитского направления ислама в Мавераннахре и Хорасане. Мыслитель, имя которого упоминается в «Фазоили Балх» в своих произведениях, широко популярных в исламском мире, развивает гуманистическое направление этики в регионе, и его труды по настоящее время являются примером почитания добродетели как основной этической ценности.*

***Ключевые слова:*** *Абулайс Самарканди, династия Саманидов, Абумансур Мотуриди, «Фазоили Балх», ханафитский толк ислама, калам, Мовароуннахр, Хорасан, Самарканд, Балх.*

**Akramov N.Mahmadjonova M.T.**

**Life and Philosophy Heritage of Abulays Samarqandi**

For the first time there was written about biography, information and facts about rich heritage of one of outstanding thinkers the Samanids era Abulays Samarqandi in this article, which was follower of Abumansur Moturidi. He highly contributed into development, dissemination and formation of Hanafit school of Islam in Movarounnahr and Khorasan. Thinker, name of which mentioned in “Fazoili Balkh”, in his works widely popular in the Islamic World, develop humanistic direction of ethics in the region and his works up to present time are patterns for honoring goodness as a basic ethical value.

**Keywords:** Abulays Samarqandi, Samanids dynasty, Abumansur Moturidi, “Fazoili Balkh”, hanafit school of Islam, Movarounnahr, Khorasan, Samarqand, Balkh

.

**Султонов С. А.** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

# БАРРАСИИ МОДДА ДАР ТАЪЛИМОТИ ИБНИ СИНО АЗ НАЗАРИЯК ҚАТОР ОЛИМОНИ АВРУПОӢ

*Дар мақола назару андешаҳои як қатор муҳаққиқони Аврупои ғарбӣ оид ба шинохти модда аз назари Ибни Сино мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Маълум мегардад, ки миёни олимони фаронсавӣ Гуашон ҷонибдори он аст, ки дар таълимоти Ибни Сино ақидаҳои материалистӣ мавқеи калон доранд. Дигар олимони фаронсавӣ моддаи Ибни Сино ба илоҳиёт ва миститсизм алоқаманд намуда, материализми Ибни Синоро ҷонибдор нестанд. Олимони олмонӣ бошанд, хусусан Герман Лей ва Эрнст Блох ба натурфалсафа ва материализми Ибни Синоро иқроранд. Онҳо бо далелҳои мухталиф азалияту абадият ва мустақилияти моддаро дар таълимоти мутафаккир исбот намудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *модда, материя, материализм, олимони аврупоӣ, олимони фаронсавӣ, олимони олмонӣ*

Дар таълимоти фалсафии Ибни Сино масъалаи модда яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Масъалаи вуҷуди модда ва шаклҳову аърози он на фақат дар фалсафаи Ибни Сино баррасӣ мегардад, балки тамоми бинои фалсафаи ҷаҳонӣ дар асоси дарки модда пойдор аст. Ба ибораи дигар, фалсафа ҳамчун илм бе мафҳуми модда вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин хотир, доманаи мавзӯи баррасишаванда, яъне модда ва атрибутҳои он, ниҳоят васеъ буда, таҳқиқи он дар таълимоти Ибни Сино ҳатто арзиши чанд рисолаи илмиро дорад. Бинобар ин, ба хотири мушаххастар гардидани масъала, қарор дода шуд, ки масъалаи модда дар таълимоти мутафаккири маъруфи тоҷик нахуст аз назари олимони фаронсавӣ омӯхта шавад.

Тавре дар мақола ва рисолаҳои ба Ибни Сино бахшидаамон, ки дар шакли монография ва мақолаҳои илмӣ ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар хориҷа интишор гаштаанд оид ба омӯзиши осори фалсафии Ибни Сино дар Фаронса ва Аврупо маълумоти зиёдеро пешкаш кардаем ва назару андешаҳои олимони аврупоиро дар бобати синошиносӣ мавриди омӯзиш қарор додаем. Натиҷаи ҳамин омӯзишҳоро хулоса карда гуфтанием, ки бо вуҷуди он ки фалсафаи Ибни Сино саршор аз масъалаҳои марбут ба модда аст, вале сарфи назар аз он, олимони фаронсавӣ бештар дар осори Ибни Сино ҷӯёи масъалаҳои динию ирфонианд. Масалан, олимони номдори фаронсавӣ Анри Корбен ва Луи Гарде, якумӣ дар таълимоти Ибни Сино тасаввуф ва дуюмӣ андешаҳои динӣ ҷӯстаанд. Аз ин хотир, олимоне, ки ба масъалаи модда дар таълимоти Ибни Сино таваҷҷуҳ намудаанд, дар ин сарзамин хеле каманд. Аммо ин чунин маъно надорад, ки олимони фаронсавӣ ба масъалаи зикршуда бетафовут будаанд.

Миёни муҳаққиқони фаронсавии фалсафаи Ибни Сино оид ба модда андешаҳои олими намоёни садаи бисти Фаронса хонум А.М. Гуашон аҳамияти калон дорад. Бояд гуфт, ки Гуашон яке аз олимон ва шояд пурмаҳсултарин олими фаронсавиест, ки осори Ибни Синоро омӯхта, ба мардуми кишвараш ошно гардонидааст. Ба қалами Гуашон чанд ҷилд таҳқиқот оид ба фалсафаи Ибни Сино тааллуқ дорад. Миёни ин таҳқиқот хусусан асарҳои зерин аҳамияти калони илмиро соҳибанд: “Фарқияти моҳият ва вуҷуд аз назари Ибни Сино”, “Лексикаи забони фалсафии Ибни Сино”, “Луғати муқоисавии Арасту ва Ибни Сино”, “Фалсафаи Ибни Сино ва таъсири он ба Аврупои асримиёнагӣ” ва даҳҳо мақолаҳои илмии дигар. Инак таваҷҷуҳ менамоем ба назару андешаҳои Гуашон оид ба модда дар таълимоти Ибни Сино. Барои рушанӣ андохтан ба ин масъала, пеш аз ҳама рӯй меоварем ба китоби ин олими фаронсавӣ

“Лексикаи забони фалсафии Ибни Сино”. Дар ин асари калонҳаҷм модда аз тарафи Гуашон таҳти рақами 662 чунин шарҳ дода шудааст:

Модда (*Mâdda*), дар шакли ҷамъ мавод *(mawâdd)* - модда, муродифи арабиаш ҳаюло (*hayûlä)*, ки аз калимаи юнонии *юле* падид омадааст. Бо як маъно кам истифода бурда мешавад, ба маънои моддаи дуюм низ меояд (*matière seconde*). Дар мантиқ ба маънои фикр ва қиёс (силлогизм) истифода мешавад.

1. «Ҷавҳарест, ки модда ном дорад, ба забони онҳо ҳаюлâ (*hayûlä*)» (Ал-Аджрам ал-алвийя, 40); вобаста ба мафҳуми ҷавҳар муроҷиат шавад ба Джавхар (Jawhar) (115). – «Тамоми ҷисми табиӣ моҳияти худро доранд, ки аз ду ҷузъ иборатанд: яке ҳамчун чӯб барои рахти хоб хидмат мекунад ва инро ҳаюло ва модда меноманд; дигар ҳамчун шакли рахти хоб хидмат мекунад ва онро шакл мегӯянд» (*Uyûn*, 4). – «Ҳамчунин мегӯем, ки ин модда имкон надорад аз шакли ҷисмӣ ҷудо бошад ва ҳамзамон вуҷуди худро билфеъл идома диҳад» (Наҷот, 330)...

2. Дар рисолаи Ҳудуд ин ду маъниро мебинем: «*Модда*баъзан ҳамчун муродифи *ҳаюло* (нахустмодда) истифода мешавад». Ва охирон низ *модда* номида мешавад (моддаи дуввум)...

3. Дар мантиқ, фасле бо номи «*Предметимуҳокима ва шаклҳои он*» (Ишорот, 32); ва дигар «Оид ба мундариҷаи муҳокимаҳо» (Наҷот. 21). Се намуди модда нишон дода мешавад: «Воҷибулмодда», ки атрибуташ аз предмет ҷудонашаванда мебошад, дар сурати ҳолати «ҳайвон» нисбат ба инсон; «Моддаи метафизикии номумкин (*Невозможно-метафизическо-материя)*», ҳамчун дар сурати ҳолати «санг» нисбат ба «инсон»; ва охирон «имконулмодда», дар ин ҳолат на ҳузур ва на ғоибии предикат талаб карда намешавад, ин дар сурати предикати «нависанда»... [6, с. 378-379].

Таҳти рақами 736 истилоҳи ҳаюлои Ибни Синоро Гуашон ба аври зайл шарҳ додааст:

- Ҳаюло, нахустмодда, ки бо яке аз ду элементҳои субстансионалӣ ҷисмро ташкил менамояд. Транскрипсияи юнонии юле, яъне *модда* муродифи арабиаш мебошад... «Моддаи мутлақ ҷавҳарест, ки вуҷуди он танҳо бо роҳи шакли ҷисмӣ гирифтан, бо шарофати қувваи дар он вуҷуддошта билфеъл мегардад...» [6, с. 413].

Гуашон дар дигар асари худ “Фарқияти моҳият ва вуҷуд аз назари Ибни Сино” иброз менамояд, ки мутафаккир ин ду истилоҳро анқариб ҳамчун муродифи ҳамдигар ва аз ҳам фарқнадошта истифода намудааст. [7, с. 384]. Тавре мебинем, ба ҳар ҳол Гуашон истилоҳи «ҳаюло»-ро – нахустмодда ва «модда»-ро – модда ё моддаи дувум нишон дода, бо назардошти он ки *ҳаюло* шакли арабишудаи калимаи юнонӣ буда, маънояш *модда* ва ё дар шумораи ҷамъ *мавод* будааст, онҳоро муродифи ҳамдигар медонад. Олими номбурда миёни нахустмодда ва модда аз нигоҳи Ибни Сино фарқияти ҷиддиеро нишон надодааст.

Муҳаққиқи намоёни олмонӣ Герман Лей дар асараш оид ба таърихи материализми асримиёнагӣ назару андешаҳои олимони аврупоиро роҷеъ ба фалсафаи Ибни Сино баррасӣ намуда, вобаста ба далелҳои дарёфтнамудааш ақидаи онҳоро ҷонибдорӣ ва ё инкор намудааст. Дар хусуси таҳқиқоти Гуашон оид ба фалсафаи Ибни Сино олими олмонӣ бо қаноатмандӣ сухан меронад. Аз ҷумла вай таъкид мекунад, ки Гуашон бар хилофи ақидаи гӯё дар таълимоти Ибни Сино ҷой доштани миститсизми навафлотуния баромад намудааст. Ба андешаи Герман Лей, ақидаи Гуашон ин аст, ки Ибни Сино аз он ақидаҳои арастуӣ, ки минбаъд боиси рушди схоластикаи аврупоӣ гардидаанд, дур рафтааст [8, с. 88]. Ба ҳар ҳол метавон гуфт, ки моддае, ки Ибни Сино пешкаш намудааст, зоҳиран ҳамон моддаи Арасту мебошад. Вале кӯшиши Гуашон дар он аст, ки Ибни Синоро мехоҳад на пайрави номустақил, балки пайрави мустақили мутафаккири юнонӣ нишон диҳад. Ба ин масъала каме поёнтар боз бармегардем.

Ба тавзеҳи Герман Лей, назари Гуашон оид ба дарки моддаи ибнисиноӣ он аст, ки ҳангоми ба материализм майл кардани мутафаккир, фарқияти моҳият ва вуҷуд барои эътирофи ваҳдати модда ва сурат, модда ва қонунҳои хоси вай имкон

намедиҳад [8, с. 89]. Маълум мегардад, ки ҳангоми ба моддигароӣ наздик шудани мутафаккир модда ҷои асосиро ишғол карда, сурат хусусияти метафизикии худро аз даст медиҳад ва ҳамчун хосияти модда баромад менамояд.

Бо вуҷуди он ки Гуашон оид ба материализм майл доштани фалсафаи Ибни Синоро иқрор аст, вале аз навиштаҳои худи Гуашон ва тавзеҳоти Герман Лей маълум мегардад, ки Ибни Сино ҳамоно ратсионалист боқӣ мемонад. Ҳангоми таҳлили осори минбаъдаи Ибни Сино чун "Ишорот ва танбеҳот" Гуашон ақида пешниҳод менамояд, ки омӯзиши тамоми осори Ибни Сино далолат ба ақлгароӣ ва шакли илмии афкор мекунад. Дар робита бо мутафаккирони юнонӣ Ибни Сино озодона рафтор менамояд, ҳар чи ба назараш лозим аст аз онҳо иқтибос меорад, боқимондаро инкор ва ё ислоҳ менамояд [8, с. 89].

Дигар мутафаккири маъруфи Фаронсаи нимаи аввали садаи 20 Этиен Жилсон аст. Аслан Жилсон ва пайравони ӯ таълимоти Ибни Синоро мистикӣ қаламдод намудаанд. Дар асари намояндаи маъруфи неотомизм Этиен Жилсон ва шогирдаш Луи Массинён омадааст, ки ба назари Ибни Сино "Ҳар он чи ҳаст, шакл асту модда ва ё аз шаклу модда мураккаб гашта" [5, 39-159]. Ба андешаи олимони номбурда Ибни Сино назари Арастуро каме дигар намуда, муқаррар месозад, ки нафс хосияти шаклро дорад, зеро вай принсипи бевоситаи дохилии ҷисм ба шумор рафта, дар ҷисм қарор дорад.

Ҳаминро низ қайд намудан ба маврид аст, ки Ибни Сино вуҷуди ҷисмҳоро чун Арасту натиҷаи ба ҳам омехтани моддаю сурат мебинад. Фарқияти назари Ибни Сино аз Арасту дар ин хусус ҳамин аст, ки мутафаккири юнонӣ суратро аз модда муҳимтар арзёбӣ намуда, суратро фаъол ва моддаро ғайрифаъол меномад, дар сурате, ки барои Ибни Сино аз сурат дида модда муҳимтар аст. Дар исботи ин гуфтаҳо далелҳои Ибни Сино зиёданд.

Дар муқаддимаи тарҷумаи "Донишномаи Алоӣ" ба забони фаронсавӣ, ки ба қаламн М. Ашена ва А. Массе тааллуқ дорад, масъалаи модда хеле мухтасар ҳангоми баррасии масъалаҳои вобаста ба метафизика нишон дода шудааст. Дар ин ҷо гуфта мешавад, ки сабаби мавҷудияти модда ва сурати аҷсоми фанопазир ҷавҳари ақлии алоҳида мебошад [1, с. 61]. Тавре аз ин иқтибос маълум мегардад, муҳаққиқони фаронсавӣ ба он назаранд, ки моддаю сурат ба яке аз ақлҳои даҳгонаи мураттаб вобастаанд, дар ҳоле, ки бештари синошиносон, хусусан синошиносони ватанӣ дар таълимоти Ибни Сино моддаро азалию абадӣ нишон медиҳанд.

Тавре дар боло ишора шуд, олимони фаронсавӣ бештар дигар паҳлуҳои осори Ибни Синоро мавриди омӯзиш қарор дода, ба ҷуз якчанд нафар дигарон омӯзиши моддаро сарфи назар кардаанд. Бештарини олимони ин кишвар ба масъалаҳои онтологӣ, моҳият ва вуҷуд диққат дода, мутаассифона, ба модда, ки асоси ҳастиро дар бар мегирад, мутаваҷҷеҳ нашудаанд.

Набояд фаромӯш кард, ки фаронсавиён олими дигаре доранд бо номи Барон Карра де Во, ки дар охири асри 19 ва нимаи аввали асри 20 зистааст ва дар китобаш "Ибни Сино", ки соли 1900 дар Париж интишор гардидааст, дар қисмати ба физика бахшидааш масъалаи моддаю сурат ва ҳаракату замону маконро дар ҳаҷми бештар аз 20 саҳифа, аз нигоҳи Ибни Сино баррасӣ намудааст.

Олими фаронсавӣ нахуст таъкид менамояд, ки дар таълимоти Ибни Сино чун дар таълимоти дигар файласуфони Юнони Қадим физика ва метафизика ба ҳамдигар ниёзманд мебошанд [3, с. 181]. Ба ҳамин монанд муҳаққиқ дар ҷои дигар менависад, ки физика ва метафизика ба ҳам алоқаманданд, зеро силсилаи ашё (мавод) аз модда то ақл идома меёбад ва ҳамин пайвастагии моддаю ақл физикаро бо мантиқ алоқаманд менамояд. Мантиқ аз олами моддӣ ҳар он чи зарур аст мегирад, аз ҷониби дигар мантиқ ба физика воситаҳои методӣ ва роҳҳои инкишофи фикриро медиҳад, то фикрҳо дар табиат татбиқи худро ёбанд [3, с. 182].

Ба назари Карра де Во мафҳумҳои асосии метафизикии модда ва сурат асоси физикӣ доранд. Ин андеша дар оғози қисмати "Физика"-и "Наҷот" омадааст:

“Мо мегӯем, ки аҷсом аз модда, яъне макон ва сурате, ки дар дохил аст, мураккаб гаштаанд. Робитаи модда ва сурат чун робитаи мису ҳайкал аст” [3, с. 183].

Аз олимони фаронсавӣ, ки ба масъалаи модда ва атрибутҳои он: замону макон ва ҳаракат дар таълимоти Ибни Сино таваҷҷуҳ намудаанд, номи Шанин Осман ва асараш “Фалсафа ва теология аз назари Ибни Сино”, Жерар Censored Вербеки олими фаронсавизабони белгиягиро бо мақолаҳои муқаддимотиаш дар осори ба забони лотинӣ нашршудаи Ибни Сино ёдовар шудан мумкин аст.

Шанин Осман дар рисолааш “Онтология ва теология аз назари Ибни Сино” менависад, ки назарияи моҳият ва вуҷудро таҳқиқ намуда, маънои аслию тафсири муфассали сурат ва моддаро дар рисолаи “Ҳудуд” метавон пайдо кард [9, с. 61]. Хеле ба маврид аст зикр намоем, ки бар хилофи дигар муҳаққиқони фаронсавӣ, аз ҷумла бар хилофи назари Анри Корбен, ки фалсафаи аслӣ ва фарққунандаи Ибни Синоро аз тафаккури юнониёни қадим дар асараш “Фалсафаи машриқия” медид, баръакс Осман Шанин дар рисолаи “Ҳудуд” мебинад [9, с. 61]. Шояд муҳаққиқи номбурда аз Гуашон илҳом гирифта бошад, ки таъкид менамуд “Фалсафаи машриқия” ба андешаи файласуфони аврупоии замони Эҳё қаробат дорад ва моҳияти аслию мустақили фалсафаи Ибни Сино дар рисолаи “Ҳудуд” ҷой дорад [8, с. 88].

Шанин Осман моддаи Ибни Синоро як чизи номукаммал шуморида менависад, ки нахустмодда (ҳаюло) ба мисли таълимоти Фомаи Аквинӣ ҳаргуна камолотро мепазирад ва “чизест, ки худ ба худ нест”. Моддаи дуюм, ки худ ба худ номукаммалу ноаниқ аст, бояд чизеро аз берун бипазирад, яъне суратро [9, с. 61].

Осман модда ва суратро аз назари Ибни Сино шарҳ дода, менависад, ки моддаю сурат бе ҳамдигар вуҷуди воқеӣ надоранд. Вале модда ҳамчун билқувва метавонад вуҷуди алоҳида дошта бошад. Аммо сурат вуҷуди билқувва надорад, зеро ҷавҳари сурат билфеъл буда, ҷавҳари модда билқувва аст [9, с. 62]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки Осман дар вуҷуди мутлақи модда қоил аст, вале суратро танҳо ҷавҳари билфеъли модда меҳисобад.

Осман дар шинохти модда таъкид менамояд, ки Ибни Сино аз Арасту дур рафта, бештар зери таъсири навафлотуния мондааст. Муҳаққиқи номбурда тавзеҳ медиҳад, ки ба назари Ибни Сино нестӣ дар моддаи билқувва ҷой дорад, вале на нестии мутлақ, балки нестии нисбӣ. Бо баробари якҷо шудани модда ва сурат он нестии нисбӣ ба ҳастии воқеӣ табдил меёбад. Дар охир Осман хулоса карда менависад, ки бо назардошти якҷоягии сабаб ва натиҷа, ба назари Ибни Сино набояд, ки модда сабаби вуҷуди сурат бошад. Баръакс, модда бе сурат вуҷуд надорад ва билқувва ҳам шуда наметавонад [9, с. 65]. Дар ин мисоли охирон Осман бар хилофи андешаҳои дар боло зикрнамудаи худ баромад карда, модда ва сурати Ибни Синоро ба мисли моддаю сурати Арасту шарҳ додааст.

Жерар Вербеки белгиягӣ, ки исмаш дар боло зикр шуд, ба тарҷумаҳои танқидии лотинии бахши илоҳиёти “Китоб-уш-Шифо”-и Ибни Сино мақолаҳои муқаддимотии хеле доманадору ҷиддӣ навишта, як қатор масъалаҳоро мавриди омӯзиши илмӣ қарор додааст. Пеш аз ҳама он чизе, ки Жерар мушоҳида намудааст, ин аст, ки ӯ дар масъалаҳои метафизикӣ андешаҳои Арастуро берабту номушаххас ва дар ҳар асараш гуногунранг номидааст. Ба назари Жерар, Ибни Сино дар ин самт аз Арасту гузашта, як низоми мукаммалу мантиқан дурустеро офаридааст [10, с. 1-122]. Чунин ақидаро мо дар асари академик М.Диноршоев “Матолиби фалсафаи Ибни Сино” муфассалтар пайдо карда метавонем [4, с. 5].

Ба назари Жерар Вербек, Ибни Сино ақида дорад, ки тамоми чизҳои ба вуҷудоянда вобаста ба имкон вуҷуди худро дар мавзӯе (субстрат) меёбанд, ки онро метавон модда номид. Модда аз ҳар он чизе, ки ба вучуд омадан оғоз менамояд, муқаддам аст. Агар имконулвуҷуд бе он ки вуҷуди воқеӣ дошта бошад, вале ба вуҷуд ояд, пас ин он маъноро дорад, ки вай дар худ қаблан асоси моддӣ доштааст ва маҳз ҳамин асоси моддӣ бавуҷудоии воқеии онро кафолат додааст [10, с. 50].

Андешаҳои Жерар Вербекро оид ба моддаю сурат дар хусуси нафсу тан каме дигар карда гӯем, он аст, ки нафси ақлонӣ низ маҳз тавассути ҷисм зуҳур менамояд ва ҳамчун олат барои фаъолияти рӯҳонӣ қобили хизмат мегардад. Ҷисм низ қабл аз он ки нафсро пазиро гардад, барои пазируфтан омода карда мешавад. Яъне, на ҳар ҷисм қобили пазироии нафс буда метавонад. Агар нафсро сурат шуморем, ҳатман вай аз тарафи ҷисм пазируфта мешавад ва маълум мегардад, ки имконияти вуҷуди инсон на дар нафс (яъне, сурат), балки дар ҷисм (яъне, модда) мавҷуд будааст [10, с. 50-51].

Дар хусуси тағйир ёфтани сурати модда Жерар аз Ибни Сино мисолҳои зиёд овардааст. Боз ҳам агар андешаю хулосаҳои ин донишмандро хулоса карда гӯем, он аст, ки аз тухми наботот - наботот, аз тухми ҳайвонот – ҳайвонот ва аз тухми инсон - инсон мешавад, вале то аз ҳолат ва сурати тухм то ба ҳолати асосӣ расидан, сурати модда борҳо тағйир менамояд, вале асоси ҳастии тухм, ки моддаи азалию абадӣ аст, боз бармегардад ба шакли аввала ва аз тухм ҷондори зарурӣ ба вуҷуд меояд. Яъне, модда шаклан ба тағйирот дучор шавад ҳам, вале моҳиятан тағйир намеёбад [11, с. 24].

Дар саҳифаҳои аввали мақола мо аллакай аз олими олмонӣ Герман Лей дар хусуси назару андешаҳои Гуашон иқтибосҳо овардем, вале андешаҳои шахсии ин олимро оид ба моддаи Ибни Сино сарфи назар намудем. Ҳол он ки таҳлилу хулосаҳои олими мазкур оид ба модда аз назари Ибни Сино аҳамиятноканд. Дар муқоиса бо дигар олимони аврупоӣ Герман Лей дар симои Ибни Сино файласуфи моддигароро мебинад. Ӯ якчанд ҳолати моддигароии Ибни Синоро нишон додааст:

1. Дар табиатшиносӣ Ибни Сино ба таҷриба такя менамояд;

2. Мавҷудияти мустақилонаи модда ва воқеияти моддиро пайгирона дифоъ менамояд;

3. Дар таълимоти худ оид ба модда мустақилияти зуҳуроти моддиро аз ҳаргуна таъсироти фавқуттабиӣ таъкид менамояд. Ҳамзамон бар зидди астрология баромад мекунад;

4. Бар хилофи ҳамагуна асотир дар хусуси офариниш таълимоти абадияти оламро ҳимоя менамояд;

5. Маълумоти мавҷудаи алоҳидаи ашёҳои табииро дар асоси таҷриба омӯхта, аз онҳо қонуниятҳои илмӣ-табииро ошкор месозад:

6. Борҳо бар зидди тафаккури идеалистӣ ва скептикӣ, ки мавҷудияти воқеияти материалиро инкор менамояд ё эътироф намекунад ва ё онро зери савол мебарад, баромад менамояд [8, с. 104].

Муҳаққиқи олмонӣ таъкид менамояд, ки дар таълимоти Ибни Сино ҷойи асосиро ақидаи қонунмандии дохилии модда ишғол менамояд. Ҳамзамон андешаҳои материалистии Ибни Синоро васф карда, иброз менамояд, ки Ибни Сино бар зидди идеализм мубориза бурда, дар ҳалли он масъалаҳое, ки Арасту ба дин гузашт кардааст, Ибни Сино онҳоро аз назари моддигароӣ ҳал кардааст. Олими олмонӣ дар хусуси моддигароӣ Ибни Синоро аз Арасту боло гузошта, таъкид менамояд, ки вақте Ибни Сино абадияти мафҳумро зери суол гузошт ва моддаро асоси мустақили тамоми зуҳуроти табиат шуморид, яке аз паҳлуҳои заифу идеалистии Арастуро паси сар намуд [8, с. 109].

Герман Лей сареҳан иброз менамояд, ки назари Ибни Сино моҳиятан он қадар аз таълимоти Фулутин фарқ менамояд, ки шабоҳати зоҳирии он ин фарқиятро пинҳон карда наметавонад. Идеологияи Фулутин, - менависад Герман Лей, - ба идеологияи синфи миранда мувофиқ буд, таълимоти Ибни Сино бошад, аз талаботҳои қувваи синфи нав, ки дар раванди рушд қарор доштанд, маншаъ мегирад. Ҳамин тавр, Герман Лей ақидаҳои Фулутин ва Ибни Синоро қиёс намуда, ба хулосаҳои дақиқ омадааст. Ба фикри Герман Лей, Фулутин ақида дорад, ки олами моддӣ дар фосилаи салтанати девҳои дигар ҳастӣ тавассути эманатсия ҳамчун зуҳури дуюм, ҳамчун дараҷаи паст, зоҳир мешавад. Дар ҳоле ки дар таълимоти Ибни Сино ва Ибни Рушд таълмот оид ба эманатсия танҳо хусусияти зоҳирӣ дорад. Эманатсия аз тарафи онҳо ҳамчун анъана қабул шуда, барои ҳад гузоштан миёни модда ва Худо ва аз он

олами воқеиро пайдо кардан, истифода мешавад [8, с. 111].

Метавон аз таҳқиқоти Герман Лей ба ҳамин монанд дар хусуси модда, абадияту азалияти он, тағйирёбӣ ва як шакл ба шакли дигар гузаштани модда боз мисолҳо овард. Ба ҳар ҳол нуктаи назари олими олмонӣ ин ҷо мухтасаран баён карда шуд.

Ҳамзамон назару андешаҳои дигар олими олмонӣ Эренст Блохро бамаврид медонем, ки ин ҷо оид ба масъалаи баррасишаванда пешкаш намоем. Ин олими машҳур таъкид менамояд, ки Ибни Сино ба модда қудрати олиеро мансуб медонад ва ба ҳамин минвол фалсафаи ӯ ба самти натурфалсафа таҳаввул меёбад [2, с. 26]. Олими олмонӣ идома медиҳад, ки чунин шакли дарки моддаи Ибни Сино баъдан дар таълимоти файласуфи яҳудитабор Ибни Ҷиберол (Авитсеброн), то ба ҳадди моддаи умумӣ (материя универсалис), дар таълимоти Ибни Рушд модда ҳамчун ҳаракати дохилии абадӣ ва дар ҳама ҷо фаъолу зинда ва бениёз ба офаридгор то ба таълимоти Ҷордано Бруно, ки ҳангоми гузаштан ба тафаккури давраи Эҳё аз теизм ба материализм (ҳарчанд ин материализм ҳанӯз дар шакли пантеистӣ қарор дошт), вале дар он мутафаккир ҳаёти ягона, офарандаи умумӣ, чун Худо беохир, қадим, вале на ҷудо аз он медонист, рушд ёфтааст. Бешубҳа, мабдаи оғози ин равияи матералистӣ ва натурфалсафиро Блох дар консепсияи арастуӣ мебинад, ки маҳз аз мафоҳими модда ва сурат об хӯрдааст [2, с. 26].

Хулоса, бояд таъкид намуд, ки аксаран олимони фаронсавӣ таълимоти фалсафии Ибни Синоро мутолиа намуда, асосан Ибни Синоро ҳамчун теолог ва баъзан сӯфӣ муаррифӣ менамоянд ва ӯро дар баробари теологҳои номии аврупоии асримиёнагӣ чун Алберти Кабиру Фомаи Аквинӣ мегузоранд. Кам олимоне дар Фаронса ёфт мешаванд, ки бевосита масъалаи моддаро дар таълимоти Ибни Сино омӯхта бошанд. Дар ҳоле ки олимони олмонӣ, баръакс, тамоюли моддигароӣ доштани таълимоти мутафаккирро ҷонибдоранд. Олимони ватанию замони шӯравӣ низ ба ҷанбаҳои онтологӣ, хусусан моддаю сурат дар таълимоти мутафаккир таваҷҷуҳи бештар доранд ва маълум аст, ки дар ин самт агар андешаҳои олимони мо бо олимони фаронсавӣ қиёс карда шаванд, ихтилофи назар зиёд хоҳад буд.

**Адабиёт:**

1. Avicenne (Ibn Sina). Le livre de science. Trad. par Mohammad Achena et Henri Massé. – Paris: Les belles lettres/UNESCO, 1986. – 280 ; 260 p.
2. Bloch Ernst. Avicenne et la gauche aristotélicienne. Traduit de l'allemand par Claude Maillard. – Paris : Premières pierres, 2008. – 93 p.
3. Carra de Vaux (Baron Bernard). Avicenne (Les grands philosophes). – Paris : Felix Alcan, 1900. - 302 p.
4. Диноршоев М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино. – Душанбе: 2011. - 408 с.
5. Gilson Etienne. Les sources greco-arabes de l'augustinisme avicennisant suivi de Louis Massignon. Paris J.Vrin, 1981. –p. 39-159 p.
6. Goichon, Amélie-Marie. Lexique de la langue philosophique d'Ibn Sînâ (Avicenne). FrankfurtamMain, 1999. – 496 p.
7. Goichon, Amélie-Marie. La distinction de l'essence et de l'existence d'après Ibn Sina (Avicenne). Paris: Desclée de Brouwer, 1937. – 546 p.
8. Лей, Герман. Очерк истории средневекового материализма. –М.: Издательство иностранной литературы, 1962. - 587 с.
9. Osman Chanine. Ontologie et théologie chez Avicenne. - Paris: Maisonneuve, 1962. - 184 p.
10. Verbeke G. Le statut de la métaphysique // Simon, Van Riet. Avicenna Latinus, liber de philosophia prima sive scientia divina I-IV. Louvain: E.Peeters; Leiden: E.J.Brill, 1977. – c. 1-122
11. Verbeke G. Une nouvelle théologie philosophique // Simon, Van Riet. Avicenna Latinus, liber de philosophia prima sive scientia divina V-X. Louvain: E.Peeters; Leiden: E.J.Brill, 1980. – c. 1-90

**Султонов С.А.**

**Изучение материи в учении Ибн Сины с точки зрениянекоторых европейских исследователей**

В статье рассматриваются некоторые идеи ряда западноевропейских исследователей о понимании материи с точки зрения Ибн Сины. Следует отметить, что Гуашон среди французских исследователей является сторонником существования материалистических идей в учении Ибн Сины. Другие французские ученые связывают авиценновскую материю с метафизикой и мистицизмом, они не поддерживают мысль о присутствии материализма в воззрениях мыслителя. Немецкие ученые, в том числе Герман Лей и Эрнст Блох, целиком поддерживают натурфилософию и материализм Ибн Сины. Они доказывают изначальность, вечность и независимость материи в учении мыслителя, приводя разные факты и аргументы.

***Ключевые слова:****материя, материализм, европейские ученые, французские ученые, немецкие ученые*

**Sultonov S.A.**

**The study of matter in the teachings of Avicenna from the point of view of several European researchers**

The article examines the ideas of a number of Western European researchers on the comprehension of matter from the point of view of Ibn Sina. It will become clear that, among French researchers, Goichon is a supporter of the existence of materialistic ideas in the teachings of Ibn Sina. Other French scientists associate Avicenna matter with metaphysics and mysticism, they do not support the presence of materialism in the thinker's teaching. German scientists, including Herman Ley and Ernst Bloch, fully support the natural philosophy and materialism of Ibn Sina. They prove by different facts and arguments the primordiality, eternity and independence of matter in the thinker's teaching.

**Keywords:**matter, materialism, European scientists, French scientists, German scientists

**Эшонхонов М. З. -** аспиранти ИФСҲ

# АБУЛМУИНИ НАСАФӢ ВА ВАЗЪИ СИЁСӢ, ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ ЗАМОНИ Ӯ

*Дар мақола муаллиф вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии даврони Абулмуини Насафиро мавриди таҳлил қарор дода, омилҳои пешрафти илму фарҳанги он давраро баён намудааст. Инчунин таъсири вазъро дар таълиму тарбия ва ташаккулёбии шахсияти ӯ таҳлил намуда, хулоса ва натиҷагирии худро баён кардааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Салҷуқиён, фарҳанг, илм, девон (вазорат), хилофат, суннӣ, шиа, ҳанафия, Мовароуннаҳр, муътазила, калом, фалсафа, тасаввуф.*

Абулмуин Маймун ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Мӯътамад ибни Муҳаммад ибни Макҳул Макҳулии Насафӣ- мутакаллим, фақеҳ ва донишманди барҷастаи ислом ва миллати тоҷик мебошад, ки бо лақаби Абулмуини Насафӣ машҳур аст. Ӯ яке аз чеҳраҳои шинохта ва намоёни мактаби каломии мотуридия буда, ҳамчун сухангӯ ва тарвиҷдиҳандаи ин мактаб шинохта шудааст. То ҷое, ки ӯро дар ин мақому манзалат ба Ашъариву Боқилонӣ дар мактаби каломи ашъарӣ баробар мекунанд.

Бидуни шубҳа, барои накду таҳқиқ ва баён намудани корномаву дастовард ва хидматҳои як донишманд, донистани вазъи фарҳангиву иҷтимоӣ ва сиёсии замони вай амри ногузир ва зарурӣ мебошад. Зеро, бидуни огоҳӣ аз он, ба кунҳу асли мавзуъ расида нахоҳад шуд, чун вазъи фарҳангиву иҷтимоӣ ва муҳити рушду инкишоф барои таълиму тарбия ва донишу малака ва дар шахсияти илмию фарҳангии вай таъсири босазо дорад.

Ба ин ҷиҳат хостем вазъи сиёсиву фарҳангӣ ва иҷтимоии замони Абулмуини Насафиро зери таҳқиқ қарор дода, корномаву дастовард ва хидматҳои арзандаи ин бузургмарди миллати тоҷикро барои ҷомеаи имрӯзаи кишвар пешниҳод намоем.

Абулмуини Насафӣ (438-508ҳ) дар нимаи дуввуми асри панҷуми ҳиҷрӣ ва ибтидои асри шашум, мутобиқ ба асрҳои ёздаҳум ва дувоздаҳуми мелодӣ зиндагонӣ ва кору фаъолият намудааст, ки ба давраи дурахшидани ситораи хонадони Салҷуқиён (1037-1194м) ва суқути ситораи хонадони Оли Буя (934-1055м) рост меояд.

Вақте мо вазъияти сиёсии асри Абулмуини Насафиро (438-508ҳ) дар саҳифаҳои таърих ҷустуҷӯ мекунем, ба ҳамин натиҷа расидан мумкин аст, ки ин замон аз ҷиҳати сиёсиву амниятӣ яке аз рӯзгори нобасомон ва кашмакашу шӯришҳои пайдарпай дар Мовароуннаҳр ба шумор мерафта аст. Зеро Мовароуннаҳр дар ин аср таҳаввулот ва дигаргуниҳои зиёди сиёсиро паси сар намуда, аз як тараф, пайдоиши давлатҳои мустақил ва ниммустақили сершумор дар ин навоҳӣ ва аз тарафи дигар, равнақу шукуфоӣ дар давраҳои таърихӣ ва бурузи дигар ҳодисот, ин минтақаро аз ҷаҳони ислом ва аз ҷумлаи марказҳои муҳими илму дониш сохта буд. Ба хотири ин вижагиҳо, Мовароуннаҳр дар тӯли таърих зери таҳоҷуми зиёд қарор гирифта ва аз дасти як сулолае ба дасти сулолаи дигар мегузашт. Ин қазия ҳам ба таърихи пеш аз исломи минтақа ва ҳам ба таърихи пас аз исломи он хос аст, ки он борҳо боиси ҳам шукуфоӣ ва ҳам харобии он гардида буд.

Рушду камолот ва ҷавонии Абулмуини Насафӣ ба давраи пурзӯру тавсиа ёфтани давлати туркиасл ва суннимазҳаби Салҷуқиён(1037-1194м) рост меояд.[1.]

Муаррих ва мутафаккири машҳури тоҷик, академик Б. Ғафуров дар китоби “Тоҷикон”-и худ дар мавриди интиқоли қудрат дар ин сарзамин аз дасти Ғазнавиён ба Салҷуқиён, чунин менигорад: “Дар натиҷаи шикастҳои пайдарпайи Ғазнавиён аз тарафи Салҷуқиён, қисматҳои зиёди давлати Ғазнавиён тобеи Салҷуқиён шуд.

Ниҳоят, дар баҳори соли 432ҳ/1040м дар наздикии Дандонакон (Тошработи имрӯза) муҳорибаи ҳалкунанда ва машҳури «Дандонакон»,байни Масъуди Ғазнавӣ ва Туғралбеки Салҷуқӣ барпо гардид, ки дар натиҷаи он салтанати Ғазнавиён дар Хуросон ба куллӣ хотима ёфта, ҳукуматдории Салҷуқиён дар ин сарзамин мустақар гардид. [9,258][4,620][11,682][16,320][13,12][6,86]

Аммо, ҳудуди Мовароуннаҳр бошад,аз тарафи Маликшоҳи Салҷуқӣ (1072-1092м.) дар соли 482ҳ/1090м забт ва тобеи давлати Салҷуқиён қарор гирифт. [9,457,][11,113][6,73]

Дар ин замон хилофати Аббосиҳо низ заъиф гардида, маркази он шаҳри Бағдод низ вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии муташанниҷ ва парешонро сипарӣ мекард. Хилофати Ал-қоим (422-467ҳ) рамзӣ буд, зеро давлати шиамазҳаби Оли Буя, ё Дайламиён (934-1055м) нуфузи зиёдеро дар маркази хилофат соҳиб гардида, ба идораи корҳои сиёсии хилофат дасти дароз дошт ва ҳатто дар тасмимҳои сиёсии халифаҳои аббосӣ дахолат мекард. [11,730] Инчунин, Арслони Туркӣ, машҳур ба Басосирӣ, ки сипаҳсолор ва фармондеҳи Бағдод буд, соҳиби ҷою мақоми хосе гардида, дар Ироқ хутбаҳо ба номи ӯ хонда мешуд ва низ дар тасмимҳои сиёсӣ сухани охирро ӯ мегуфт. [16,20]

Хилофати Аббосиҳо бо Оли Буя мухолифати сахте дошт ва низоми мазҳабии байни онҳо боиси ихтилофу зиддиятҳо мегардид. Инчунин, даъватгарони шиамазҳаби давлати Фотимиёни Миср дар он солҳо дар гӯшаву атрофи ҷаҳони ислом паҳн шуда, мардумро ошкору пинҳонӣ ба мазҳаби худ фаро мехонданд, то ҷое ки мансабдорону пешвоёнро ба худ ҷалб намуданд. Барои мисол, Абӯҳорис Арслони Басосирӣ – яке аз мансабдорони калидии ҳукумати аббосиҳо низ, бо даъвати шахсияти машҳури фотимӣ - Ҳиббатуллоҳи Шерозӣ мутаассир гардида, онро қабул намуда буд. Дар ин солҳо мақому манзалат ва ҷойгоҳи Басосирӣ хеле баланд буда, бо фармони вай дар масҷидҳо ба номи подшоҳи Фотимиён хутба мехонданд ва ӯ барои халъи халифа бо подшоҳи Фотимиён - Мустансир Биллоҳ солҳо номанигорӣ менамуд.[5,55] Бояд қайд кард, ки дар ин давраи ҳассосу нозук, подшоҳи Салҷуқиён Туғралбек итоат ба халифаро эълон намуд, чун Салҷуқиён дар мазҳаб мувофиқи хилофат буданд, халифаи аср ин иқдоми Туғралбекро бо камоли майл қабул намуд ва ӯро ба маркази хилофат-шаҳри Бағдод даъват кард ва бо як икрому самимият пешвозаш гирифт. Бо вуруди Туғралбек дар соли 447ҳ/1055м ба Бағдод Басосирӣ фирор намуд ва охирин подшоҳи хонадони Оли Буя дар Бағдод- Малик Раҳим (440-447ҳ) сарнагун шуд ва бо ҳамин, ситораи ин хонадон ба таври ҳамешагӣ сукуткард ва фитнаи Басосирӣ низ аз байн рафт. Дар ҳамин сол, бо фармони халифа, дар масҷидҳои Бағдод ба номи Туғралбек хутба хонда дар сиккаҳо низ номи ӯ зада шуд. [9,377][11,730][16,20][2,347][12,28]

Вазъи сиёсии маркази хилофат бо сарнагун шудани хонадони Оли Буя ва шикаст хӯрдани лашкари Басосирӣ ва ба қатл расидани ӯ аз тарафи Туғралбек дар соли 451ҳ/1060м., орому осуда ва сулҳу амонӣ дар ин минтақа мустақар гардид. [9,414]

Қобили қайд аст, ки яке аз сабабҳои баҳамойии ду давлат - ин пайравии онҳо аз як мазҳаб ва аз байн рафтани тафриқаи мазҳабӣ буд, яъне ҳар ду суннимазҳаб буданд. Бидуни шак, эътиқоди ягонаву боварии солиму дуруст, ихтилофу тафриқа ва парокандагиву парешониро дур намуда якпорчагӣ ва ваҳдату амниятро таъмин менамояд, ки мисолу намунаҳои он аз ҳаводиси таърихиву дунёи имрӯз борҳо мушоҳида шудааст.

Хулоса, шаҳрҳои Мовароуннаҳр қаблан зери сайтараи давлати Аббосиҳои суннӣ ва баъдан низ, таҳти фармонравоии давлати Салҷуқиён қарор дошт, ки ҳар ду бо ҳам хилофе надоштанд. Вале, давлати Фотимиён дар Мисру Мағриб ва минтақаи Шом, ки пайрави мазҳаби шиа буд, дармаркази хилофат ихтилофи зиёдро барангехт, ки сабаби шӯришу фитнаҳо ва даргириву хунрезиҳо мегардид.

Аз ҷумлаи ин гуна шуришҳо, Ибни Асир дар мавриди ҳодисаи соли 407ҳ/1017м зикр мекунад, ки дар тамоми шаҳрҳои қитъаи Африқо мардуми шиа қатли ом ва сӯзонида шуданд, то ҷойе, ки шиаҳои

боқимонда ба дигар шаҳру деҳот ва масҷидҳо паноҳ бурда, аз гуруснагӣ вафот намуданд. [9,83]

Инчунин соле баъд дар Бағдод, миёни шиаёни Карх ва сунниён шӯриши бузурге падид омад, ки дар натиҷа шумораи зиёде аз ҳар ду ҷониб кушта шуданд. Дар соли 443х/1051м рофизиҳо шиорҳое ба намоиш гузоштанд, ки дар онҳо бо оби тилло чунин навишта буданд: «Муҳаммадан ва Алиййан хайру-л-башар фаман разия фақад шакар ва ман або, фақад кафар» яъне: “Муҳаммад ва Алӣ беҳтарин инсонанд, агар касе розӣ бошад шукр кардааст ва агар нафаре қабул накунад, носипосӣ намудааст”. Сунниён Муҳаммад ва Алиро дар як ҷо қарор доданро напазируфтанд. Дар натиҷа, ҷанге байни ин ду фирқа ба вуҷуд омад, то ҷойе, ки қабру масҷидҳои якдигарро оташ заданд. [9,347]

Дар солҳои 444х/ 1052-53м ва 445х/1054м алангаи ин шӯришҳо аз нав шӯълавар шуд, ки ҳар як гурӯҳ дар кӯшиши сӯзонидани мулки дигар шуд, то ҷойе фитнаи ин ҷанг бузург шуд, ки хилофат аз тавофуқ доданиду фирқа оҷизу нотавон шуд. [9,362]

Дар мавриди муътазилиён ва дигар фирқаву ҷараёнҳои он замона бошад, халифа Ал-қодир Биллоҳ (382-422х) дар соли 408х/1018м ҳамаи фақеҳон ва донишмандони ҷараёнҳоро аз баҳсу мунозира бо якдигар тавба дода, манъ кард ва барои саркашӣ аз ин фармон ҷазо таъйин намуд.[9,93]

Соли 455х/1063м Туғралбек вафот кард ва ба ҷойи вай Алпарслон соҳиби тахт шуд ва Низомулмулкро вазири худ гардонид, ки ӯ то соли 485ҳ. вазифаи вазириро бар ӯҳда дошт. [13,14] Низомулмулк яке аз вазирони одил ва ҳалиму дӯстдори аҳли илму адаб ва инчунин, яке аз шахсиятҳои ғаюру диловари аҳли суннат ва ҷамоат шинохта мешуд, ки дар замони вазорати ӯ вазъияти минтақа орому осоишта гардида, фарҳангу илму адаб рушду нумуъ кард. [11,792]

Чуноне, ки ҳаёту фаъолияти Абулмуини Насафӣ (1044-1114м) ба давраи қудрат ва шукуфоии давлатдории Салҷуқиён (1037-1194м) дар Мовароуннаҳру Хуросон ва дигар манотиқи ҷаҳони ислом рост меояд, дар оғози ҳукуматдории Салҷуқиён вазъияти Мовароуннаҳр дар ҳолати парешон ва ҷангу ноамнӣ буд, ки дере нагузашта, амну сулҳ ва оромӣ минтақаро фаро гирифт. Хусусан, даврони вазирии Низомулмулк, яъне замони ҳукмронии Алпарслон (1063-1072м) ва Маликшоҳ (1072-1092м)-ро яке аз давраҳои тиллоӣ ва шаҳомату иқтидори давлати Салҷуқиҳо ва дар айни замон, шукуфоии илму фарҳанги Мовароуннаҳр ҳисобидан мумкин аст. Албатта, ин оромиву амният ва пайравӣ аз як мазҳаб дар таълиму тарбия ва фаъолияти илмии Абулмуини Насафии мотуридии ҳанафӣ таъсири бузурге гузошт.

Чун подшоҳони салҷуқӣ ба монанди дигар туркҳо пайравӣ аз мазҳаби ҳанафӣ доштанд [7,18] ва дӯстдори аҳли илму фарҳанг буданд, бидуни шубҳа барои тарвиҷу пешрафт ва шукуфоии олимону донишмандони аҳли суннат ва ҷамоат, бахусус ба ҳанафиҳои мотуридӣ хидматҳои зиёде намудаанд ва барои онҳо озодии комили илмиро фароҳам оварданд. Абулумуини Насафӣ сабаби таснифи китоби “ат-Тамҳид ли қавоиди-т-тавҳид”-и худро, дар муқаддимаи ҳамин китоб, розӣ будани подшоҳони Мовароуннаҳр аз олимону донишмандон ва пайравони аҳли суннат ва ҷамоатро баён менамояд, ки подшоҳ ё вазири Самарқанд аз ӯ талаб намуд, то китобе дар ақида ва эътиқодоти донишмандони гузаштаи аҳли суннат ва ҷамоат навишта кунад ва дар вай он чизе, ки мазҳаб аз он пайравӣ мекард, равшану баён созад. Сипас дар идомаи қавли худ менависад: “Ман адо кардани ин корро лозим шуморидам ва эътирозу рӯй гардонидан аз ин амрро ба худ дуруст ва раво надонистам”. [1,8-9] Ин қавл бар он шаҳодат медиҳад, ки аҳли суннат ва ҷамоати шаҳрҳои Мовароуннаҳр на танҳо аз тарафи мардум пуштибонӣ ва дастгирӣ мешуданд, балки аз ҷониби подшоҳону вазирон низ тарафдорӣ ва дастгирӣ мешуданд ва барои олимону донишмандони аҳли суннат ва ҷамоат, ба хусус пайравони мазҳаби ҳанафӣ ва мактаби каломии мотуридӣ, майдони озоде фароҳам оварда буданд.

Дар мавриди вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ баён намудем, ки аз баъзе парешониҳову

шӯришҳо ва кашмакашҳои дохиливу хориҷӣ холӣ набуд, аммо вазъияти фарҳангӣ ва илмии замони Абулмуини Насафӣ аслан баръакси он буд. Халифаҳои аббосӣ ва подшоҳони давлатҳои мустақили тобеи хилофат, чун дӯстдорони илму фарҳанг донишмандону олимонро ҷалб карда, базмҳои шеъру адаб ва дигар маҳфилу мунозараҳои илмӣ меоростанд, ки гувоҳи дар ҳолати хуб қарор доштани вазъияти фарҳангии он давра мебошад. Зуҳури донишмандоне машҳуру маъруф ба монанди Абулмуини Насафӣ ва дигарон низ худ далели чунин ҳолат аст.

Чун ба давлатдории Салҷуқиён назар кунем, дарёфтан мумкин аст, ки он давлати низомӣ буд ва бо қудрату шаҳоматаш аз Мовароуннаҳр то соҳилҳои баҳри Медитрона тулу арзи он мерасид. Вазирони хирадманду дурандеше монанди Низомулмулк ва дигаронро дошт, ки дар он низоми девонсолориро (вазорат) бунёд ва ба воситаи он ҳукумати низомиро ба ҷомеаи маданӣ наздику қарин менамуданд.

Вазорат аз ҳама мансаби баланди давлати Салҷуқиён маҳсуб мегардид. Вазир дар байни мансабдорон шахси аввал шинохта шуда, дорои чандон нишонаҳои фахрӣ буд, ба монанди “хоҷаи бузург”, “садр”, “дастур” Салҷуқиён вазирро “раису-р-руасо” ва “саиду-р-руасо” меномиданд. [3,69]

Яке аз вазирони фидокори давлати Салҷуқиҳо Низомулмулк, ки номи пурраи вай Абӯали Ҳасан ибни Алӣ (1017-1092м) мебошад. Ӯ дар марказигардонӣ ва ба шӯъбаҳо тақсим намудани дастгоҳи бюрократии давлати Салҷуқиҳо нақши бузургеро иҷро кардааст. Вай як сиёсатшиносӣ боистеъдод ва мансабдори лаёқатманде буд, ки дар пешрафти иқтисодӣ, сиёсӣ ва низомии давлати Салҷуқиён ислоҳоти бузурге намудааст. [3,72]

Давлати Салҷуқиён дорои якчанд девон (вазорат) буд, ки умдатарини онҳоро баён мекунем:

1. **Девони хос (даргоҳ):** Яке аз вазоратҳои олии давлати Салҷуқиён девони хос мебошад, ки дар айни замон вазорати хоси султон маҳсуб меёфт ва он дорои сохтори муфассал ва ашхоси махсус дар он кор мекарданд. Дар ихтиёри ин вазорат идораи тамоми сармояҳои манқул ва ғайри манқул қарор дошт, инчунин заминҳои шоҳиро идора менамуд. [3,75]

2. **Девони туғро (девони расоил ва иншо):** вазоратест, ки мукотаботи давлатӣ ва номанигориҳои шахсии султон дар он сурат мегирифт ва инчунин тамоми фармонҳои ба вазифаҳои мухталифи давлатӣ таъйин ва озод карданро низ дарбар мегирифт. Раиси онро “туғроӣ” мегуфтанд, ки яке мансабҳои баланди давлатӣ баъди вазирӣ маҳсуб меёфт. Туғроӣ вазифаи муваққатии вазирро дар ҳоли набудани вай иҷро мекард, инчунин султонҳо дар тасмимҳои сиёсии худ бо ӯ машаварат менамуданд. [3,76-77]

3. **Девони истифо:** Ин вазорат дар низоми дастгоҳи бюрократии давлати Салҷуқиён нақши бузургеро иҷро намудааст. Вазорати истифо мутасаддии умури молии кишвар ва маъмури ҷамъоварии хароҷ буд, яъне вазорати андоз ва молияи далвати Салҷуқиён маҳсуб мегардид. Раиси ин вазоратро “муставфӣ” меномиданд, ки дар мақоми мансабӣ баъди вазир ва туғроӣ қарор дошт. Муставфӣ на танҳо воридот ва содироти кишварро идора мекард, ҳатто дарбори султонро низ назорат мекард. Хулоса, муставфӣ тамоми молиёти кишвар, воридоту содирот, андоз ва дигар намуди иқтисодиётро идора менамуд. [3,79-80]

4. **Девони ишроф:** Яке аз чеҳраҳои асосии давлати Салҷуқиён баъди муставфӣ мушриф буд, ки сардори девони ишроф ба ҳисоб мерафт. Вазифаи асосии мушриф чудо кардани муомилоти молӣ буд. Инчунин девони ишроф заминҳои амлок, чекҳои пулӣ (сикка) муҳр ва ғайраро идора менамуд. Мушриф низ монанди дигар мансабдорон барои худ ҷонишин ва ноиб дошт.[3,84]

5. **Девони арзу-л-ҷайш**: Дар давлати Салҷуқиён дар баробари муассисаҳои ҷамъиятӣ инчунин вазорати низомӣ қарор дошт, ки бо номи “арзу-л-ҷайш” машҳур буд. Сардори ин вазоратро “Ориз-ал-ҷайш” роҳбарӣ мекард. [3,87] Ин вазорат мутасаддии умури сипоҳ ва артиш буд ва тамоми хадамоти артишро аз қабили

беморхонаҳои низомӣ нақлиёт, доруворӣ ва дигар чизҳоро идора менамуд. Дафтарҳо ва санаду ҳуҷҷатҳои низомӣ дар ин вазорат нигоҳдорӣ мешуданд. [3,86]

Тақсим шудани хилофат ба давлатҳои мустақил ва ниммустақил ба коста шудани илму фарҳанг таъсире накард, балки баръакс ба рушду пешрафти соҳаи фарҳанг ва илм таъсири бузурге расонид. Яъне, пас аз пойтахти хилофат шаҳри Бағдод, ки маркази илму фарҳанг буд, дар дигар гӯшаву канори хилофат низ марказҳои илмию фарҳанг арзи вуҷуд намуданд, ба монанди Қуртубаву Қоҳира, Бухорову Самарқанд ва ғайра...Тамоми ин марказҳо ҳамчун қиблаи олимону шоирон ва донишмандону муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илм гардиданд. [7,64]

Гарчанде равишу дидгоҳҳои ин давлатҳои мустақил ва эътиқоду мазҳабашон ба ҳам мухолиф буд, аммо онҳо дар рушду пешрафти илм ихтилофи назар надоштанд ва барои дифоъ аз боварҳои худ баҳри расидан ба илм кушиши зиёд менамуданд. Аз ҳамин сабаб, дар ин аср мо дар тамоми фан донишмандонро вомехӯрем.

Вақте мо назаре ба илми каломи он аср меандозем, ба якчанд мактабҳову донишмандони илми калом мувоҷеҳ мегардем. Мактабҳои каломи он рӯзгор инҳо буданд: мотуридиҳо, ашъариҳо, муътазилиҳо, хавориҷ, шиа, ҷабария, қадария, карромия ва дигарон, ки ҳар яке аз он барои исботи эътиқодоти худ далелҳоеро меовард ва бо он эътиқоду боварҳои ҷониби мухолифро ботил месохт ва чунин баҳсу мунозараро расидан ба ҳақиқат мепиндошт. Аз ҷумлаи онҳо Қозӣ Абдулҷаббор [14,219] (ваф. 415ҳ) пешвои муътазилиёни ин аср буд. Аз таълифоти вай дар илми калом китоби “Ал-муғнӣ” ва “Шарҳи усули хамса” мебошад. Абдуссалом ибни Юсуфи Қазвинии Муътазилӣ (ваф.482ҳ) нафаре, ки бо мӯътазилӣ буданаш дар назди Низомулмулк ифтихор кардааст. Ӯ тафсири бузурге дорад шомили ҳафсад ҷилд. [14,230]

Аз ҷумлаи олимони мазҳаби ашъарӣ Абӯисҳоқи Исфароинӣ [10,6] (ваф.418ҳ) муаллифи “ат-Табсир фи-д-дин”, Абӯбакри Нишопурии Байҳақӣ [14,3-4] (458ҳ) муаллифи китоби “ал-Асмо ва-с-сифот ва-л-эътиқод”, Абдулқоҳири Бағдодӣ [14,238] (ваф.429ҳ) муаллифи китоби “Усули-д-дин”, “ал-Фарқу байна-л-фирақ”, Абумансур ибни Аюб [8,249] (ваф.421ҳ) ва Имому-л-ҳарамайн Ҷувайнӣ (ваф.478ҳ) муаллифи китоби “ аш-Шомил фи усули-д-дин” ва “ал-Иршод” ва Наҷмиддин Умари Насафии Мотуридӣ [15,222] (тав. 461ҳ) муаллифи китоби машҳури “ал-Ақоиду-н-насафия” мебошад.

Яке аз шахсиятҳои донишманд ва барҷастаи илми калом ва машҳуру маъруфи арабу аҷам ва ҷомеъ байни илми калому тасаввуф ва фалсафа Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ [8,10] (ваф.505ҳ) муаллифи китоби “Эҳёи улуми-д-дин”, “ал-Иқтисод фи-л-эътиқод” ва “Таҳофату-л-фалосифа” ҳам дар ин рӯзгор умр ба сар бурдааст.

Дар илми фалсафа бошад, яке аз бузургони ин илм Абӯали Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино (ваф. 467ҳ) ва аз машҳуртарини таълифоти ӯ китоби “аш-Шифо” ва “Ишорот ва танбиҳот ва наҷот”, Умари Хайём [15,194] (ваф.515ҳ) муаллифи китоби мухтасаре дар табииёт ва рисолае дар вуҷуд ва Абӯрайҳони Берунӣ (440ҳ) мебошанд.

Дар илми тасаввуф бошад, беҳтарин олими ин аср Имом Абулқосими Қушайрӣ (ваф.465ҳ) муаллифи “ар-Рисолату-л-қушайрия”, ки ҳадафи муаллиф аз таснифи ин рисола танҳо дифоъ аз афкору эътиқоди аҳли суннат ва ҷамоат буд. Аз ҷумлаи шахсиятҳои дигаре, ки дар ин аср зиндагӣ намудаанд, Абӯали Ҳасан ибни Даққоқ, Абӯабдурраҳмони Суламӣ ва Абулаббоси Қассор буданд. Инчунин яке аз машҳуртарин даъватгарони мазҳаби ботиния бо номи Ҳасан ибни Саббоҳ (ваф.518ҳ) дар ҳамин давра зистааст.

Хулоса, вуҷуди донишмандоне, ки номашон зикр шуд, далолат бар он дорад, ки асри панҷум ва шашуми ҳиҷрӣ, мутобиқ ба ёздаҳум ва дувоздаҳуми мелодӣ, яке аз давраҳои рушди илми калом, фалсафа ва тасаввуф мебошад. Абулмуини Насафӣ низ барои исботи эътиқодоти аҳли суннат ва ҷамоат ва ботилу нодуруст баровардани эътиқодоту боварҳои мухолифонаш баҳси

мантиқӣ кардааст, то ки исботаш пуртаъсиру эътимодбахш бошад.

**Эшонхонов М.**

**Абулмуин Насафи- политическая, социальная и культурная обстановка его эпохи**

В статье автор, анализируя политическую, социальную и культурную обстановку эпохи Абулмуина Насафи, показывает факторы религиозных споров в культуре этого времени. Также анализируется влияние той эпохи на воспитание и формирование его личности. Приведены полученные результаты и заключения.

***Ключевые слова***: Сельджуки, образование, знание, министерство, халифат,сунниты, шииты, ханафия, Мавераннахр, мутазилиты, калам, философия, суфизм.

**Eshonkhonov M.**

**Abulmuini Nasafi - political, social and cultural situation of his era**

In this article the author explains the political situation, the cultural and the social of Abulmuini Nasafi and explores the progress of the religion stage in the cultural in that time. Also discussed the impact of the situation in the sphere of education of Abulmuini Nasafi and explained his results.

***Keywords***: Seljuc's, culture, science, ministry, caliphate, sunni, shia, hanafiya, Transoxania, mu'tazila, kalam, philosophy, Sufism.

**Адабиёт:**

1. Абулмуини Насафӣ. Тамҳид ли қавоиди-т-тавҳид. (Таҳқиқи Муҳаммад Шоғул). Қоҳира, «Азҳария». 2006.
2. Абулфарач Абдурраҳмон. Ал-мунтазам фи таърихи-л-мулуки ва-л-умам. Бейрут, Лубнон. "Дору-л-кутуби-л-илмия". 1992.
3. Агаджанов С.Г. Сельджукиды и Туркмения в 11-12вв. Ашхабад,«Илм». 1973.
4. Б. Ғафуров. Тоҷикон. Душанбе «Ирфон» 1999.
5. Доктор Алӣ Муҳаммади Саллобӣ. Давлати Салоҷиқа. Қоҳира, Миср, «Иқраъ». 2006.
6. Доктор Муҳаммад Суҳайл. Таъриху-с-салоҷиқа фи билоди-ш-шом. Бейрут, Лубнон, «Дору-н-нафоис». 2009. - С: 72.
7. Доктор Ҳасан Иброҳим. Таъриху-л-исломи-с-сиёсӣ ва динӣ ва саққофӣ ва-л-иҷтимоӣ. Лубнон, Бейрут, "Дору-л-Ҷил". 1996.
8. Ибни Асокир. Табйини казиби-л-муфтаро. Димишқ, «Тавфиқ», 1347.
9. Ибни Асир Иззуддин Алӣ ибни Муҳаммад. ал-Комилу фи-т-таърих.Тарҷумаи Ҳамид Ризо. Интишороти Асотир. 1390.
10. Ибни Халикон. Вафиёту-л-аъён. Миср, Қоҳира 1310.
11. Ибни Касир. Ал-бидоя ва-н-ниҳоя. Мадина, «Дору Ҳиҷр»,1312
12. Рашидуддини Ҳамадонӣ. Ҷомеъ-ут-таворих: Таърихи Оли Салҷуқ, Исфаҳон, «Мероси мактуб».
13. Тамара Райс. Селджуки. Кочевники-завоевател Малой Азии. М. 2004.
14. Тоҷиддини Субкӣ. Табақоту шофеияти-л-кубро. Миср, «Хусайния», 1324.
15. Хайриддини Зириклӣ. ал-Аълом. Қоҳира, «Малойин». 2002.
16. Шамсиддини Заҳабӣ. Таърихи ислом. Бейрут, Лубнон, «Дору-л-кутуби-л-арабӣ». 1990.

**Гадоев И. -** унвонҷӯ ва ходими илмии Маркази синошиносии ИФСҲ

# ДАВРАҲОИ РУШДУ НУМӮ ВА СУҚУТИ ДАВЛАТ АЗ НИГОҲИ ИБНИ ХАЛДУН

*Дар мақолаи мазкур муаллиф давраҳои рушду нумӯ ва суқути давлатро аз нигоҳи Ибни Халдун мавриди таҳлил қарор дода, марҳилаҳои рушди давлатро дар панҷ зина, ки дар он ҳасабу насаб аз самти қувваю нерӯ ба сӯи заъфу нотавонӣ рӯ меоварад, баррасӣ намудааст. Ҳамзамон дар мақола мафҳуми "асабия" дар муқоиса ба дигар мафҳумҳо шарҳу баён ёфта, андешаҳои гуногунеро оид ба бартарии ҳокимияти асабия пешниҳод намудааст. Хулоса дар мақола доир ба давраҳои рушду нумӯ ва заволи давлате, ки Ибни Халдун дар назарияи худ баён намудааст, таҳлилу баррасиҳои зиёде шудааст, ки барои омӯзиши андешаҳои иҷтимоию сиёсии асрҳои миёнаи Шарқ заминаи хуби илмӣ шуда метавонад.*

**Калидвожаҳо:** *давраҳои рушд, суқут, Ибни Халдун давлати асабияву пуриқтидор, умрон, истибдод, мулк, дунявисозӣ, рукуд, инсиҷом, ваҳдат, нусрату пирӯзӣ, қудрат ва г.*

Ибни Халдун яке аз ситорагони дурахшони олами ҷомеашиносӣ ба шумор рафта, дар қатори шахсиятҳои бузурги асри миёнагӣ асарҳои хеле бузурги таърихию сиёсӣ эҷод намудааст. Абдураҳмон ибни Муҳаммад инбни Халдун дар аввалҳои моҳи рамазони соли 732 ҳиҷрӣ мувофиқ ба (27 майи соли 1332 мелодӣ) дар Тунис ба дунё омада, дар охирҳои моҳи рамазони соли 808-уми ҳиҷрӣ мувофиқ ба (соли 1406 мелодӣ) дар шаҳри Қоҳираи Миср олами фониро падруд гуфтааст. Масъалаи асосие, ки ӯ дар тули ҳаёташ мавриди баҳсу баррасӣқарор додааст, ин: иртибототи «асабия» ва «умрон» мебошад.

Аз миёни он олимону донишмандоне, ки ба масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ дар асрҳои миёна диққати махсус додааст, ин Ибни Халдун мебошад, ки дар назарияи сиёсии хеш дар баробари дигар масъалаҳои сиёсию иҷтимоии баррасӣ намудааш, инчунин марҳила ва давраҳои рушду тараққиёт ва суқуту таназзули ин ё он давлатро низ муайян намуда, баён доштааст, ки ин ҳолат дар ҳар як давлат ба вуқӯъ хоҳад пайваст. Бинобар ин дар мақолаи мазкур оид ба давраҳои рушду нумӯ ва заволи давлате, ки Ибни Халдун дар назарияи хеш баён кардааст, сухан рафта, инчунин доир ба машҳуртарин истилоҳе, ки Ибни Халдун дар масоили сиёсӣ бештар ба кор бурдааст ва он "асабия" ном дорад, баён хоҳад гашт.

Ба андешаи Ибни Халдун давлати асабияву пуриқтидор даври муассиру фаъолашро дар панҷ марҳилае, ки аз сар мегузаронад, мебозад ва ин марҳилаҳо яке аз пайи дигаре омада, билохира он давлат аз байн меравад ва ба ҷояш давлати дигаре меояд. [1.663]

Марҳилаҳое, ки ҳар як давлат онҳоро аз сар мегузаронад чунин мебошанд:

**Марҳилаи аввал:** Давраи таъсисёбии мулк ва саъӣ ба сӯи он.

Ибни Халдун дар таълимоти хеш яке аз муҳимтарин масъаларо, ки доир ба назарияи бинои давлат мебошад ва болои он аҳамияти бештар додааст, ин «асабия» (робитаи қабилавӣ) мебошад. Мафҳуми калимаи «асабия», яке аз боризтарини мафҳумҳо пеш аз омадани дини мубини Ислом дар миёни халқҳои арабзабон ба шумор мерафт. Аммо маънояш аз он маъное, ки Ибни Халдун баён кардааст, тамоман фарқ мекард. Яъне пеш аз омадани дини Ислом «асабия» баръакси мафҳуми исломӣ, ки ба сӯи ваҳдату инсиҷом даъват мекунад, истифода мешуд. Ин мафҳум он вақт маъноҳои: қавмгароӣ, ҷангидан ба хотири қабила, новобаста аз он ки бар ҳақаст ё ноҳақ, мурдан дар ин роҳ ва ғайраро дошт. [2. 184] Лекин Ибни Халдун омаду мафҳуми онро бо мафҳуми исломиаш ба хотири амал намудан ва

ҳамкорӣкардани башар барои пешрафти умрони маданӣ, рабт дод. Яъне ӯҳардӯи мафҳумҳоро дар воқеияти маъоше, ки инсон бо он зиндагонӣ мекунад, омехта кард.

Қабл аз оне, ки мо баҳсамонро дар бораи марҳилаҳои бунёди давлат идома диҳем, мехоҳем оиди мафҳуми калимаи «асабия», ки дар таълимоти ин олими бузург яке аз масъалаҳои муҳими он замон ба шумор мерафт, аз нигоҳи луғавӣ ва истилоҳи сиёсӣ равшанӣ андозем. Баъзе олимон худи решаи калимаи «асабия»-ро аз «асаб» гирифта, чунин маънидод намудаанд: ҷам кард, ҷам шуд, ба сӯи худ кашид, фаро гирифт, иҳота кард ва ғайра. Инчунин ба ҳамин маънои «асаб», ки дар организм тамоми системаи ҷасадро идора мекунад, баъзе аз олимони дигар чунин гуфтаанд: шахсеро ҳамчун сардор болои ҳизбе қарор додан. «Таассаба» яъне худро дар гурӯҳе, ки ба он таассуб дорад, ворид кардан, «инъасаба» сангдил шудан. «асаб» салла, нухбагони андак, «исобатун»гурӯҳе аз мардон, «муъассаб» пешво, раис, ҷаноб ва ғайира. [3. 145]

Аз назари Ибни Халдун марҳилаи аввал ин давраи бунёди давлат аз роҳи қудрат ва ғолибияте, ки қоим бар асабия ва дин аст, сурат мегирад. Чигунае, ки асабия ба як одами оддӣ барои ба даст овардани ҳукм зарур аст, он барои анбиё низ муҳим буд, то ин ки барои адои рисолатҳояшон имконият пайдо намоянду бо ин васила мардум онро қабул кунад. Ибни Халдун илова намуда баён медорад, ки ин давра марҳилаи ҳаётбахш ва ниҳоиест, ки дар оғози бунёди давлат, асабия ва робитаи таборӣ аври муҳимро мебозад. “Зеро давлат дар умум дар аввали бунёдшавиаш, чигунае, ки худи ӯ баён медорад, барои ашхоси идоракунанда дар ибтидо душвор аст. Бинобар ин бидуни қудрату нерӯи қавӣ ва такянамудан ба нерӯи қавмӣ хеш ғолиб омадан ғайри имкон мебошад. Ҳаминтавр дар ин марҳила асабия даври муҳаррики асосиро дар таърихи он мебозад ва инчунин созандаю мувоҷеҳкунандаи давлат ба рӯйдодҳои минбаъда мебошад”. [4. 343]

Инчунин Ибни Халдун иброз медорад, ки дар ин марҳила дин низ барои улфати дилҳо, фармонбрдорӣ кардани афроди ҷомеа аз ҳокимашон ва истиқрори ҳукм дар кишвар мақоми муҳимро мебозад.

Ӯҳақиқати ин марҳиларо чунин баён мекунад: “Ин давра давраи зафарёбии ҷабрӣ, аз худдифокунӣ, дур намудани монеаҳо, ғолибият бар мулк ва гирифтани ҳокимият аз дасти онҳое, ки пеш аз ин қарор доштанд, мебошад. Пас, соҳиби давлат дар ин марҳила барои қавмаш доир ба касб намудани маҷду бузургӣ, инфоқи мол ва ҳимояву дифоъ аз моликият намуна мешавад, ки бе раъият худро ҳеҷ мешуморад, чунки ин кор ниҳояти асабияро бо он ғолибияте, ки ба даст омадааст, нишон медиҳад ва ин амал муддате ба ҳамин минвол боқӣ мемонад.”

Бартарии ҳокимияти асабия дар ин марҳила дар он аст, ки давраи таъсисиёбӣ, бунёдкорӣ, барпо намудани алоқаҳои дохилӣ дар асоси саҳмгузорӣ ва мушоракат (дар умрони маданӣ) ва вуҷуд надоштани ҳукми инфиродӣ ё ба ибораи дигар халқӣ-демократӣ будани ҳокимият мебошад. Ҳокимияти асабия дар ин марҳила чунин ба эътибор гирифта мешавад, ки ба шакли умум ҳукмравоӣ моли мардум ба шумор рафта, худи ҳоким барои раъият ҳамчун ходимашон дониста мешавад. Ин андешаҳо дар Аврупо хеле дертар рӯи кор омаданд.

Дар ин давра алоқаи ҳоким бо аҳли асабияаш дар асоси ба даст овардани дилҳояшон буда, аз дигар тараф барои касб намудани ғолибият болои қабилаҳои мағлубшуда бо услуби нарму маслиҳатомез ба хотири нуфӯз пайдо кардан ба манотиқе, ки таслим шудаанд, мебошад.

Бо сабаби наздик будани аҳди давлат ба бодия ва андак будани манфиатҳо, шукӯҳу шаҳомат ва кам будани эҳтиёҷот, сиёсати давлат дар ин марҳила дар самти эътидолу миёнаравӣ ва ифрот накардан дар андоз қарор мегирад, ки ин чиз дар ниҳояти кор ба ноил гаштани ризоияти раъият аз як тараф ва аз тарафи дигар ба ҷамоварии мол ва фароҳам овардани он дар дасти ҳоким шароити муносибро муҳайё месозад. Дар ҳақиқат ин марҳила сифатҳои ахлоқӣ монанди ҷавонмардӣ, саховатмандӣ, карам, баландҳиматӣ, воломақомӣ, нусрату пирӯзии наздикон, сидқу шуҷоатмандӣ ва

ғайраро аз арзишҳои аслии бодия фароҳам меорад.

**Марҳилаи дуюм:** Марҳилаи мустақилгардидани мулк, яккаҳукумронӣ ва аз миён бурдани онҳое, ки дар ҳукм бо ӯ мусобиқа мекарданд, мебошад.

Дар ин марҳила соҳиби давлатро дар ҳоле дидан мумкин аст, ки баъди истиқрор пайдо кардани аҳвол ва рӯ ба беҳбуди овардани умури шахсии ҳоким, лашкарҳоеро, ки бо музд ва кироя баҳри ҳимояи худ, атрофиён ва устуворию саботи давлат зарур ҳастанд, омода месозад ва инчунин бар муқобилият нишон додан ба онҳое, ки мехоҳанд ҳокимиятро ситонанд, омода месозад.

Ибни Халдун ин ҳолатро дар осори хеш чунин зикр намудааст: "Ин марҳила давраи мустақилгардидани мулк, яккаҳукумронӣ ва ҷилавгирӣ аз онҳое, ки мехоҳанд барои саҳм гузоштан ва иштирок дар идораи мулк шарик бошанд, мебошад. Соҳиби давлат дар ин давра ҳамчун шахси ишғолгар шинохта шуда, ашхоси махсуси худро таёр менамояд ва ҳомиёну даспарвардаҳоро баҳри танг намудани мавқеи асабияаш ва хешовандоне, ки баробари ӯ дар мулкдорӣ саҳм доштанд, омода месозад".

Равиши ҳокими мустабид ва рағбати ӯ дар яккаҳукумронии давлат ва маҷду бузургӣ дар ин ҷо, ба он оварда мерасонад, ки лашкари ҳирфавӣ аз зердастон ва ҳомиёни аҷнабӣ омода намуда, тадриҷан ба онҳо эътимод мекунад ва аз аҳли асабияи хеш бениёзии худро ошкор месозад, ки билохира ин чиз дар ниҳоят аз байн рафтани робитаи қабилавиро ба миён меорад.

Баъди оне ки ҳоким дар марҳилаи аввал ба асабияи аслии худ такя мекарду низоми ҳукм бар асоси мушоракат ва амал намудан баҳри масолеҳи оммаи мардум дида мешуд  ва баъди оне, ки асабия ҳукмфармо буду ба хотири устувор намудани аркони давлат амал мекард, ҳоло бошад дар ин марҳила онро баръакс мебинем, ки тамоман чизи дигар мебошад. Пас, он эътимоду боварие, ки дирӯз дар миёни ҳокиму аҳли асабияи асили хеш буд, ҳоло бошад танҳо эътимод бар асабияи дифокунанда аз ҳоким ва онҳое, ки бар ивази музд аз ӯ ҳимоя мекунанд, мебошад. Инчунин он ҳамкорие, ки байни аҳли асабия дар гузашта бо ҳоким барои устувор намудани пояҳои давлат ва васеъ кардани ҳудудҳои он буд, имрӯз бошад яккаҳукумронӣ, истибдодӣ ва танофус дар байни ҳоким ва раъият гардидааст. Он асабияе, ки аслан баҳри ҳимояи давлат аз бегонагон буд, имрӯз мубаддал ба мубориза алайҳи хешовандон ва аҳли асабия гаштааст.

Дар ин марҳила воқеан асабия бар ду қисм ҷудо мешавад: асабияи пирӯзгашта ва асабияи шикастхӯрда. Асабияи ғолибгашта ба таъбири Ибни Халдун "садди ҳарифон"-и аз аҳли асабияе, ки барои ҳукм тамаъ доранд, мебошад. Билохира дар ин марҳила ҳоким ҳадафашро таҳаққуқ мебахшад чигунае, ки қаблан ишора намуда будем: "Омода кардани ҳомиён аз наздикон ва зердастон." Натиҷаи ин чиз ба он оварда мерасонад, ки давлати қавӣ амволи зиёдеро барои инфоқи лашкароне, ки бо кироя аз давлат дифоъ мекунанд, хароҷот мешавад ва инчунин ба баъзе аз онҳое, ки аз афроди асабия ҳастанду аз ӯ низ ҳимоя мекунанд, инфоқ мекунад.

**Марҳилаи сеюм:** Марҳилаи шукуфоӣ, фароғат, айшу ишрат ва ҷамоварии самараҳои мулк.

Дар ин марҳила баъди оне, ки умури давлатдорӣ истиқрор пайдо мекунад, аркони давлат устувор гардида, орзӯю умедҳо дар фармонравоӣҷомаи амал мепушанд, барои боқимонда хоҳишот ва омолҳои дигари ҳоким низ оғози нав пайдо мешавад. Нишонаҳои асосии ин давра монандӣ: ҷамоварии самараҳои мулк дар шакли даромади зиёд, хароҷоти мол барои хушгузаронӣ, ҷоҳу мақом, шаҳрдорӣ, тамаддун, наҳзати улум, зиёд кардани санъатҳо ва пешрафти онҳо, ки дар натиҷа ба шукуфоии мулк оварда мерасонад, мебошанд.

Дар ин ҷо бояд як чизро қайд кард, ки фарҳанги созандагӣ, хароҷот баҳри пешрафти мулк ва амсоли онҳо дар ин марҳила хело хуб ба роҳ монда мешавад. Аз ҷумла ҷамоварии даромадҳои давлатӣ дар ин марҳила дар шакли васеъ ба роҳ монда шудааст. Монанди андоз, закот, ҷизя ҷарима ва дигар намуди даромадҳо. Ин даромадҳоро давлат баҳри таҳаққуқ пайдо кар-

дани масолеҳи иҷтимоӣ ба кор бурда, харҷ мекунад.

Ин марҳила аз нигоҳи Ибни Халдун охирон марҳилаи яккаҳукумронӣ ва пешрафту шукуфоии давлат ба шумор меравад ва дар он рафта рафта қудрату тавони асабия заъиф гардида, нерӯю бузургияш коста мешавад.

Ибни Халдун дар китоби «Муқаддима» қайд менамояд, ки «марҳила ё давраи сеюм давраи фароғату роҳат ва шукуфоии давлат ба шумор меравад, ки дар он ҷамоварии самараҳои мулк дида мешавад. Чӣ гунае ки медонем нафси башарӣ ин худ майл ба ҷамоварии мол, ҷовидон мондани осор ва баъди он номи нек гузоштанро, дорад, пас, дар ин ҷо ба намоиш гузоштани вусъату тавоноӣ дар ҷамоварии амвол, ба чорчӯбаи муайян даровардани даромаду баромади он ва ғайра дида мешавад… Инчунин дар баробари ин чизҳо сохтани биноҳо, заводу корхонаҳои бузург, шаҳрҳои васеъ, иморатҳои барҳаво ва қабул намудани намояндагони ашрофони миллатҳою қабилаҳо дар ҳамкории миёни давлатҳо ва ғайра..ба назар мерасад». [5. 118-119]

**Марҳилаи чорум:** Марҳилаи ризоият, қаноатмандӣ ва мусоламат.

Дар ин марҳила қаноатмандии ҳоким нисбат ба он чӣ ки дар марҳилаи сеюм гузаштагон дар мулкдорӣ анҷом дода буданд, қарор мегирад ва бо душманону рақибон дар шакли мусоламатомезу ризоият боқӣ мемонад. Инчунин дар ин марҳила қафомонӣ, сукут ва шикастхӯрӣ дида мешавад, ки соҳиби давлат бештар ба онҳое, ки дар мулкдорӣқабл аз ӯ гузаштаанд, дар кору рафторашон тақлиду пайравӣ мекунад, ҳоло он ки ӯ баръакси онҳо бояд навоварию ибтикор дар давлатдорӣ кунад. «Пас, дар ин ҷо ӯ ба осори онҳо пайравӣ карда, дар ҷои қадам гузоштаи собиқин қадам мегузорад ва роҳу равиши онҳоро бо зеботарин манҳаҷу услуб пайравӣ мекунад».

Нерӯю қудрат дар ин марҳила нишонаҳои вуҷудашро гум мекунад. Балки ба соҳиби давлат хастагӣ фарогир мешавад, ки аз миён рафтани зоҳирии тақлидкорӣ, ибтикор, ибдоъ ва навоварӣ дида мешавад.

Инчунин доир ба марҳилаи қаноатмандӣ, ризоият ва мусоламат Ибни Халдун дигар масъалаҳоро низ зикр карда чунин баён мекунад: «Соҳиби давлат дар ин марҳила дар назару андешаи худ оиди сулҳу душмание, ки гузаштагонаш доштанд қаноат ҳосил карда, аз он чӣ ки гузаштагон доир ба ин масъала оварда буданд, ҳаминтавр тақлиди гузаштагонашро карда, осори онҳоро пайравӣ менамояд, дар он ҷое, ки онҳо қадам гузоштаанд, по мегузорад, дар беҳтарин сурат ва роҳу равиш ба онҳо иқтидо мекунад ва чунин мепиндорад, ки баромадан аз тақлиди онҳо фасодӣ барояш меорад ва онҳо аз ин дида дар маҷду бузургӣ ва хирад беҳтар будаанд». Имрӯзҳо мисоли ин навъ тақлиди давлатдориро мо дар Британияи кабир дида метавонем, ки онҳо ҳоло ҳам ба ҳамон равиши ҳокимони пешин давлатдорӣ мекунанд, ки сабаби аз даст додани идораи ҷаҳон баъди оне, ки муддатҳои тӯлонӣҳукмронӣ мекарданд, шуда метавонад. Доир ба ин масъала яке аз вазирони имрӯзаашон мунсифона ҳолаташонро баён карда чунин мегӯяд: «Имрӯзҳо давлати Англя думи Амрико ба шумор меравад. Баъди оне, ки муддатҳо зимоми идораи оламро ишғол карда буд». [6. 14]

**Марҳилаи панҷум:** Марҳилаи рукуд ва хароҷоту исрофкорӣ.

Ибни Халдун дар ин марҳила ҳолати давлат ва соҳиби онро чунин баён мекунад: «Он чизҳоеро, ки гузаштагон ҷамъ намуда буданд, онҳоро ҳокими феълӣ дар роҳҳои шаҳавот, лаззатҳои ноҷо, шикамчаронӣ, маҳфилҳои беҳӯда, тақлидкорӣ ба дигарон дар корҳое, ки тоқату тавони анҷом доданашро надорад, ки сабаби харобкории сардорони қавм, саноатҳое, ки гузаштагон сохта буданд, мегардад. [7. 87] Билохира бо ин кору рафторашон хашму ғазаби мардумро оварда, нафраташон ба онҳо зиёд мешавад, зеро он чӣ ки аз мардум ғундошта шуда буд, дар роҳи хоҳишоташон истифода мебурданд, ки дар натиҷа обрӯ ва мақомашро аз даст медиҳад. Пас, дар ин марҳила он чизҳоеро, ки гузаштагон сохтанду таъсис доданд, ӯ хароб мекунад ва дар ин марҳила низ табиати ҳарамӣ ва сукут дар давлат ба вуҷуд омада, бемории тӯлонӣ ба он фарогир мешавад, ки дигар аз он халос шуда наметавонад. Ҳаминтавр ин давлат рӯ ба завол меорад». [8. 219]

Ин марҳилаи охир аз дигар давраҳо бо як чанд омилҳо фарқ мекунад:

–Исрофкорӣ дар рағбатҳои нафсонӣ ва талафдиҳии амвол.

–Аз байн рафтани қудрати «асабия».

–Такя намудан ба шарикони беэътимод дар атроф буда ва тақлид кардан ба онҳо дар болотарин мансабҳо, ки боиси овардани хашму ғазаби бузургони қавм мешавад ва билохира онҳо аз нусрату пирӯзӣ додани ҳоким даст мекашанд.

– Дур кардани баъзе аз лашкариён аз ҷониби ҳоким ва ноҳақғасб намудани даромади музди онҳо.

–Ба вуҷуд омадани «шакли ҳарамӣ» (каҷравӣ ва рукуд) дар давлат ва фарогир шудани беморие, ки рафта рафта давлатро рӯ ба инқироз ва фаношавӣ бурда мерасонад.

Ба гуфтаи Ибни Халдун ин ҳолат шаъни ҳар давлат мебошад, ҳамин ки дар исрофкорию айшу ишрати беҳуда машғул гашт, дар натиҷа дар он шакли ҳарамӣ ва танозул ба вуҷуд меояд, ки ғолибан бонги хатари аз миён рафтани онро хабар медиҳад.

Хулоса оиди тараққиёту пешрафти давлат ва сукути он Ибни Халдун назарияи хешро чунин баён кардааст: Шахсе зимоми мулкро ба даст мегираду асабияи муайяне онро ҳукмронӣ мекунад. Яъне рушди алоқаҳои дохилӣ байни шахс, ки соҳиби раёсат аст ва асабияҳое, ки ба хонаводаи ҳоким нисбат дода шудаанд, мебошад. Пас, дар ин ҷо масъала чунин хулосабандӣ мешавад: Тараққиёти корҳои дохили асабияи ҳоким, пешрафти фардӣ – дохилӣ ба шумор меравад. Ҳаминтавр муайяншудани марҳилаҳои давлат дар панҷ зина, воқеан марҳилаҳоеаст, ки дар он ҳасабу насаб аз самти қувваю нерӯ ба сӯи заъфу нотавонӣ рӯ меоварад. Ба ибораи дигар давлат аз фаъолияти хуби идоракунии давлатӣ ба сӯи фасоду хоробкорӣ дар дохили хонаводаи ҳоким, ё ба қавли Ибни Халдун «шохаи махсуси дар раёсат қарор дошта», рӯ меорад.[9. 349] Инчунин аз марҳилаи аввал то марҳилаи сеюм омилҳои пешрафт, ин омилҳои дунявисозӣ (секулияризатсия) ва пешрафти иҷтимоии маҳз мебошад. Монанди иштирок дар маҷду бузургӣ, бақои ахлоқи бодия, мустақил гардидани мулк, фаромушкардани аҳди бодия ва ғайра. Ҳамин тавр дар паси ин нишонаҳои асосии иҷтимоӣ омилҳои дигари вазъӣ низ ба вуҷуд меоянд, ки дар ду марҳилаи баъдӣ онҳо бар аъло намоён мегарданд. Инҳо масъалаҳое ҳастанд, ки дар рафти омӯзиши мароҳили давлат дар се замина ва дар зинаҳои умумие, ки куллияти давлатро дар панҷ марҳила меомӯзад, дарк карда мешаванд. Ин андешаҳои мутафаккир хеле омӯзанда буда, барои омӯзиши масоили раванди идораи сиёсии ҷомеаи муосир низ манфиатноканд.

**Адабиёт:**


1. Муқаддимаи Ибни Халдун (Таҳқиқи доктор Алӣ Абдулвоҳид Вофӣ),ҷ. 2. Саҳ. 66-663.
2. Зайнаб ал-Хузайрӣ, Фалсафаи таърих инда Ибни Халдун. Ал-қоҳира Миср. 1989. - саҳ. 184.
3. Ал-фикр ал-иҷтимоӣ инда Ибни Халдун. Абдулғанӣал-Мағрибӣ. (Тарҷумаи Муҳаммад ибни Шариф). Чопи Алҷазоир, 1986. Саҳ.145.
4. Муқаддима Ибни Халдун. (Таҳқиқи доктор Алӣ Абдулвоҳид Вофӣ)ҷ. 1. Саҳ. 343.
5. Ас-сиёса вал-иқтисод инда Ибни Халдун. Салоҳуддин Басюнӣ Руслан. Қоҳира. 2005. - Саҳ. 118-119.
6. Ал-аҳком ас-султония. Абулҳасан Алӣ Ибни Муҳаммад ал-Мовардӣ. Дор ул-ҳадис. Қоҳира. 2003. Саҳ. 14.
7. Батсиева С.М. Историко-социологический трактат Ибн Халдуна «Мукаддима». -М. Мысль, 1965. Саҳ. 87.
8. Муқаддимаи Ибни Халдун. Таҳқиқи доктор Халил Шаҳода. Дорул фикр. Бейрут 1988. Чопи дуюм. ҷ. 1. Саҳ. 219.
9. Муқаддимаи Ибни Халдун ба забони форсӣ. (Тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ). Теҳрон,Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. 1375 шамсӣ-қамарӣ. Чопи ҳаштум. ҷ. 1. Саҳ. 349.


**Гадоев И.**

**Этапы подъема и упадка государства с точки зрения Ибн Халдуна**

Автор данной статьи пытается более широко исследовать теорию Ибн Халдуна о развитии государства и цивилизации, т.е.

теорию подъёма и упадка государства. В ней анализируются предложенные Ибн Халдуном пять этапов развития общества и государства в ходе истории, каждый из которых зависит от роли общины (ассабия) в управлении государством, и как взаимодействуют “ассабия” и “умран” в этом процессе. Согласно данной теории в конце жизнедеятельности каждого государства и страны, после прохождения пяти ступеней развития, иссякают сила воли и внутренние кровно-родственные связи, и государства приходят в упадок, т.е. показывается, почему государство переходит от хорошо функционированной формы управления вначале, к деградации и коррупции в конце. Наравне с этим, в статье обсуждаются и другие вопросы, связанные с развитием общества и государственного управления, параллельно исследуются социально-политические взгляды средневековых мыслителей Востока, которые, будучи назидательными, могут быть использованы в научных разработках современных проблем госуправления.

**Ключевые слова:** *этапы подъема и упадка государства, Ибн Халдун,государство, сильное государство, “ассабия”, “умран” (урбанизированное) государство, цивилизация, собственность, власть, секуляризм, единство, победа, процветание, триумф.*

**Gadoev I.**

**The Periods of the Rise and fall of State according to Ibn Khaldun’ theory**

The author tries to cover more broadly the theory of Ibn Khaldun concerning development of the state (civilization), i.e. theory of the rise and fall of the state, the five stages of development of society (state) in the course of history, each of which depends on the role of the community (assabia) in the governance and how the *Assabyya*and *Umran* interact in this process.According to this theory, at the end of the five stages of state development, the power of political will and internal blood-relationships run out and the state declines. The author tries to show why the state passes from a well-functioning form of government in the beginning to degradation and corruption in the end according to Ibn Khaldun. Along with this other issues related to the development of society and public administration, socio-political views of the medieval thinkers of the East are discussed and explored. All of thiscan be usedfor the research of modern socio-political management.

**Key words:** *the Periods of the rise, fall of State, Ibn Khaldun, the assabiyya state (community ruled state), the state of umran (urban civilization) tyrannic rule, blood related (nervous) strong state, property, power, secularism, unity, victory and prosperity, triumph.*

## СИЁСАТШИНОСӢ-ПОЛИТОЛОГИЯ

**Искандаров Акбаршо** - доктор политических наук, заведующий отделом политических проблем международных отношений Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова АН РТ

**Сафранчук И. А.** - кандидат политических наук, доцент кафедры мировых политических процессов МГИМО(У) МИД России.

**Юсуфджанов Ф. М.** - старший научный сотрудник отдела политических проблем международных отношений Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова АН РТ

# ПРИОРИТЕТЫ США В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В 2000-Е ГГЮ

*В статье рассматриваются основные приоритеты политики США в отношении Центральной Азии: Афганистан, проект «Большой Центральной Азии», политикка демократизации. Анализируется соотношение этих приоритетов и их влияние на двусторонние отношения США с Казахстаном, Узбекистаном, Кыргызстаном, Таджикистаном, Туркменистаном.*

***Ключевые слова**: США, Центральная Азия, Афганистан, Большая Центральная Азия, демократизация.*

В середине 2000-х гг. американские эксперты стали много писать о дилемме «безопасность или реформы». Речь шла о том, что в интересах борьбы с терроризмом США необходимо сотрудничать с недемократическими режимами. И это сотрудничество становилось предлогом для таких режимов не проводить внутренние реформы. Для стран ЦА ход этой дискуссии означал, что у США появляется все больше вопросов к государствам региона, и смена режимов– это один из них.

Рубежным для политики администрации Дж. Буша-мл. в ЦА можно считать 2005 г. На фоне ухудшения отношений в течение 2004г с Узбекистаном, который все больше сближался с Россией, Китаем и ШОС, США решили проводить в регионе более напористую политику. Необходимо учитывать, что в 2004–2005 гг. казалось, что военная операция в Афганистане подходит к успешному завершению. И с позиций прочного военно-политического присутствия в Афганистане, США могут вести активную политику в ЦА. В результате, к 2005г. были приняты на принципиальном уровне и в течение 2005г. оформлялись два основных направления американской политики в регионе:

1) проект «Большой Центральной Азии»,

2) более активная политика в области демократизации.

Впервые концепция «Большой Центральной Азии», как официальная линия американской политики, была озвучена в ходе турне К. Райз по странам Центральной и Южной Азии в октябре 2005г. К. Райс пояснила, что США ставят своей задачей наладить тесные связи между Южной (Пакистан, Индия) и Центральной (пять бывших советских республик) Азией, мостом между которыми должен стать Афганистан. В течение 2004 и 2005гг. в США шли экспертные дискуссии в рамках распространенной во времяДж. Буша-мл. концепции «новой географии», согласно которой американскими геополитиками предлагалось изменение многих границ ближневосточных и азиатских стран, формирование новых регионов. Применительно к ЦА сторонники этого подхода предлагали отказаться от увязки ЦА и Кавказа в единый регион и больше не рассматривать ЦА как часть «Большой Европы». В обобщенном виде эти идеи изложил руководитель Института Центральной Азии и Кавказа (аналитический центр в составе Университета Джона Хопкинса, расположенного в Вашингтоне) профессор Ф. Старр, опубликовав весной 2005г. брошюру «Партнерство в рамках «Большой Центральной Азии» для Афганистана и его со-

седей». В ней автор призвал рассматривать пять бывших советских Центрально-Азиатских республик, а также Афганистан, Иран, Пакистан и Индию в качестве единого региона и проводить на этом пространстве общую региональную политику. Ф.Старр констатировал успехи США в Афганистане (незадолго до этого военная операция в этой стране была объявлена Дж.Бушем-мл. успешно завершенной), но предостерегал руководство страны от того, чтобы считать работу выполненной. Он предлагал перейти к новому этапу– созданию единой транспортной и торговой инфраструктуры в обозначенном большом регионе. После осени 2005г. концепция «Большой Центральной Азии» используется как официальная линия США.

В марте 2006г. в пресс-релизе по итогам визита Дж. Буша-мл. в Пакистан, говорилось: «они (Дж. Буш-мл. и П. Мушараф) настроены на то, чтобы совместно работать с Афганистаном с целью превращения Пакистана и Афганистана в мост, соединяющий экономические потенциалы Южной и Центральной Азии». [2] Этот же подход был зафиксирован и в опубликованной в марте 2006г., новой «Стратегии национальной безопасности США», где в частности, говорилось: «Южная и Центральная Азия являются регионом чрезвычайной стратегической важности, куда американские интересы и ценности вовлечены, как никогда ранее», «Афганистан примет на себя историческую роль моста между Южной и Центральной Азией, соединяя два этих важных региона».[1]Уже в начале 2006 г. был соответствующим образом настроен также дипломатический и военный аппарат:в Государственном департаменте отдел ЦА вывели из Департамента Восточной Европы и включили в Департамент Южной Азии, страны региона были переданы в ведение Центрального командования США.

Вторым важным аспектом американской политики стала открыто декларируемая ориентация на демократизацию во всем мире и на постсоветском пространстве в частности. В Стратегии национальной безопасности 2006 г. демократизация была объявлена приоритетом американской внешней политики и политики безопасности.

Всю вторую половину 2000-х гг. США старались проводить более напористую политику в ЦА. И местные режимы, напуганные волной «цветных революций» и в надежде на экономические выгоды от проекта «Большой Центральной Азии», были готовы к более тесному сотрудничеству с США. Бывший тогда Президентом Кыргызыстана, К. Бакиев втянулся в очень тесные политические отношения с американцами. Его сын, М. Бакиев был плотно вовлечен в схему поставок грузов в Афганистан (в том числе с коррупционной составляющей), что и создавало его коммерческий интерес в дружбе с американцами.

Э. Рахмон в 2006 г. назначил на пост министра иностранных дел Х. Зарифи, который до этого четыре года проработал послом Таджикистана в США.

Американцы проявили больший интерес и к Туркменистану после смены там президента в 2007 г. Даже Узбекистан, допустивший в 2005 г. открытый кризис в своих отношениях с США, с 2008 г. стал вновь, хотя и осторожно, расширять контакты с американцами.

Более сложная ситуация складывалась в отношениях США с Казахстаном. Непрерывное давление на Н. Назарбаева в ходе расследования «Казахгейта», с одной стороны, конечно, давало четкий сигнал казахстанскому президенту, что у него могут быть проблемы, но с другой – многоопытный лидер Казахстана не был готов из-за этих угроз вставать на полностью проамериканский курс.

Н. Назарбаев продолжал лавировать в рамках своей политики многовекторности. Американцы после разрыва с Узбекистаном предпринимали несколько попыток вывести отношения с Н. Назарбаевым на новый, более проамериканский курс. Так, много надежд возлагалось и на визит в 2006г. в Астану вице-президента США Д. Чейни, который рисовал казахстанскому руководству красивые картины американо-казахстанского сотрудничество и казахстанского регионального лидерства.

Однако явных прорывов не произошло. Американские компании работали и зарабатывали в Казахстане, Казахстан активно инвестировал в проамериканскую Грузию, прорабатывал варианты поставок нефти в нефтепровод БДТ (открыт в 2006 г.).[3] Но в целом, Н. Назарбаев оставался верен многовекторному курсу и явно осторожничал. Для этого у него были основания, т.к. «Казахгейт» не утихал, в США продолжалось расследование. К тому же, в августе 2007г. на Запад бежал зять Н. Назарбаева - Рахат Алиев, обвиненный дома в тяжких преступления, и выдал новую порцию компромата (в т.ч. документального) на высшее казахстанское руководство и лично Н. Назарбаева. После этого весь конец 2007-го и начало 2008г. в западных СМИ нарастала волна критики Н. Назарбаева, которая достигла кульминации в начале июля 2008г., когда газета «WallStreetJournal» опубликовала на первой полосе обширную статью на основе интервью с Р. Алиевым, где были прямые обвинения Н. Назарбаева не только в плохом управлении своей страной (коррупция и т.д.), но и в незаконном лоббировании своих интересов в США. Статья явно давала старт новой волне обвинений в адрес Н. Назарбаева, уже с возможностью политических последствий для него. 22 июля 2008 г. Комиссия по безопасности и сотрудничеству в Европе (т.н. «Хельсинкская комиссия») конгресса США организовала слушания по вопросу приверженности руководства Казахстана проведению демократических реформ. Выступавший на слушаниях замгоссекретаря по делам Южной и Центральной Азии Р. Баучер, подчеркнул, что Казахстану необходимо до конца 2008г. выполнить обязательства, принятые в ходе министерской встречи стран-членов ОБСЕ в Мадриде в конце 2007г.: либерализация порядка регистрации политических партий, внесение поправок в законодательство для гарантирования свободы и независимости СМИ и религиозных организаций. На слушаниях Р. Баучер охарактеризовал прогресс по этим вопросам как «весьма незначительный». На этом фоне больше не казались дежурными слова о необходимости развивать демократические реформы в Казахстане, произнесенные 1 мая 2008г. на слушаниях в сенатской комиссии по иностранным делам Р. Хоуглендом, назначенным весной 2008г. новым американским послом в Астану. На этих слушаниях новый американский посол также заявил, что именно благодаря США Казахстан получил право председательствовать в ОБСЕ в 2010г. и должен соответствующим образом отреагировать на это.Все это было неприятными сигналами для Астаны и лично для Н. Назарбаева. Однако, прежде чем Казахстан смог как-то отреагировать, разразился Кавказский конфликт 2008г., после которого США резко поменяли тон в отношении Н. Назарбаева. В октябре 2008г. Астану посетила К. Райс, и вслед за этим «Казахгейт» отошел на задний план.

Обобщая, можно сказать, что администрация Дж. Буша-мл. видела отношения со странами ЦА преимущественно через призму своей военной компании в Афганистане и более широких идей о будущем региона после предполагавшегося успешного завершения этой операции. Отсюда– оформившийся в 2005г. проект «Большой Центральной Азии». При этом администрация Дж. Буша-мл. полностью поддерживала инициированный до нее (в 1998г.), но практически строившийся с 2002г. БДТ, предполагая, что к нему в будущем смогут присоединиться Казахстан и Туркменистан. Это был главный из практически реализованных проектов, в рамках общего подхода, доминировавшего в годы администрации Б. Клинтона, по формированию единого региона «Кавказ–Центральная Азия» и его инфраструктурного соединения с Европой и Трансатлантическим пространством. Администрация Дж. Буша-мл. поддерживала БДТ, но уже не разделяла более широкую геополитическую конструкцию, которая за ним стояла. Для нее стало приоритетом– развернуть ЦА на юг.

Успехи в этом направлении были ограниченными. С американской и международной помощью финансировалось множество проектов по развитию связей между Центральной и Южной Азией. В том числе и вполне практических: строились мосты и новые дороги между Таджикистаном и Афганистаном, поощрялось развитие взаимной торговли. [4, 5, 6] Во второй половине 2000-х гг. стала формироваться Северная распределительная сеть для снабжения. Сначала она формировалась для снабжения МССБ в Афгани-

стане, что укладывалось в общий геополитический подход американцев. Да и страны ЦА с интересом относились к проекту «Большой Центральной Азии», расширяли сотрудничество с США. И тем не менее страны региона оставались привержены многовекторной политике, балансируя между Россией, США и Китаем.

Китайский фактор в ЦА в полной мере постепенно осознавался американскими экспертами во времена администрации Дж. Буша-мл. Американские специалисты все 2000-егг. фиксировали рост китайского влияния в регионе, но спорили, как к этому относиться. Одни считали, что Китай угрожает американским интересам в ЦА, другие полагали, что он в большей мере будет теснить российские интересы, чем американские.

Суммируя, можно сказать, что администрация Дж. Буша-мл. выполнила свою программу-минимум в ЦА: получала от региона содействие своей операции в Афганистане. Однако не смогла «переформатировать» регион: не создала реформаторских проамериканских режимов (по образцу Грузии или Украины) и не «развернула» регион на юг.

**Литература:**

1. National Security Strategy of the Unites States of America. March 2006, p. 40.

2. White House Press-release, March 4, 2006.

3. Василий Кашин. Маршруты сырьевого экспорта Казахстана/Василий Кашин // Большая Игра: политика, бизнес, безопасность в Центральной Азии. 2008. № 2 (8). С. 20-25.

4. Искандаров К.И. Роль Афганистана в решении транспортных проблем Таджикистана//Большая Игра: политика, бизнес, безопасность в Центральной Азии. 2013. № 5 (32). С. 21-26.

5. Сафранчук И.А. Афганская проблема в региональном контексте//Россия в глобальной политике. 2009. №3.

6. Искандаров К.И., Сафранчук И.А. Программа Центральноазиатского регионального экономического сотрудничества (ЦАРЭС) / Искандаров К.И., Сафранчук И.А. // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. 2016. Т. 66. № 1. С. 175-184.

**А. Искандаров, Сафранчук И.А., Юсуфҷонов Ф.М.**

**Афзалиятҳои ИМА дар Осиёи Марказӣ дар солҳои 2000-ум**

Мақола афзалиятҳои асосии сиёсати ИМА-ро нисбати Осиёи Марказӣ: Афғонистон, лоиҳаи «Осиёи Маркази Бузург», сиёсати демократизатсия мавриди баррасӣ қарор додааст. Таносуби ин афзалиятҳо ва таъсири онҳо ба муносибатҳои дуҷонибаи ИМА, Қазоқистон, Узбекистон, Қирғизистон, Тоҷикисотон ва Туркманистон таҳлил шудаанд.

**Калидвожаҳо:** ИМА, Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Осиёи Маркази Бузург, демократизатсия.

**A. Iskandarov, Safranchuk I.A., Yusufjonov F.M.**

**The U.S. Priorities in Central Asia in 2000s**

This article is devoted to the priorities of the U.S. policy in Central Asia: Afghan issue, the project of “Greater Central Asia”, democratization policy. The analysis is provided how these priorities defined the U.S. bilateral relations with Kazakhstan, Uzbekistan, Kyrgyzstan, Tajikistan, Turkmenistan.

**Keywords**: the United States, Central Asia, Afghanistan, Greater Central Asia, democratization.

**Раджабов С.А.**- докт.юрид.наук, профессор,
**Махмадов П.А.**-канд.полит.наук, доцент

# НАПРАВЛЕНИЯ, МЕТОДЫ И ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ КИБЕРТЕРРОРИЗМА ПРОТИВ СТАБИЛЬНОСТИ ТАДЖИКСКОГО ОБЩЕСТВА И МЕРЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ

*В статье анализируется феномен кибертерроризма в мировом информационном пространстве, в частности, направления, формы и методы его использования в интернет-пространстве. Контент-анализ интернет-ресурсов и социальных сетей показывает, что подобные публикации становятся рычагом для вербовки граждан в экстремистские и террористические организации, угрозой для стабильности таджикского общества.*

***Ключевые слова:*** *терроризм, кибертерроризм, социальные сети, стереотип, интернет, ресурс, онлайн-разжигание ненависти, психологическое оружие, нетрадиционная угроза, стабильность.*

Современный этап развития мирового сообщества характеризуется стремительным развитием научно-технического прогресса, в который включается и сфера высоких технологий.Информационные коммуникационные технологии являются одним из наиболее важных факторов, влияющих на формирование и стабильность общества XXI в. Их революционное воздействие касается образа жизни людей, их образования и работы, а также взаимодействия правительства и гражданского общества.Вместе с тем, развитие научно-технического прогресса всегда сопровождается всплеском негативных общественных проявлений, в частности таких, как кибертерроризм.

Кибертерроризм связан с электронной обработкой информации и кибертеррористы используют Интернет как средство пропаганды, передачи информации, как новое оружие. Этот вид терроризма сегодня уже представляет реальную угрозу таджикскому обществу, где есть банковская, транспортная и энергетическая системы, особенно когда правительство, государственный и частный сектор экономики опираются на информационные сети и быстрый доступ к высоким технологиям. В отличие от традиционного, этот вид терроризма использует в террористических акциях новейшие достижения науки и техники в области компьютерных и информационных технологий, радиоэлектроники, генной инженерии, иммунологии. Совершать киберпреступления против стабильности таджикского общества сегодня способна любая из существующих в настоящее время террористических организаций – религиозные группировки типа «Исламское государство», Аль-Каида, Братья-мусульмане, Лашкари Тайиба, Исламское движение Восточного Туркестана, Исламская партия Туркестана (бывшее ИДУ), Хизбут-Тахрир аль-Ислами, Джамиятитаблиг (Призыв к исламу), Движение Талибан, ДжамаатАнсаруллах, ТЭО ПИВТ, оппозиционные группы, типа «Свободный Таджикистан», «Группа 24» и др. [1.]

Кибертерроризмом могут быть признаны только действия индивидов, независимых групп или организаций. Любая форма кибератак, предпринимаемая правительственными и иными государственными организациями, является проявлением кибервойны.[2.]

Какие факторы способствуют совершения кибертерроризма против РТ? Во-первых, использование кибертерроризма обусловлены такими факторами ее геополитического положения, как наличие существенных природных ресурсов, прежде всего, энергетических, нерешенность проблем трансграничных водотоков,высокий транзитный потенциал и возможности его использования в развитии транспортной инфраструктуры, соединяющей важнейшие регионы мира.

Во-вторых, внимание к РТ обусловлено географическим положением страны, а именно, непосредственная близость нестабильного Афганистана.

В-третьих,существование в регионе угроз безопасности, таких как вооруженные конфликты, совершение международных преступлений, в том числе терроризм, религиозный экстремизм, незаконный оборот наркотиков и др., незавершенность процессов делимитации и демаркации государственных границ с соседями, наличие противопехотных мин, и др.

Многие приходят к выводу о том, что развитие интеграционных процессов, усиление геополитического соперничества ЕС, России, США,Китая, Турции и Ирана в регионе, а также процесс вывода коалиционных войск из Афганистана все больше ставят под сомнение целостность региона Центральной Азии и его стабильность. Аналитики и эксперты обратили внимание на важность геополитических аспектов ситуации на Ближнем Востоке и в первую очередь Сирии и Ирака.

являющееся почвой для возникновения человеческого в человеке. Процесс человекообразования - процесс, устремлённый к бытию. Миф – это упакованная в образах и метафорах и мифических существах многотысячелетняя коллективная и безымянная традиция» (5, с.12).

«Для мифического субъекта» - писал Лосев А.Ф., - миф «есть подлинная жизнь, со всеми надеждами и страхами, ожиданиями и отчаяниями, со всей её реальной повседневностью и чисто личной заинтересованностью» (4)

Все человеческие чаяния, надежды и будущее воплощаются в мифах, которые одновременно являются стимулами к конкретным действиям, направленным на изменение жизненных проектов, стилей и условий бытия, жизненного пространства. И это понятно, ведь человек и его сущность представляет собой самый сложный предмет исследования, потому что мир его бытия имеет многосложный и многоструктурный характер: творит мифы, создает мир искусства, науки и философии, погружается в структуры веры. Исходя из этого, возникают закономерные вопросы:

-Каким образом человек исходит из бытия?

-Каким образом коренится в нём?

-Какие структуры его бытия определяют постижение им этого мира?

Пока отсутствует единое понимание и ответы на эти вопросы. В связи с указанными вопросами можно утвердить, что одной из универсалий человеческого бытия, безусловно, является миф. Сегодня стало очевидно, что без мифа общество превращается в обездушенную цивилизацию.

В Республике Таджикистан в художественной практике возрожденный интерес к мифу проявился еще в конце 50-х годов XX века. Основоположником неомифологизма считается С. Улугзаде, полагавший «миф поэзией глубоких жизненных воззрений, имеющих всеобщий характер» (8). Вслед за С.Улугзаде, к мифам и неомифам обратились М.Турсунзаде, А.Лохути, М.Миршакар и др., причем авторы прибегали как к использованию традиционных мифов с соответствующим преображением их смысла, так и собственно мифотворчеству - созданию оригинального языка поэтических символов. Сознательно-рефлективное и интеллектуалистическое отношение к мифу оказалось заметно в поэзиях указанных поэтов, а также в прозе С.Айни, Джалала Икрами, Рахима Джалила и др. писателей и драматургов. Именно в это время наблюдалось активное оживление романтической традиции, сопровождавшееся волной неомифологических устремлений – «в искусстве XX века мифологизм оказался (в силу природной символичности) универсальным языком описания сущностных законов природного и социального бытия, вечных моделей общественного и личного поведения человека» (7, с.139).

Эти мифы получили форму идеологии и исторических очерков из Москвы. и выразились в духе социалистического реализма. В целом, интерес к мифу в литературной сфере XX века проявлялся в следующих формах:

– использовании древнеиранских мифологических образов и сюжетов для создания стилизаций или вариаций на тему;

– реконструкции древнеиранских мифологических сюжетов, интерпретированных с большей или меньшей долей вольного «осовременивания» (например, Сказание о «Шахнамэ» С.Улугзаде);

– воссоздании глубинных мифосинкретических структур мышления (нарушение причинно-следственных связей, причудливое совмещение разных времен и пространств, двойничество и «оборотничество» персонажей), которое должно обнаружить до - или сверхлогическую основу бытия» (например, «Сказание о Рустаме» киноленты Б.Кимьягарова), «Я встретил девушку», «Взлетная полоса», «Рудаки», «Ибн Сина» и мн. др;

– введении отдельных древнеиранских мифологических мотивов или персонажей и обогащение конкретно-исторических образов (проза Л. Шерали, Б. Собира, М. Каноата, Гулрухсор Сафиева и т.д.);

– воспроизведении фольклорных и этнически самобытных пластов национального бытия и сознания (произведения Лахути, Б.Рахимзода, М. Миршакара, М. Турсунзаде и др.;

Следует отметить, что при этом объектом мифологизирования оказывались не только «вечные» темы (любовь, ненависть, жизнь, смерть, одиночество и др.), но и коллизии современной действительности. Вме-

сте с тем, общеобязательное определение границ мифологии не устанавливалось. Часто эти границы связывают с тем, что идет речь о сверхъестественных существах. Более методологически оправданы критерии структуры, тем более «что в общепринятую сферу мифа входят и вполне обычные реалии жизни человека и природы, лишь особым образом обработанные и наделенные в мифологическом контексте специфическим значением» (2, с. 277)

Однако с развитием общества и изменения культурных ценностей и идеологии в Таджикистане, изменялся и характер использования мифа: мифологические структуры стали применяться для выражения современного содержания, для выявления первооснов человеческого существования, применительно к конфликтам и ситуациям нового времени, для постижения общих закономерностей бытия. Мифологический сюжет выступал, преимущественно, как «моделирующая система», а «поливалентность символов» позволяла достигать некоторых высот художественно-философского осмысления действительности.

Таким образом, богатство и разнообразие неомифологических форм в современном литературном процессе страны, их очевидная продуктивность свидетельствуют о том, что «мифы возникали как некие модели действительности, постепенно изменяющиеся и усложняющиеся. По мере того, как более широкий круг явлений начинал интересовать человека, он стремился включить новые понятия в систему своих воззрений, перестраивая, дополняя, изменяя мифологическую модель мира» (10, с.19).

Очевидно, что представление о мифе связано с древней исторической праосновой нереального, условного, фантастического мировосприятия, канонизированного в системе образов и сюжетов. Исходя из этого представители современной таджикской литературы использовали древний миф в качестве «арсенала» сюжетов, которые переосмысливались в свете новых представлений о мире, удерживая ряд мифологических моделей, которые трансформировались, включаясь в новые формы и структуры.

В трудах вышеприведенных поэтов и писателей мифология стала служить гармонизации представлений об окружающем мире и месте человека в нем. В модернистской литературе XX века миф, превращаясь в антимиф, становился выражением социального отчуждения и одиночества индивида. Миф, возникнув в первобытную эпоху и отразив некоторые черты первобытного мышления, навсегда остается частично элементом коллективного сознания, так как миф, обеспечивает «уютное» чувство гармонии с обществом и космосом.

Новый постсоветский либеральный миф, который почти не связан с древним мифом, не воссоздается, а создается заново как конкретно-историческая форма существования этого явления. Но и в том, и в другом случае очевидна этологическая функция мифа и его нормативное значение: миф - это то, во что человек должен поверить безоговорочно, отождествив себя с тем, во что верит. Если мифологический подход и не является последней истиной, он всё-таки даёт возможность хотя бы приблизиться к ней и не впасть в упрощение далеко не простой реальности XXI века.

Другими словами, по мнению французского философа и филолога Ролана Барта, «современность является привилегированным полем для мифологизирования. Из орудия первобытного образного мышления миф превращается в инструмент политической демагогии, т.е. Р.Барт имеет в виду, прежде всего современную либеральную идеологию, политическую сущность за счет мнимого превращения истории в природу» (1, с.79)

Безусловно, критериальной базой такой оценки мифа, на наш взгляд, являются: во-первых максимальная возможность сотворчества мифа и индивида; во-вторых спонтанный характер мифотворчества; внутренний и внешний динамизм мифа; в-третьих, признание созидательных и разрушительных тенденций внутренней и внешней динамики любого мифа; в-четвертых, плюрализм, мнговариантность мифологических «сценариев» истории мира и множественность вариантов их диалогичности бытия индивида в мифе и т.д. На основе этих и других критериев выделен миф, наделённый наибольшей экзистенциальной значимостью для человека, т.е. оптимальный миф. По мнению большинства исследователей мифологии, свободное мифотворчество в его первичных формах носит характер в большей степени непреднамеренной, спон-

танной реакции, чем целенаправленной деятельности, предусматривающей определённый результат. Поэтому исполнение и восприятие мифа является произвольным, свободным от регламентации сотворчества. В современном Таджикистане также, как и в других странах, миф как элемент идеологии создаётся в качестве инструмента, средства, имеющего внешнюю по отношению к нему цель. Его создание, чаще всего, уже не является спонтанным, непреднамеренным, а если и предстаёт таковым, то преднамеренным является его последующее использование. Мифы в Таджикистане также производятся и искусственно, что отнюдь не исключает использование изначальных архетипических образов, мотивов, сюжетов.

В переходные периоды в обществе сосуществуют несколько типов идеологии, поддерживаемых разными социокультурными группами, поэтому предлагаемые ими «культурные политики» не направлены на сопряжение социокультурных интересов и удовлетворение потребностей всего населения. Концепции государственной политики выглядят в этих условиях исключительно как идеальные модели, не всегда учитывающие состояние «переходности» социокультурной ситуации, поэтому нецелесообразно полагаться лишь на процессы самоорганизации в идеологии, допустимо использовать приемы коррекции путем мягких, управленческих воздействий, упорядочивающих саморазвитие системы, сглаживающих явные противоречия и снижающих риски разрастания социокультурных конфликтов. Причем, от правильности решений зависит будущее системы, ибо переходные периоды - это еще и фазы инициирования новых идеологических форм, время адаптации разного рода новациям и преобразованиям, время инициатив и проявления социокультурного творчества.

Как уже отметили выше, современное таджикистанское общество находится в эпицентре «переходности», в нем одновременно присутствуют традиционные формы идеологии, появляются некие синтезирующие образцы, присутствует блок информационного типа идеологии, достаточно широко представлены эклектичные и маргинальные образцы идеологии. Эта картина усложняется поиском нового социального порядка - очевидны процессы становления гражданского общества и его социокультурных институтов, формируется правовое государство на демократических основах. Механизмы самоорганизации в разных слоях идеологии получают слабую поддержку со стороны управленческих структур. При этом, вполне очевидно разветвление старого качества на конечное множество вполне определенных потенциально новых качеств идеологии, т.е. идет кристаллизация доминантных признаков будущего типа идеологии.

Общеизвестно, что «нестабильность в идеологии поддерживается конкуренцией двух факторов в нелинейной среде – фактора самовлияния, самонарастания (или самоослабления) процессов и фактора диссипации, диффузий разного рода, как размывающих неоднородности в нелинейной системе (среде)» (3, с.189). Нелинейность развития идеологии является в постоянных нарушениях классической цепочки, в социальной стратегии «от порядка к хаосу», и обратно, «застревании» в той или иной стадии, «сломам», «сбоям», «разрывам» и т.д. Поэтому современное состояние может быть определено, как нахождение между изменчивостью и устойчивостью, в силу чего и поднимается вопрос о достижении идеологической устойчивого развития.

Открытость и внешняя простота пространства современной жизни поддерживается путем «агрессивной визуализация» с помощью средств массовой информации, электронных и сетевых структур. Безусловной эффективностью по силе своего воздействия на человека обладают самоорганизующиеся пространства компьютерных информационно-символических миров, которые не могут рассматриваться как индифферентные человеку и обществу системы.

Непременно социальная мифология в рамках современного мира представляет собой явление амбивалентное, и без нее невозможны ясные представления о существующих ценностях на индивидуальном уровне. Мифы являются ориентирами в стремительно меняющемся мире и человек, как целостное существо, не может действовать только рационально. Жить - значит не только мыслить, но и любить, ненавидеть, верить, жертвовать, стремиться.

Таким образом, богатство и разнообразие неомифологических форм в современ-

ном литературном процессе страны, их очевидная продуктивность свидетельствуют, что мифы возникали как некие модели действительности, постепенно изменяющиеся и усложняющиеся. По мере того как более широкий круг явлений начинал интересовать человека, он стремился включить новые понятия в систему своих воззрений, перестраивая, дополняя, изменяя мифологическую модель мира.

**Литература:**


1. Барт Р. «Мифология» (пер. с фр. С. Зенкина). М., Академический проект, 2008. – С.139
2. Исаков Е.А. Миф как феномен социального бытия в мифологии XX века//Известия Российского государственного педагогического университета им. А. И. Герцена. – Выпуск. № 120/2010. – С.67.
3. Козьякова М. И. Наука и искусство XX века: между логосом и мифом. – С.221.
4. Лосев А. Ф. Диалектика мифа// Лосев Ф. И. Из разных произведений. М., 1990-С.396
5. Мамардашвили М.К. Философские чтения. – СПб.; Азбука-классика, 2002. –С. 832
6. Мелетинский Е.М. Поэтика мифа. М., Наука, 1979.-С. 399
7. Рыжов Ю.В. IgnotoDeo: Новая религиозность в культуре и искусстве. – М.: Смысл, 2006. (328 с.).
8. С.Улугзаде. Достонхои «Шохнома». – Душанбе, Маориф, кит.1, 1975
9. Тихонов С. Социально-онтологический статус мифа//Философия и общество, №3(51), 2008.
10. Юнг К.Г. Настоящее и будущее//Аналитическая психология: прошлое и настоящее. – М., 1995. – С.125.



**ҚурбоноваМ.**


**Арзишҳо ва мафкураи фарҳангӣ- омилҳои асосии инкишофи ҷомеа**


Дар мақола қайд карда мешавад, ки замони муосир дар шароити умумигардонии нави асотириро нишон медиҳад.

Инкишофи босуъати фазои коммуникативии умумисайёравӣ гардиши асотири фарҳанги оммавиро дар ҳудуди сайёравӣ алоқаманд месозад.

Муаллиф қайд менамояд, ки таҳлили илмии муаммои асотирофарӣ равшан нишон медиҳад, ки инсони муосир ба ҳодисоти асотирӣ на камтар аз намояндаи тамаддуни антиқа ғӯта мезанад. Маҳз тавассути асотир инсоният ба воқеияти иҷтимоӣ ворид буда, дар он натанҳо чаҳорчӯбаи муомилоти ҷамъиятӣ, балки маҷмӯи рангини симоҳо ва рангҳоро мебинад.

Дар ин мақола гуфта мешавад, ки шавқи эҳёгашта ба асотир дар раванди адабии қарни XX бештар дар шаклҳои мазкур ифода меёбад ва шакли асотирро дар раванди адабӣ баён менамояд.



**Калидвожаҳо:** умумигардонӣ, шаклҳои асотирофарӣ, идеологияи сиёсӣ, маданият, тамаддун, фолклор, тасвири асотирии олам, маросим.



**QurbanovaM. U.**


**Cultural Values and Ideology as a Basic Criteria of the Society Development**


The article says that the modern era in a thoughtless globalization demonstrates s 'new' my mythological wave. The rapid development of global communication environment caused circulation of myths of mass culture on a global scale.

The author emphasizes that the scientific analysis of the problem of mythmaking clearly shows that modern man is immersed in the mythological element not less than the representative of the ancient civilizations. Due to the acceleration in the myths of mankind social reality, we see it is not the frame of public relations, and color kaleidoscope of images and colors.

The article says that revived interest in myth in the literary process of XX century was manifested mainly in the following five leading from of the myth in the literary process.



**Keywords:** globalization, the from of mythmaking, political ideology, culture, civilization, folklore, mythological model of the world, ritual.

**Қаландаров М. И- аспиранти кафедраи онтология ва назарияи маърифати**

# МАСЪАЛАҲОИ СИЁСӢ ВА ДАВЛАТДОРӢ ДАР АСАРИ «ҶОМЕЪ-УЛ-УЛУМ»-И ФАХРИДДИНИ РОЗӢ

*Дар мақолаи мазкур назарияҳои сиёсии Фахриддини Розӣ нуқтаи назари мутафаккир оид ба масъалаҳои гуногуни сиёсӣ, роҳҳои идоракунии давлат нишон дода шудааст. Инчунин муносибати подшоҳ бо раъят ва характеру хусусиятҳои подшоҳ дар нӯҳ асл баён ёфтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсат, подшоҳ, муносибати мардум, хилофат, саховатмандӣ, пешвои сиёсӣ, раъият, салтанат ва ғайра.*

Фахриддин Розӣ яке аз шахсиятҳои барҷастаи оламиислом мебошад, ки дар соли 1149 дар шахри Райи Эрон, дар оилаи аҳли илму адаб ба дунё омадааст. Таҳсилоти ибтидоияшро дар назди падараш Зиёуддин Умар, ки олим, мутакаллим, муфассир ва орифи давр буд, гирифтааст. Пас аз сари падар барои идомаи таҳсил ва касби дигар улум: фалсафа, мантиқ, калом, тафсир, табииёт, риёзиёт ва ғайра ба назди Камоли Симнонӣ ва Маҷдуддини Ҷилӣ меравад.

Фахриддини Розӣ дар баробари ақида ва андешаҳои каломию фалсафӣ ва иҷтимоӣ, доир ба сиёсат низ андешаҳои ҷолибе пешниҳод намудааст. Фахриддини Розӣ на танҳо ба Форобӣ, Сино ва Ғаззолӣ дар масоили каломию фалсафӣ, балки дар масоили сиёсӣ низ аз онҳо пайравӣ намудааст. [1.4]ва се боби «Ҷомеъ-ул-улум»-ро ба масъалаҳои сиёсату одоби мулкдорӣ ва вазифаҳои подшоҳон бахшидааст. Яъне «Ҷомеъ-ул-улум» ё «Ситтин», ки хулосаи 40-60 илм буда, се боби он ба сиёсат бахшидааст: боби 54-ум бо номи «Ас-Сиёсат», боби 55-ум «Илм-ус-сиёсат» ва боби 60-ум «Одоб-ул-мулук». Дар боби 55-ум, ки аз нӯҳ асл иборат аст, муносибати ҳокимро бо раъят ёдоварӣ намудааст. Мақолаи мазкур бевосита доир ба боби 55-ум бахшида шудааст.Ӯ сиёсатро ба чаҳор қисм тақсим мекунад:

1. Сиёсати моликон (касоне, ки зиёд мулк доранд).
2. Сиёсати мулук (подшоҳон)
3. Сиёсати малоика (миёнаравии малоик байни Худову инсон)
4. Сиёсати молик-ул-мулук (подшоҳи подшоҳон, яъне Худо). [1. 2]

Ба қавли Фахриддини Розӣ сиёсати подшоҳон аз сиёсати моликон қавитар аст, зеро агар ҷаҳоне аз моликон гирди ҳам оянд, бо як подшоҳ (яъне Худо-Қ. М.) муқовимат карда наметавонанд. Сиёсати фариштагон низ аз сиёсати подшоҳон бартар буда, ҷаҳоне аз подшоҳон наметавонанд сиёсати як фариштаро дафъ кунанд. Аммо сиёсати молик-ул-мулук бартар аз сиёсати фариштагон ва подшоҳон аст, ки ин сиёсати Худост. Фахриддини Розӣ барои исботи ин андешаи худ оёти Қуръонро мисол меоварад: «Рӯзе, ки Рӯҳ-ул-амин (Ҷабраил) ва фариштагон саф кашида бармехезанд, ҳеҷ кас наметавонад сухан бигӯяд, магар касе, ки Худо ба ӯ иҷоза диҳад ва суханро бигӯяд»[2.4] ва боз мегӯяд «дар он рӯз касе, ки дар пешгоҳи Худо шафоъат ёбад, касест, ки Худо аз вай хушнуд бошад».[3.4]

Дар зери ин ояҳои қуръонӣ Розӣ чунин қайд менамояд: «эй мулуки кишвар ва дунё, ба он чӣ аз молу подшоҳӣ доред, мағрур нашавед, зеро рӯзе дар Қиёмат дар чанбараи қудрати иллоҳӣ асиред. Ва, эй раъият, аз сиёсати подшоҳон матарсед! Чаро аз сиёсати шоҳи шоҳон, ки молики рӯзи ҷазост, наметарсед? Ин гуфтаҳои Фахриддини Розӣ аз як ҷониб иттифоқии ҷомеаро новобаста ба синфу табақа ва дину мазҳаб ифода созад, аз ҷониби дигар, баробариву адолат, қавииродагиву озодандеширо нисбати ҷаҳлу нодонӣ, зулм ва таассубу хурофотпарастии рӯҳониёни давр ифода менамояд. Ин аст, ки мутафаккир зери тафсири ояи: «Атти-ул-лоҳа ва атти-ур-расул ва илло ал-амри минкум…» бар хилофи бисёре аз уламои дин, ки барои манфиатҳои худ аз номи Худову расул ва дин баромад менамуданд, муқобил баромадааст. Ӯ барои рушди ҷомеа чанд аслро зарур мешуморад:

**Асли аввал, дар баёни ақсоми ҳирфаҳову санъатҳост**. Ӯ чунин мегӯяд: чаҳор навъи санъат аст, ки барои фароҳам сохтан ва сомон бахшидани маишати одамӣ зарур аст: 1) зироат аст, то кори таом бад-он рост шавад, 2) ҳаёкат (бофандагӣ-Қ. М.) аст, то кори ҷомае бад-он рост шавад, 3) банноӣ аст, то кори мискин бад-он рост шавад, 4) сиёсат аст, то кори мардум бад-он манзум шавад. [4. 5]

Мутафаккир машғул шудани як одамро ба ҳамаи ин корҳо номумкин медонад. Зеро яке зироат кунад ва дуввум ҳиёкат (бофандагӣ) дар натиҷа ҳама кор тамом гардад. Аз ин ҷост, ки гуфтаанд: «инна-ал-инсона маданиюн бил таъӣ» ва чун кори одамӣ ҷуз ба ихтилот тамом нашавад ва ихтилот сабаби он бошад, ки ҳар яке ба дигаре зулм ва таадид кунад.

**Асли дуюм** «дар баёни ин ки подшоҳ халифаи Худост» мебошад. Иҷтимоъ, ба назри ӯ ҳаммонандии вуҷуди одамизод аст. Ин ҳамон «назарияи андомвори иҷтимоъ» аст, ки Форобию Сино аз Афлотун ва Арасту пайравӣ кардаанд. Аммо Фахриддини Розӣ дар ин бора менависад: «Ҳукамо гуфтаанд: «ал-инсону оламу сағиру ва оламу инсон кабир», яъне одамӣ олами кӯчаке аст ва олам одами бузург. Он гоҳ мегӯяд: аъзои раиса дар тан чаҳор аст: дил, димоғ, ҷигар ва аъзои таносул. Ҳамчунин усули ҳирфаҳо низ (касб, ҳунарпешагӣ Қ. И) дар олам чаҳор аст ва ҳар яке аз ин узвҳои раисро ходимонанд. Чунон ки меъда ҷигарро ва шуш шарёноти дилро ва аъзои ғизо ва асабҳо димоғро. Дар натиҷа ҳар яке аз ин узвҳо, ки муваллиди манӣ бошад, ҳамчунин ҳирфаҳои аслиро низ ходимонанд…чуноне ки раиси узви мутлақ дил аст, ҳамчунин ҳирфати раиси мутлақ сиёсат аст. [5. 3]

Дар **асли саввум** Фахриддини Розӣ дар маротиби сиёсат ва баёни он мегӯяд: таъсири сиёсат ё ба зоҳир пайдо шавад, ё ба ботин ва ё ба ҳар ду. Он чӣ ки бар зоҳир пайдо шавад, сиёсати подшоҳон ва ноибон аст. Ва он чӣ бар ботин пайдо шавад, сиёсати олимон аст, зеро эшон ақидаҳои ботинро аз даруни мардум зоил кунанд ва ақидаҳои дурустро аз даруни мардум ба воситаи бароҳин дар дохили мардум росих гардонанд. Аммо он сиёсате, ки асари он ҳам ба зоҳир ва ҳам ба ботин пайдо бошад, сиёсати паёмбарон аст. Пас, ҳар касе, ки дар илм ва подшоҳӣ комил бошад, соиси мутлақи ӯ бошад ва «шоистагии хилофати соибӣ шариат ӯро бошад». Он гоҳ мегӯяд: бидон ки сиёсат дигаронро кардан ва дар ислоҳи эшон ҷиддӣ будан, он гоҳ мумкин бошад, ки афъоли ӯ, яъне подшоҳ, дар забти ақл ва ҳавои ҳайвонии ӯ пойбанди қаҳру хашми ҷони ӯ бошад. Аз ин рӯ, подшоҳро дар шароити хилофат сараввал бояд иффат, дуввум-шуҷоат, саввум-кифоят ва чаҳорум-илм бошад. Баробари мардум будан яке аз кайфиёту шуҷоат буда, иффату амонат бояд шарти самъӣ бошанд, на ақлӣ.

Дар **асли чаҳорум** бошад, фазилати сиёсату манфиати подшоҳон ва сиёсати эшонро ёдоварӣ намуда, манфиъати подшоҳон ва сиёсати онҳоро аз ҳама манфиатҳо омтар медонад, зеро ба воситаи амн ва фароғат ҷумлагӣ ба муроду мақсади худ мерасанд.

Дар **асли панҷум** Фахриддини Розӣ кайфияти забт кардани соисро баён карда, монанди Афлотун аҳли шаҳрро ба се қисм: пешаварон, мудаббирон ва нигоҳбонон ҷудо месозад. Соис бояд аҳли шаҳрро ба се қисм тақсим созад: аввал, касоне, ки соҳиби тадбир бошанд, дуввум, соҳибҳарифон ва саввум, нигоҳбонон. Дар натиҷа вазифаи пешаваронро ёдовар шуда, қайд мекунад, ки ин ҷамоат ҷуз ҳирфаҳое, ки сабаби интизоми аҳволи шаҳр ҳастанд, машғул нашаванд. Аммо он ҳирфаҳое, ки сабаби фасоди тан ё насл ҳастанд, бояд аз байн бурда шавад, зеро онҳо худ ва тамоми ҷомеаро бо чунин корҳо машғул менамоянд. Ба қавли мутафаккир ҳар ҳирфаеро, ки сабаби интизоми ин панҷ: ақл, дин, насл, ҷон ва мол бошанд, бояд риоят кард, аммо он чӣ мояи фасоди ин масолеҳ бошад, бояд онро нобуд кард.

Дар **асли шашум** ӯ чунин баён мекунад, ки ҳар гоҳ шахсе дорои он ҳама сифоте, ки ёд кардем, набошад, таклиф чист? Дар посух худи ӯ чунин мегӯяд: Агар ду шахс бошанд ва якеро илми бештар ва дигареро рай ва кайфийят, соҳиби кайфият муқаддам бувад бар соҳиби илм, ба шарти он, ки дар мушкилоти илмӣ ва сиёсат руҷӯъ ба илм кунад, вагарна соҳиби илм азал бошад.

Дар **асли ҳафтум**, мутафаккир равишҳои дарёфти подшоҳро «вуҷуҳи дахлӣ»-и ӯ мешуморад, ки «он ғанимат башад, ё аз фий

(хироҷ), аз молҳое, ки онро муъйинӣ набошад». Пас аз он мегӯяд: «авқофе, ки онро мутаваллии муайян ва масрафи муайян набошад, онро ба байт-ул-мол сарф бояд кард», зеро метавон аз он олот ва уддат дар қамъи куффор ва дафъи эъдои дин сохт, яъне маслиҳати кори ӯ сабаби интизоми мусолеҳи олам ва мояи истиқомати матлаби бани одамӣ гардад.

Дар **асли ҳаштум бошад,** Фахриддини Розӣ ақсоми сиёсати подшоҳро матраҳ сохта, таъкид мекунад, ки сиёсати малик ба ду навъ: яке аразӣ дигаре самовӣ бояд бошад: аввалӣ сиёсати фозилааст, ки онро имомат хонанд. Мақсуд аз он дар умури маъош ва маъод аст, то ҳар яке ба камоле, ки лоиқи ӯст, бирасад, ки табиатан лозимаи он саодати ҳуқуқист. Дар навъи дуввум бошад, соҳиби ин сиёсат ба ҳақиқати халифат-ул-лоҳ ва зулу-ул-лоҳ расад, пайравӣ ва иқтидо ба соҳиби шариъат кунад. Аз ҷумла бояд ҳирсу ҳубби молро зери итоати ақл гардонад.

Аз ҷониби дигар, баробари нӯҳ асли зикр намудааш Фахриддини Розӣ сиёсатро ба сиёсати ноқису комил низ ҷудо мекунад. Ӯ сиёсати (ноқисро) нодурустро сарчашмаи асосии ҷабру зулм нисбати худ ва раият донистааст. Зеро амалӣ намудани чунин сиёсат боиси фасоди шаҳр гардида, худ ҳокима бошад бандаи ҳирсу ҳаво мешавад. Фахриддини Розӣ дар баробари ҳар ду сиёсат баҳс намуданаш таъкид мекунад, ки мардум дар ҳар ҳол ба **«ҳукм-ун-нос оли дин мулукуҳум»** назар бар мулук доранд ва иқтидо ба сирати ӯ мекунанд. Аз ин ҷост, ки мегуйяд: «мардумон ба рӯзгори хеш монандтаранд нисбат ба рӯзгори шоҳон».[7. 3]

Ниҳоят **дар асли нуҳум** Розӣ сифот ва хислатҳои толиби мулук (подшоҳ)-ро баён карда, қайд мекунад, ки донишмандон гуфтаанд, ки толиби мулк бояд дорои ҳафт хислат бошад:

1. Улво ҳиммат (ҳимматбаланд) бошад, ки ин хислат дар натиҷаи такмили ахлоқ ба вуҷуд ояд.
2. Асобат дар райъ бошад, ки он ба фитрат ва касрати таҷриба ба даст ояд.
3. Қуввати азимат ва ин ба райъи савоб ва қуввати собит ҳосил мешавад, ки онро азм-ул-мулук ва ё азм-ур-риҷол хонанд. Дар натиҷа ӯ бо ҳама некиҳо ва фазилатҳо пайваст мешавад.
4. Сабр бар шадоид (сахтӣ, бадбахтӣ Қ. М), ки сабр калиди дарҳои матлабҳо аст. Чуноне дар ҳадисе омадааст, ки: ҳар касе, ки дареро бизанад ва по фишорад, албатта дар он дарояд.
5. Ясор (баробар сурат Қ. М) то ба тамаи он дар моли мардум зардидаву ноилоҷ нашавад.
6. Лашкариёни мувофиқ.
7. Насаб, зеро насаби асил ва табори воло муҷиби ҷамъшавии хавотиру муҳобот ва виқор хоҳад буд.

Дар баробари нӯҳ асли зикр намудааш доир ба сиёсат, сохтори сиёсии ҷомеа, муносибати подшоҳ бо раъият, зикри ҳафт хислати подшоҳро низ зарурӣ ва ҳатмӣ медонад:

1. Подшоҳ бояд ҳакиму ҳалим бошад.
2. Подшоҳ бояд карим бошад.
3. Подшоҳ бояд бо андеша ва рост қавлу қавиирода ва аз корҳо ба мабодӣ қонеъ набувад.
4. Подшоҳ бояд дар авф фармудан таъхир накунад ва дар уқубат кардан андеша кунад, зеро мумкин аст замони дигар пушаймон шавад, ки ҳеҷ суде надошта бошад.
5. Подшоҳ бояд бо раият неку мушфиқ бошад ва бар тариқи дод кардан мулозимат намояд.
6. Подшоҳ бояд мухолифат ва муҷоласат бо аҳли илму адаб кунад, зеро ки пайдо кардем, ки кори подшоҳ сиёсат кардани зоҳир аст ва кори олим сиёсати ботин ва кори олам бо маслиҳати ҳар ду ҳосил шавад.
7. Подшоҳ чандон муҳиб набувад, ки асҳоби таҷоруб ҷиҳати маслиҳат бар вай арза натавонанд кард ва чандон ҳалим набувад, зеро ҳар кас ҳар, чӣ бо вай тақрир кунад… ило охириҳӣ.[8. 3]

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки Фахриддини Розӣ баробари андешаҳои каломию фалсафӣ ва ахлоқию иҷтимоияш ба масоили сиёсӣ ва сохтори давлатдорӣ низ таваҷҷуҳи хоссае зоҳир намудааст. Махсусан, ӯ қабл аз ҳама муносибати ҳокимро бо раъият ба таври амиқ ва воқеъбинона ёдоварӣ намуда, анҷоми вазифаҳои подшоҳиро ҳамчун халифа назди ҷомеа бо далелҳои амиқ зикр

намудааст. Инчунин доштани сифатҳои ҳамида ва дониши амиқу дақиқ ва ҷаҳонбинии назариявию таҷрибавиро дар бораи сиёсат ва масоили давлатдорӣ барои подшоҳ аввалиндараҷа шумурдааст.

## АДАБИЁТ


1. Али Асғари Ҳалабӣ.Торихи тамаддун дар ислом /Али Асғари Ҳалабӣ.- Теҳрон: 1365, 552 с.
2. Али Асғари Ҳалабӣ. Торихи илми калом дар Эрон ва ҷаҳони ислом / Али Асгари Ҳалабӣ. -Теҳрон: 1383, 606 с.
3. Имам Фахриддини Рази. Ҷоме]-улулум./Имам Фахриддини Рази/ Тарҷумаи Абдураҳман ибн Хоҷи Муҳаммад Садиқ. Тошканд: 1993. 472. с.
4. Қуръон. Сураи «Набаъ» ояти 38. (78. 38).
5. Муҳаммади Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих/Муҳаммади Рашшод.- Душанбе: 2002,Ҷ. 3-4. 315. с.
6. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе.: 2015. №3/4. 341. с.
7. Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир / Фахриддини Розӣ.- Теҳрон: 1378, Ҷ. 1. 580 с.



**Каландаров М. И.**


**Вопросы политики и государственности в книге «Джомеъ-ул-улум» Фахриддина Рази**


В данной статье изложены взгляды Фахриддина Рази на различные политические вопросы, способы управления государством. Также рассмотрены вопросы классификации политики, благодеяния и положительные черты характера правителя и его отношение к народу в девяти основах.



**Ключевые слова:** политика правителя, отношение к народу, халифат, владелец, великодушие, целомудрие, политический лидер, деятель, образ властвования.



**KalandarovM.I.**


**Ask politics and statehood in the book "Jome-ul-ulum" by Fakh al din al- Razi**


This article sets out the views of Fakh al-Din ar-Razi on various political issues, ways of governance. Also considered political classification questions and positive character traits of the king and his attitude toward the people in the nine bases.



**Key words:** politics of the King, the attitude of the people, the caliphate, the owner, generosity, chastity, a political leader, figure, image dominion.

**Соҳибов У.Ш.**- унвонҷӯи ИФС ва Ҳ.Фазои иттилоотӣ ва хусусиятҳои он дар шароити дигаргуниҳои ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)

*Дар мақолаи мазкур муаллиф фазои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онро дар шароити дигаргуниҳои ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон) дар солҳои охир ҳамчун омили таъсирбахш ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвар мавриди таҳқиқ қарор дода аст. Пажуҳиши мазкур, ки дар асоси назариёти муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ сурат гирифта аст, дар ташаккул ва рушди сиёсати иттилоотии кишвар кумак хоҳад кард*

***Калидвожаҳо***: *фазои иттилоотӣ, сиёсати иттилоотӣ, консепсияи сиёсати иттилоотӣ.*

Инкишофи босуръати тамаддуни муосир бо як қатор масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва шаклҳои гуногуни ҷаҳонбинӣ алоқаманд мебошад. Аз ҷумлаи онҳо, мушкилиҳое ба ҳисоб мераванд, ки мансуб ба ташаккули ҷомеаи навинанд. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ҷомеае ташаккул ёфт, ки, умуман, онро ҷомеаи постиндустриалӣ, ё ҷомеаи иттилоотӣ меноманд. Он дар заминаи ҷомеаи индустриалӣ ташаккул ёфта, шакли техногении рушди инсониятро дар худ инъикос менамояд.

Ҷомеаи мазкур заминаҳои объективии инкишофро тақозо мекунад, ки яке аз онҳо фазои муосиди иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Дар фароҳам овардани фазои муосиди иттиллоотӣ, пеш аз ҳама, нақши давлат ҳамчун институти асосии системаи сиёсӣ назаррас мебошад. Вале бояд гуфт, ки на ҳама давлатҳо чунин фазоро ба миён оварда метавонанд. Бинобар ин, барои кишварҳое, ки тоза ба низоми арзишҳои демократӣ рӯ овардаанд, зарур аст, то вазифаҳои худро дар шакл ва мазмуни дигар иҷро намоянд. Ҳангоми таҷдиди вазифаҳои давлат дар ин самт бояд ҷиҳатҳои зерин ба инобат гирифта шаванд: либераликунонӣ; гуманикунонӣ; мутаносибият ва дарёфти мувозинати байни манфиатҳои маъмурияти давлатӣ ва худидоранамоии иҷтимоӣ ва ғ.[1:6]

Дар шароити мураккаби ҳаёти сиёсиву иҷтимоии замони муосир тадриҷан тасаввурот дар бораи вазифаҳои байниҳамдигарии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, маънидоднамоии табиат ва хусусиятҳои ҷомеаи мазкур дигаргун мешавад. Проблемаи муҳимро дарки худташаккулдиҳии шабакавӣ ва фаъолии сиёсии субъектҳои иҷтимоиву сиёсӣ ташкил медиҳад. Ҳамаи ин гуфтаҳо аҳамияти омӯзиши фазои иттилоотии давлатиро дар муҳити кишварҳои имрӯза, хусусан Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба пешбининамоии сиёсӣ дучанд мегардонад.

Нуктаи муҳиме, ки дар алоқамандӣ бо ташаккули фазои иттилоотии давлатӣ бояд ба назар гирифта шавад, ин аст, ки зимни фароҳамоварии фазои мазкур давлат ба сифати ташкилоти меҳварии систмеаи сиёсӣ асолат ва арзишоти миллию фарҳангии худро пайваста бояд баҳри ҷомеаи хеш талқин намояд. Ин вазифаро давлат бидуни мушкилӣ анҷом дода наметавонад, зеро дар шароити муосир нақши аввалиндараҷаро на фарҳангҳо, балки тамаддунҳо ва махсусан, тамаддуни техногенӣ мебозад. Ба ибораи дигар, имрӯзҳо фарҳанг ҳамчун падидаи маънавӣ ва унсури маркази рушди тамаддуни инсонӣ қобилияти назарраси таъсиррасонии худро ба ҷомеаи башарӣ аз даст додааст. Аз ин лиҳоз, идоранамоии ҳолати мутаассиргардии ҷомеа аз иттилоот ва маълумоти гуногун, ки ташвиқгари арзишоти тамаддуни ғайр мебошад, басо мураккаб гардидааст. Вобаста ба ин, вазифаи асосии давлат, таъмини он фазои иттилоотие мебошад, ки заминаҳо ва рукнҳои давлатдории миллиро бояд устувор гардонад.

Ҷиҳати дигаре, ки ба фазои иттилоотӣ пайваст буда, аҳамияти муҳимро ба худ касб намудааст, ин таҳаввулёбии раванди оламдарккунии инсон ва маънои зиндагии ӯ мебошад. Имрӯз, аз бисёр ҷиҳат, рафтори инсон аз восита ва таҷҳизоти техникӣ, чун компютер, шабакаҳои гуногуни интернетӣ, инчунин аз ангезаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва равонӣ (психикӣ) ва ғайра вобастагии зиёд дорад. Олами муосир хеле босуръат тағйир ёфтаву пеш меравад. Маълумоту ит-

тилооти зиёде, ки оид ба ҳодисаву равандҳои имрӯза ба инсон мерасад, ҳолати рӯйоварии ӯро ба арзишоти мушаххас нисбатан мураккаб мегардонад. Инсон ҳатто қобилияти равонӣ ва ҷисмонии қабули ин миқдор иттилооти зиёдро надорад, чӣ расад ба таҳлили ҳамаҷонибаву истифодаи самараноки он. Аз ин ҷост, ки аксар одамон ба асабоният, афсурдахотирӣ, маъюсию ноумедӣ ва дигар ҳолатҳои бади равонӣ гирифтор мешаванд [1:7].

Фазои иттилоотӣ вобаста ба гуногунҷабҳангӣ ва характери виртуалӣ доштани хеш дар шароити муосири рушди олам ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими баҳамоии умумиятҳо ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ дар кӯраи Замин ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, давлат дар фароҳамоварии фазои ягонаи иттилоотӣ нақши муҳим бозида, ҳамзамон дар тақвият бахшидани унсурҳои таркибии хеш метавонад мусоидат намояд. Вобаста ба ин гуфтаҳо якчанд аз вазифаҳои муҳими фазои иттилоотӣ бояд мавриди тавзеҳ қарор дода шаванд.

1. Вазифаи аввалини фазои иттилоотӣ ин ташаккули шароити мусоид бахри баҳамоии унсурҳои гуногуни таркибии ҷомеа мебошад. Дар заминаи ба ҳам омадани муҳити иҷтимоию фарҳангӣ муносибат ва фаъолияти гуногунҷабҳаи субъектҳои ҷомеа ба ҳам марбут гашта, бамиёноии умумиятҳои бузургтарро боис мегардад. Вазифаи мазкур на танҳо дар таркиби як давлат, балки дар барқарорнамоии равобити мутақобилаи байни давлатҳо, миллату халқиятҳо, ширкатҳои фаромиллӣ ва умуман, иттиҳоди байналхалқӣ мусоидат менамояд. Хусусан ин вазифа барои ҳамоҳанг сохтани фаъолияту муносибатҳои институтҳои гуногуни давлативу ҷамъиятӣ саҳми босазо дошта метавонад. Баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва институтҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ зимни амалишавии вазифаи интегратсионии фазои иттилоотӣ баръало намоён гардида, асосҳои воқеии рушди давлату ҷомеаро бунёд мегузорад.

2. Фазои иттилоотӣ вазифаи коммуникативиро низ анҷом медиҳад. Моҳияти вазифаи мазкур дар ташкили муҳити махсусе ифода меёбад, ки алоқамандии субъектҳоро дар пайвастагӣ бо ҳадафҳои сиёсӣ муайян мегардонад. Табодули иттилоотӣ дар байни субъектҳои гуногуни ҷамъиятиву сиёсӣ маҳз ба воситаи вазифаи коммуникативӣ амалӣ мегардад. Равобити мутақобилаи субъектҳо имкон медиҳад, ки муносибатҳои мухталифи онҳо ҳам дар шакли амудӣ ва ҳам дар шакли уфуқӣ бо назардошти манфиат ва талаботи муайяни онҳо инкишоф ёбанд.

3. Вазифаи сеюми фазои иттилоотӣ дар актуалӣ гардонидани манфиатҳои субъектҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ ифода меёбад. Дар ин алоқамандӣ мақом ва нақши сиёсати иттилоотӣ низ басо бузург буда метавонад, зеро маҳз он аз тарафи давлат воқеияти муосир ва дурнамои рушди ҷомеаву давлатро дар таносуб бо фазои иттилоотӣ инъикос карда метавонад.

4. Вазифаи геополитикии фазои иттилоотӣ низ нисбатан муҳим ба назар мерасад. Фазои иттилоотӣ захираҳои махсусу муосири худро ташаккул дода, аҳамияти захираҳои анъанавиро тағйир медиҳад ва дар ин алоқамандӣ муҳити нави муносибатҳои геополиткӣ ва рақобати сиёсиро ба вуҷуд меорад.

5. Ниҳоят вазифаи иҷтимоии фазои иттилоотӣ, ки таркиби ҷомеаро аз лиҳози мафкуравӣ тағйир дода, мазмун ва хусусияти муносибатҳои иҷтимоиву сиёсии субъектҳоро дигаргун месозад. Ин дигаргунсозӣ танҳо мансуб ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ набуда, балки соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта метавонад, аз ҷумла фарҳанг, илм, дин ва ғайраҳо.

Фазои иттилоотии ҷомеа, ки пайваста ба дигаргуниҳо рӯ ба рӯ мешавад, ҳамчун объекти идоранамоии сиёсати иттилоотии давлат баромад мекунад. Вобаста ба таъсири гуногунҷабҳаи иттилооту маълумоти муосир фазои иттилоотиро давлат ҳамеша бояд назорат намояд ва дар доираи сиёсати иттилоотии хеш дурнамои инкишофи онро муайян карда тавонад. Бояд қайд намуд, ки фазои иттилоотии ҷомеа объектҳо ва робитаҳоеро дар бар гирифта метавонад, ки барои субъекти идоракунанда, яъне давлат онҳо ноаён монда метавонанд. Ба ибораи дигар, комилан зери назорат қарор додани фазои иттилоотӣ аз тарафи давлат ва пурра ба нақша гирифтани ҳолатҳои таъсиррасонии иттилоотӣ аз имкон берун аст.

Новобаста аз ин, давлат вазифадор аст, ки бо истифода аз васоити муосири технологӣ раванди идоранамоии иттилоотиро нисбатан худ амалӣ созад. Чунин баамалбарории раванди идоранамоии иттилоотӣ ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро бояд дар бар бигирад. Ин масъала хусусан дар нисбати проблемаҳои сиёсӣ ва раванди таъсиррасонии мафкуравии ҷомеа аҳамияти дучандро ба худ касб менамояд. Унсурҳои асосиву таркибии фазои иттилоотии ҷомеа, ки нисбати онҳо бояд раванди идоранамоӣ ва таъсиррасонӣ зимни амалигардонии сиёсати иттилоотии давлат воқеӣ гардад, ин субъектҳое мебошанд, ки раванди иттилоотнокгардонии оммавиро бар уҳда доранд. Хусусан, васоити ахбори омма ва дигар муассисаҳои иттилоотӣ ба сифати ин гуна субъектҳо баромад карда метавонанд. Илова бар ин, дар вусъати фазои иттилоотӣ нақши субъектҳои дигар низ, ки манфиатҳои худро дар алоқамандӣ бо манфиатҳои ҷомеа ва давлат ҳамоҳанг месозанд, назарррас мебошад [2:94-95].

Субъектҳои асосии идоранамоӣ, ки ба ташкили таъсиррасонии иттилооти идорашаванда ҷалб карда мешавад, инҳоянд: мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоранамоӣ (сохторҳое, ки бо аҳолӣ робитаи қавӣ барқарор менамоянд ва консепсияи ҳокимияти электрониро амалӣ мегардонанд), воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ, институтҳои дигари давлатӣ ва ташкилотҳову иттиҳодияҳои иҷтимоию сиёсӣ, ки фаъолияти иттилоотиву коммуникативии онҳо ба муқарраротиі расмии давлат ва манфиатҳои миллӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Ба сифати объектҳои идоранамоӣ дар фазои иттилоотӣ тамоми унсурҳо ва системаҳои таркибии ҷомеа дохил мешаванд, ки фаъолияти онҳо дар доираи сиёсати иттилоотии кишвар ба низом даровarда мешавад. Тафовути байни сатҳ ва шакли таъсиррасонӣ ба воситаи хусусиятҳои инфиродӣ ва хосиятҳои объекти идоранамоӣ, инчунин дараҷаи аҳамиятнокии онҳо барои ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати иттилоотии давлат муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, аҳамият ва нақши иттиҳодияҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, хусусан, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои гуногуни иҷтимоӣ ҳамчун объекти идоранамоӣ тавассути нерӯ ва воситаҳои сиёсати иттилоотии давлат дар марҳилаҳои пешазинтихоботӣ бахри ворид гаштан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ бештар мегардад.

Ҳангоми банақшагирӣ ва амалигардонии раванди таъсиррасониву идоранамоӣ ба унсурҳо ва системаҳои фазои иттилоотии ҷомеа дар доираи сиёсати иттилоотии давлат систематикунонии объектҳои идоранамоӣ мавриди истифода қарор дода мешавад, ки он имконият медиҳад, то навъҳо, шаклҳо, хусусият ва воситаҳои идоракунӣ тасниф шаванд. Дар маҷмӯъ чунин систематикунонӣ метавонад тариқи зерин сурат бигирад.

1. Объектҳое, ки заминаҳои моддию техникӣ доранд. Ба онҳо тамоми имфрасохторҳои иттилоотиву телекоммуникатсионии ҷомеа дохил мешаванд. Сиёсати иттилоотии давлат дар нисбати ин объектҳо, пеш аз ҳама, тариқи ташаккул додани шароити мусоиди амалнамоӣ ва инкишофи ин сохторҳо, ки барои ҳама аъзоёни ҷомеа онҳо дастрас мебошанд, амалӣ гашта метавонад. Чунин ҳолат имконият фароҳам меорад, ки дар фазои иттилоотӣ онҳо ба ҳам омада, фаъолияти касбии коммуникативиро боис гарданд.

2. Объектҳое, ки хосияти виртуалӣ ё виртуалӣ-моддӣ доранд. Ба онҳо иттилооте дохил мешаванд, ки раванди табодули маълумот ва захираҳои иттилоотиро дар фазои иттилоотӣ дар бар мегиранд. Дар ин ҳолат вазифаи идоранамоии сиёсати иттилоотии кишвар дар нисбати ин объектҳо назорати пурра бурдан аз болои онҳост. Ин назоратнамоӣ бояд аз лиҳози сиёсӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ гардонида шавад. Хусусан ин масъала дар танзими шаклҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ пураҳамият ба назар мерасад. Ҳамзамон вазифаи давлат зимни татбиқи сиёсати иттилоотӣ фароҳамоварии муҳит ва ё майдони иттилоотиест, ки ба мақсад ва вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ созгор бошад. Илова бар ин, чунин майдони иттилоотӣ бояд ба манфиатҳои миллӣ, суботи сиёсӣ, рушди иҷтимоии кишвар, пешрафти илму фарҳанг ва дигар вазифаҳои муҳими ҷамъиятӣ ҷавобгӯ бошад.

3. Объектҳое, ки унсури инсонӣ доранд, яъне одамон ва гурӯҳу умумиятҳои онҳо. Идора кардани объектҳои мазкур дар доираи сиёсати иттилоотии давлат, хусусан кишвари демократӣ бояд дар заминаи принсипҳои озодиву шаффофият ва дастрасии оммаи мардум ба иттилооти мухталиф воқеӣ гардонида шавад. Ба қавли дигар, тамоми субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар фазои иттилоотӣ бояд баробарҳуқуқии худро эҳсос намоянд.

Яке аз объектҳои асосии идоранамоӣ дар доираи сиёсати иттилоотии давлат ин назорати фазои иттилоотии рақиби геополитикӣ мебошад, ки бо он пайваста тариқи ошкоро ва ё пӯшида мубориза иттилоотӣ бурда мешавад. Дар ин ҳолат методҳои идоранамоӣ аслан ба таври пинҳонӣ амалӣ гардонида мешаванд. Махсусан, методҳои таъсиррасонӣ ба воситаи манипулятсияи сиёсӣ баръало мушоҳида мешаванд, ки шуур ва афкори ҷамъиятии рақиби иттилоотиро қисман ва ё пурра зери таъсири худ қарор медиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз санадҳои сиёсиву ҳуқуқие, ки дар баҳамоварии субъектҳои гуногуни иттилоотӣ, ҳамоҳангсозии мақсадҳо ва масъулиятҳои субъектҳову объектҳои муносибатҳои иттилотӣ ва барқарорнамоии сиёсати иттилотии давлатӣ дар ҷомеа мусоидат карда метавонад, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» мебошад. Ҳадаф ва вазифаҳои ик қонун дар муқаррарнамоии меъёрҳои ҳуқуқуқие ифода мегардад, ки барои субъектҳои мухталифи ҷомеа имконияти дастрас кардан, истифода бурдан, интишор намудан ва нигоҳ доштани маълумоти гуногунҷабҳаро дар фазои иттилоотии кишвар фароҳам меорад. Бар замми ин, қонуни мазкур ашхоси алоҳида ва умуман, ҷомеаро аз иттилооти бардурӯғ ҳифозат менамояд.

Дар моддаи 7 қонуни мазкур сухан дар бораи сиёсати иттилоотии давлатӣ меравад. Он самтҳо ва воситаҳои асосии фаъолияти кишвар ва дигар субъектҳоро дар масъалаи дастрас кардан, интишор намудан ва нигоҳ доштани иттилооти мухталиф дар бар мегирад. Дар интиҳои ин модда қайд мегардад, ки сиёсати иттилоотии давлатиро пайваста мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти дахлдори вобаста ба иттилоот коркард ва ба амал мебароранд [3].

Ҳамзамон дар фароҳамоварии фазои ягонаи иттилоотӣ, ки заминаи дигари ҳуқуқуқиро баҳри рушди сиёсати иттилоотии давлат поягузорӣ менамояд, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотикунонӣ» мебошад. Ин қонун муносибатҳои ҳуқуқиеро, ки дар раванди ташаккулдиҳиву истифодаи иттилооти мустанад ва захираҳои иттилоотӣ, бамиёнории технологияи иттилоотӣ, система ва сомонаҳои автоматигардонидашудаи маълумотдиҳӣ мусоидат мекунанд, танзим менамояд. Дар доираи қонуни мазкур низоми ҳимояи захираҳои иттилоотӣ ва инчунин, ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои дар раванди иттилоотикунонӣ иштирокдоранда муайян гардидаанд. Ҳадафи ин қонун ташкили шароити мусоид баҳри қонеъ гардонидани талаботи иттилоотии афроди гуногуни ҷомеа ва мақомоти идоракунии давлат зимни таъсиси инфрасохторҳои муосири иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интеграция он бо сомона ва системаҳои иттилоотии байналхалқӣ мебошад [4].

Яке аз санадҳои муҳими сиёсие, ки дар таҳкимбахшии фазои ягонаи иттилоотӣ ва рушди сиёсати иттилоотии кишвар ба таври барҷаста метавонад мусоидат намояд, ин Консепсияи сиёсати иттилоотии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таърихи 30-юми апрели соли 2008 таҳти № 451 қабул гардидааст [5].

Қабули консепсияи мазкур дар шароити муосири ҷаҳонишавии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа: сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва хусусан, иттилоот амри муҳим ва саривақтӣ баҳри ягонагии фазои иттилоотӣ ва инкишофи сиёсати иттилоотии кишвари мо маҳсуб меёбад. Воқеан, ҷомеаи муосир, ки чун ҷомеаи иттилоотӣ аз тарафи олимон муайян карда мешавад, роҳу воситаҳои зиёди таъсиррасонии иттилоотиро дар худ таҷассум менамояд. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нигоҳдорӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот ва таъмини амнияти иттиилоотӣ зарур донист, ки тавассути мураттабсозии ҳуҷҷати консеп-

туалӣ рушди сиёсати давлатиро дар ин соҳа заминагузорӣ намояд.

Бояд қайд намуд, ки сиёсати иттилоотии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми таркибии ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам хориҷии кишвар ба ҳисоб рафта, доираи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоранамоиро дар соҳаи иттилоот муайян менамояд. Консепсияи сиёсати иттилоотии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, системаи муносибатҳои расмии давлатро нибсат ба ҳадафҳо, вазифаҳо, принсипҳо ва самтҳои асосии фаъолият дар ин соҳа инъикос мегардонад. Дар доираи консепсияи мазкур аҳдоф, вазоиф ва объектҳои сиёсати иттилоотии давлатӣ, инчунин самтҳо ва механизмҳои амалишавии он вобаста ба таъмини рушди сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии кишвар, баланд бардоштани имиҷи байналхалқии Тоҷикистон дар ояндаи наздик ифодаи худро ёфтаанд. Дар воқеъ, қабули консепсияи мазкур зимни вориднамоии технологияҳои муосири иттилоотӣ-таҳлилӣ баҳри таъмини раванди идоранмоии самаранок, дастгирии қабули қарорҳои идорӣ, инкишофи босуботи иқтисодӣ, бартарияти манфиатҳои давлатӣ ва амнияти миллӣ равона гардидааст [5].

Дар қатори ин асноди сиёсиву ҳуқуқӣ ҳуҷҷатҳои дигаре низ дар кишвар амал менамоянд, ки онҳо, то андозае, фазои ягонаи иттилоотиро ба вуҷуд оварда, заминаҳои воқеии рушди сиёсати иттилоотиро дар Тоҷикистон фароҳам меоранд, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи алоқаи электронӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати элекронӣ», «Дар бораи ҳимояи иттилоот», «Дар бораи навиштаҷоти электорнӣ-рақамӣ», Консепсияи амнияти иттилоотӣ ва ғ.

Бояд ёдовар шуд, ки шароити муосир аз мақомоти идоракунандаи ҷомеа ва фазои иттилоотӣ ва махсусан, давлат ҳамчун институти асосӣ ва омили меҳварии системаи сиёсӣ тақозо менамояд, то аломатҳои тафриқавии ҳудудӣ ва соҳавии ҷомеа аз байн бурда шаванд. Барои расидан ба ин мақсад ва таъмини ягонагии фазои муосири иттилоотӣ зарур аст, ки масъалаҳо на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ ё худ расмӣ, балки аз лиҳози амалӣ ва ё воқеӣ низ ҳалли дурусту сариваќтии худро биёбанд. Давлат, ки нисбат ба дигар институтҳои сиёсӣ дар танзими муносибатҳои мухталифи ҷомеа нақши муайянкунандагиро мебозад, пас дар воқеӣ гардонидани муқаррароти расмӣ бояд аз ҳамаи онҳо пешоҳанг бошад.

### АДАБИЁТ


1. Лазаревич А. А. Становление информационного общества. Коммуникационно- эпистемологические и культурно-цивилизованные основания /А. А. Лазаревич «Издательский дом “Белорусская наука”», 2015. – 80 с.
2. Манойло А.В., Петренко А.И., Фролов Д.Б. Государственная информационная политика в условиях информационно-психологических конфликтов высокой интенсивности и социальной опасности / Манойло А.В. и др. М.:МИФИ, 2004. - 392 с.
3. Закон Республики Таджикистан «Об информации» http://www.medt.tj/documents/main/normativno-pravovie-akti/zakonodatelnie-akti/ru/02517-ru.pdf. [Маводи электронӣ]
4. Закон Республики Таджикистан «Об информатизации» www.wipo.int/wipolex/ru/text.jsp[Маводи электронӣ]
5. Концепция государственной информационной политики Республики Таджикистан http://www.cipi.tj/?p=275



**Сохибов У.Ш.**


### Информационное пространство и его функции в условиях изменения сообщества (опыт Таджикистана)


В данной статье автор рассматривает роль и функции государственной информации в развитии информационной политики РТ как впечатляющий фактор на политическое и социальное положение государства (опыт в Таджикистане).

Данное исследование обосновано с точки зрения зарубежных и внутренних иследователей, которые могут поднять уровень информационной политики государств.



**Ключевые слова:** информационное пространство, информационная политика, концепция информационного политика.

**Sohibov Y. Sh.**

**Information space and its functions in terms of changing the community (experience of Tajikistan**

Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ дар мазмуни таркибии худ чунин қоидаҳоро дарбар мегирад, ки тибқи онҳо таҳти ҳимояи судӣ на танҳо ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ, балки ҳуқуқу имкониятҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ қарор мегиранд. Яъне, таҳти ҳимояи судӣ на танҳо ҳуқуқу озодӣ, балки манфиат ва имкониятҳои қонунии ҳар шахс қарор дорад. В.М.Жуйков чунин ақидаро дастгирӣ карда менависад, ки манфиат ва имкониятҳои қонунии ҳар шахс метавонад мавзӯи ҳимояи судӣ бошад, агар чунин имкониятҳо дар қонун пешбинӣ шуда бошанд [6,9]. Чунки, шахси манфиатдор ба суд барои ҳимояи доираи муайяни ҳуқуқу озодӣ, ки дар меъёрҳои қонун пешбинӣ шудаанд, муроҷиат карда метавонад. Бинобар ин, меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳуқуқи ҳар шахсро ба ҳимояи судӣ *бо тартиби муайян ва масъалаҳое*, ки метавонанд мавзӯи баррасии судиро ташкил диҳанд, бо ҳадду ҳудуди муайян ба таври дақиқ пешбинӣ кардааст. Аз ин рӯ, ҳуқуқи ҳар шахс ба ҳимояи судӣ мутлақ ва бе маҳдуд нест, он бо тартиб ва низоми муайян амалӣ мешавад ва аз қоидаҳои маҳдудкунанда иборат аст (масалан, қоидаҳои мӯҳлати муроҷиат, мӯҳлати даъво, қобили амал эътироф кардан, қобилияти ҳуқуқдорӣ, синну солӣ, тобеияти судӣ, ваколатдорӣ, салоҳиятнокии суд ва ғ.). Бинобар ин, ақидаи ҳуқуқшиноси франсуз Франсуа Люшер, ки тибқи он "судя вазифадор аст, ҳама гуна аризаю муроҷиати шахсро (новобаста аз он, ки дар қонун пешбинӣ шудааст ё не) ба баррасӣ суд қабул намояд" [29,288], то ҳол баҳснок аст.

Ҳатто Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1996 инҷониб якчанд муроҷиати шаҳрвандонро мавриди баррасӣ қарор дода, бо меъёрҳои ҷорӣ ва қоидаҳои мурофиавӣ бе асос маҳдуд шудани ҳуқуқи шахс ба ҳимояи судиро муайян кардааст [27].

Дар раванди таҳлили умуминазариявӣ ҳуқуқи шахс ба ҳимояи судиро ҳамчун маҷмӯи имкониятҳои ҳуқуқии шахс ба унсурҳои таркибӣ ҷудо намуда, пайдарҳамӣ ва пайвастагии онҳоро ба ҳамдигар муайян кардан ногузир аст. Ин унсурҳои таркиби мазмуни ҳуқуқи шахс ба ҳимояи судиро пурра ва саҳеҳ ифода хоҳанд кард, ки ба татбиқи дурусти он дар амал мусоидат мекунад.

Ҷараёни амалӣ шудани ҳуқуқи шахс ба ҳимояи судӣ мураккаб ва тӯлонӣ буда, тибқи қоидаҳои мурофиавӣ зарурати иҷрои маҷмӯи амалҳои мурофиавиро (аз лаҳзаи пешниҳоди даъво то иҷрои санади судӣ) ба миён меорад. Масалан, пешниҳод кардани далелҳо, иштирок дар амалҳои мурофиавии судӣ [3,31-35], дархост ва ё радия баён кардан, шиносоӣ бо маводҳо, изҳори назар ва ғ.). Аз ин бармеояд, ки ҳуқуқи шахс ба ҳимояи судӣ танҳо як амал ё имконият дар шакли муроҷиат ба мақомоти судиро дарбар намегирад. Бо ариза ё даъво муроҷиат кардани шахс ба мақомоти судӣ ибтидои амалишавии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба ҳимояи судӣ аст.

Дар мавридҳои пешбинӣ кардаи қонун ин шахс метавонад нисбати судя радия ё нисбати амал ё санади судӣ шикоят намояд ва ғайраҳо. Ҳамин тариқ, амалишавии ҳуқуқи шахс ба ҳимояи судӣ ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқию иҷтимоӣ аз низоми қоидаҳо ва муносибатҳои ҳуқуқӣ иборат аст, ки дар натиҷа ҳалли одилонаи баҳси ҳуқуқӣ, барқарор карда шудани ҳуқуқу манфиатҳои шахс таъмин мешавад. Ин ҳуқуқ на танҳо ба баррасии суди марҳилаи аввал, балки нисбати тамоми дигар марҳилаҳои судӣ (марҳилаҳои кассатсионӣ, назоратӣ) низ паҳн мешавад.

Лекин, амалияи судӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки на ҳама вақт, на ҳама шаҳрвандон аз ин имкониятҳои ҳуқуқии худ истифода бурда метавонанд. Аз ҷониби дигар, бинобар маҳдудятҳои сунъӣ онҳо имконият надоранд аз ҳуқуқи худ ба ҳимояи судӣ самаранок истифода баранд. Ба ақидаи В.М. Жуйков то ҳол баъзе аз судяҳо дар қолаби шахшудаи амрдиҳӣ ва маъмурӣ қарор доранд ва интизори қабулии санади меъёрии ҳуқуқии аниқкунанда мебошанд, ки татбиқи ҳар як меъёрро шарҳ медода бошад [8,97]. Ҳол он, ки татбиқи ягон меъёри ҳуқуқӣ набояд шарҳи иловагӣ ё қабул шудани қарори махсуси Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб намояд. Ғайр аз ин, ҳолатҳое ҷой доранд, ки аз шахси муроҷиаткунанда ҳанӯз дар марҳилаи қабули ариза ҳуҷҷатҳое талаб карда мешавад, ки дар қонун пешбинӣ нашудаанд ё ҷамъоварии онҳо хароҷоти иловагиро талаб мекунад ё умуман ба баҳси ҳуқуқӣ дахле надорад. Ба андешаи мо, ҷамъи ин гуна амалҳо, ки ҳуқуқи шахсро ба ҳимояи судӣ маҳдуд мекунанд, бештар омили коррупсионӣ дорад [33, м.11-12].

Муаллифон, аз ҷумла Ш.М. Исоев қайд мекунад, ки ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ва ҳуқуқ ба ҳимоя (ҳимоятгар) бо ҳам алоқаманд бошанд ҳам онҳо аз якдигар фарқияти ҷиддӣ доранд [12,9]. Чунки ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ аз ҳуқуқ ба ҳимоя васеътар буда, ягон шахс аз ин имконият маҳрум намешавад, амали ҳуқуқ ба ҳимоя бошад танҳо ба доираи муайяни иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ (гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда), ки онҳо таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор гирифтаанд, паҳн мешавад. Лебедев В.М. ҳуқуқи шахс ба иҷрои саривақтӣ ва пурраи санади судиро, ки эътибори қонунӣ дорад, ҷузъи ҷудонашавандаи ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ номидааст [17,2-4]. Ин гуна ақидаҳо ҷоизи дастгирӣ мебошанд, зеро танҳо иҷроиши санади судӣ пурра барқарор шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои вайроншуда, воқеан таҷассуми таъмини адолат мегардад. То иҷроиши санади судӣ дар бораи самаранокии адолати судӣ хулоса баровардан бармаҳал аст. Дар айни замон, дар амалия саривақт ва пурра иҷро нашудани санадҳои судӣ бештар ҷой доранд, ки оқибат ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон воқеан барқарор нашуда мемонад. Чунин ҳолатҳо аз воқеан амалӣ нашудани ҳуқуқи конститутсионии шахс ба ҳимояи судӣ дарак медиҳанд, таъмин шудани адолати судиро коҳиш медиҳанд ва зарурияти танзими қатъии иҷроиши санади судиро ба миён меоранд. Идомаи тадқиқотҳои илмӣ дар ин самт, ки сабабу шароитҳои саривақт ва пурра иҷро нашудани санадҳои судиро муайян мекунанд ва баҳри бартараф карда шудани онҳо хулосаҳои нав асоснок карда мешаванд, мувофиқи мақсад аст.

Ҳамин тариқ, агар ба мазмун ва моҳияти ҳуқуқи конститутсионии ҳар шахс ба ҳимояи судиро аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор диҳем, аз натиҷаҳои он аён аст, ки дар амалия ва назарияи ҳуқуқ бояд ду паҳлуи ин масъала (ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ) – паҳлуҳои моддӣ ва мурофиавӣ ба эътибор гирифта шаванд. Ҳуқуқи муроҷиат ба мақомоти судӣ барои барқарор кардани ҳуқуқи вайроншуда (ҳуқуқ ба даъво, ба шикоят) паҳлуи мурофиавиро ташкил дода, боиси ба вуҷуд омадани ӯҳдадории таҳти ҳимояи судӣ қарор додани ҳуқуқу озодии шахс мегардад, кафолати ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муроҷиаткунанда таъмин (риоя, иҷро) карда мешавад. Яъне, бо ташаббуси шахс муносибати ҷамъиятие ба миён меояд, ки барои суд зарурияти анҷом додани маҷмӯи амалҳои мурофиавиро бо риояи меъёрҳои муқарраркардаи қонун ба миён меорад. Ҳуқуқи шахс ба барқарор карда шудани оқибати ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷуброни зарар паҳлуи моддӣ дониста мешавад, ки натиҷаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва

амалӣ ( иҷрои санади судӣ) гаштани адолати судӣ аст.

Бинобар андешаҳои баёншуда, ҳуқуқи конститутсионии ҳар шахс ба ҳимояи судиро дар шакли васеъ ва маҳдуд ифода кардан мункин аст. Дар шакли маҳдуд ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ имконияти кафолатноки муроҷиат кардан ба мақомоти судӣ ва барқарор гаштани ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳоро ифода менамояд, дар шакли васеъ маҷмӯъи имкониятҳои ҳуқуқии мурофиавӣ ва моддиро дарбар мегирад, ки бе ягон монеа муроҷиат кардан барои ҳимояи судӣ, самаранокии адолати судӣ, сариваќт ва пурра барқарор шудани ҳуқуқҳои вайрошударо таъмин менамоянд.

Аз ин лиҳоз, ҳуқуқи шахс ба ҳимояи судӣ зуҳуроти мураккаб, гуногунҷабҳаи ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки амалӣ гаштани он на танҳо бо ёрии меъёрҳои конститутсионӣ, балки бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ ва байналмилалӣ таъмин мешавад. Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ дар низоми шаклҳои ҳуқуқии ҳимоя на танҳо воситаи самараноки ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, балки кафолати таъмини риоя ва иҷрои ҳуқуқҳои конститутсионӣ, амалӣ шудани принсипҳои адолати судӣ ва воситаи муҳими танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аст.

Ҳамин тариқ, тадқиқотҳои минбаъда дар ин соҳа, ба асоснок кардани масъалаҳои татбиқи дурусти меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки аҳамияти назариявию амалӣ доранд, инчунин ба такмил дода шудани меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ дар соҳаи таъмини амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд такони ҷиддӣ хоҳанд бахшид.

**Адабиёт:**


1. Алиев З. Высшие органы государственной власти в Республике Таджикистан: понятие и их особенности //Гос. и право. Душанбе.1998. №1. С.50-51;

2. Алиев З. Разделения властей: история, теория и практика //Гос. и право. Душанбе. №3.2000. С.6;

3. Алексеева Л.Б. Применение судами международных норм в области прав человека //Комментарий российского законодательства. М.: Приор, 1997. С.31-35;

4. Болтуев С., Абдуллоев А. К вопросу о реализации принципа доступности судебной защиты //В сбор. науч. трудов ТГУ ПБиП. Худжанд. 1998. С.42;

5. Грось Л. Акты Конституционного суда РФ и право на судебную защиту //Российская юстиция. 1998. № 11. С. 4;

6. Жуйков В.М. Теоретические и практические проблемы конституционного права на судебную защиту : Автореф. дисс. … д-ра юрид. наук. М., 1997. С. 9;

7. Жуйков В.М. Судебная защита прав человека. М.: Норма, 1993;

8. Жуйков В.М. Права человека и власть закона (вопросы судебной защиты). М.: Юристъ, 1995. С.97;

9. Ильясов Р.Х. Право личности на судебную защиту и его обеспечение Верховным судом РФ в уголовном процессе //Юрист. 1997. № 11. С.35-46;

10. Институт прав человека в России //Под ред. Г.Н. Комковой. Саратов.1998. С. 160-180;

11. Исмаилов Ш.М. Правовое государство и основные тенденции его развития в Таджикистане //Гос. и право. Душанбе. №3. 2000. С.8-10;

12. Исоев М.Ш. Теоретические и правовые основы уважения прав личности. Душанбе: Ирфон, 2005. С.9;

13. Искандаров З.Х. Национальный механизм защиты прав человека. Душанбе: Ирфон. 2007. С.58-61;

14. Колосова Н.М. Конституционное право граждан на судебную защиту их прав и свобод в СНГ //Государство и право. 1996. № 12. С.33, 37-38;

15. Лазарева В.А. Теория и практика судебной защиты в уголовном процессе. Самара. 2000;

16. Лившиц Р.З. Теория права. М.: Норма, 1994. С. 164-169;

17. Лебедев В.М. Расширение доступа к правосудию - одна из целей судебной реформы //Российская юстиция. 1999. № 9. С. 2-4;

18. Машутина Ж.Н. Судебная защита и проблема соотношения материального и процессуального : Автореф. дисс. …канд. юрид. наук. Томск. 1972;

19. Морозова Л.А. Основы государства и права: Учебное издание. М.: Норма, 1999. С.198-109;

20. Международные акты о правах человека: Сборник документов. М.: Лань, 2000. С.40, 541;
21. Основы государства и права: Учебное пособие //Под ред. О.Е. Кутафина. М.: Экзамен, 1994. С. 82-84;
22. Охунов Б. и др. Предмет гражданского процессуального права //В сбор. науч. трудов ТГУ ПБиП. Худжанд. 2001. С.33;
23. Осокина Г.Л. Право на защиту в исковом производстве. Томск. 1990;
24. Радченко В.И. Судебная реформа в Российской Федерации (некоторые теоретические и практические проблемы). М.: Спарк, 1999. С. 10-17;
25. Риздаль Р. Выступление на IV внеочередном всероссийском съезде судей председателя Европейского суда по правам человека //Энтин М.Л. Международные гарантии прав человека. М: Право, 1997. С.5;
26. Савицкий В.М. Право на судебную защиту //Права человека: Учебник для вузов. М.: Экзамен, 1999. С. 316-318;
27. Санадҳои Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати ҷиноятӣ (1996-2016). Душанбе: Эр-граф, 2016. 152 с.;
28. Судебная защита прав и свобод граждан: Научно-практическое пособие //Под ред. В.П. Кашепова. М.: Юристъ, 1999. С. 2;
29. Франсуа Люшер. Конституционная защита прав и свобод личности. М.: Спарк, 1993. С. 15, 288;
30. Филиппов П.М. Судебная защита и правосудие в СССР. Саратов. 1987;
31. Шакарян М.С. Право гражданина на обращение в суд за судебной защитой //Общая теория прав человека. М.: Эксмо, 1996. С. 256-264;
32. Щеглов В.Н. Иск о судебной защите гражданского права. Томск. 1987;
33. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005, №100 "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" //АМО ҶТ. 2005. №7. М. 402; 2007. №7. М. 660; 2008. №10. М.800; 2011. №12. М.837; 2014. №3. М.148.

**М. Обидова**

**К вопросу о реализации прав граждан на судебную защиту**

Статья посвящена анализу системы путей и официальных средств обеспечения реализации конституционных прав и свобод личности на судебную защиту. Автор, рассматривая и анализируя содержание действующих процессуальных норм, мнения и размышления национальных и зарубежных исследователей в контексте судебной практики, обосновывает свои предложения и рекомендации относительно совершенствования действующего законодательства.

**Ключевые слова**: правосудие, гражданин, теория права, судебная практика, гарантия, права и свободы, соблюдение и исполнение закона, принсип, защита, норма права, судебный процесс.

**M. Obidova**

**About Question of Realization of the Citizens for Protection Court**

The article is sanctified to the analysis of the system of ways and official backer-ups of realization of constitutional rights and individual freedoms on judicial defence. An author, examining and analysing maintenance of operating judicial norms, opinions and reflections of national and foreign researchers in the context of judicial practice, grounds the suggestions and to recommendation in relation to perfection of current legislation.

**Key words:** justice, citizen, theory of right, judicial practice, guarantee, rights and freedoms, observance and execution of law, принсип, defence, norm of right, trial.

**Шоев С.З.** – аспиранти ИФСҲ

# ТАЪРИХИ КООПЕРАТИВҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА ТАҲАВВУЛИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ОНҲО ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Мақолаи мазкур ба таҳқиқи таърихи пайдоиши кооперативҳои истеҳсолӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудааст. Муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ кооперативи истеҳсолиро ҳамчун як ниҳоди пешқадами иқтисоди бозорӣ шарҳу тавзеҳ дода, ба чунин хулоса омадааст, ки такмили қонунгузории миллӣ ба мақсади таъмини ҳуқуқии рушди ин ниҳоди иқтисоди бозорӣ, дар навбати худ барои сафарбар намудани мардум ба фаъолияти пурмаҳсули иқтисодӣ мусоидат менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *кооператсия, артел, колхоз, ассотсиатсияи худмухтор, кооперативи истеҳсолӣ, кооперативи тиҷоратӣ, кооперативи истеъмолӣ, шахси ҷисмонӣ, шахси ҳуқуқӣ, узвият, узвияти инфиродӣ, узвияти гурӯҳӣ, вазъи ҳуқуқӣ.*

Марҳилаи муосири таҳаввули муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогири чунин самтҳои рушд аст, ки онҳо метавонанд ба ҳалли мушкилиҳои иҷтимоӣ, пешравии воқеӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум оварда расонанд. Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва бекор гардидани иқтисоди нақшавӣ, яке аз масъалаҳои мубрами ҷамъиятӣ, ки пешорӯи тамоми ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ қарор гирифт - ташаккули иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад. Бо тақозои ин талаботи замони муосир, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол марҳилаи эҳё ва рушди баъзе ниҳодҳо ва таҷрибаҳои муфиду сермаҳсули иқтисодӣ оғоз ёфт, ки то имрӯз идома дорад.

Яке аз ин гуна ниҳодҳои муфиди иқтисодӣ, ки дар аксарияти кишварҳои мутараққии ҷаҳон густариш ёфтааст, кооперативҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ мебошанд. Чуноне ки аз таҷрибаи иқтисодии кишварҳои мутараққии ҷаҳон натиҷа гирифтан мумкин аст, дар шароити густариши муносибатҳои бозорӣ кооперативҳо ҳамчун шакли ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти муштараки истеҳсоливу хоҷагидорӣ дар ҳалли масъалаҳо ва мушкилиҳои зиёди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа таъсири назарраси мусбӣ мерасонанд. Бинобар ҳамин, таҳқиқи мафҳуми кооператив, омӯзиши таърихи пайдоиш ва густариши фаъолияти кооперативӣ, шиносоӣ бо вазъи ҳуқуқӣ ва нақши иҷтимоиву иқтисодии кооперативҳо аз мубрамияти илмиву амалӣ холӣ нест.

Таҳлили адабиёти илмӣ оид ба таърих ва назарияи ҳуқуқи коперативӣ имкони хулоса кардан медиҳад, ки ин мавзӯъ дар кишварҳои хориҷӣ хеле хуб таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. Қисми бештари адабиёти илмии марбут ба ин мавзӯро асарҳое ташкил медиҳанд, ки онҳо шарҳи умумиҳуқуқии кооперативҳоро ба ҳайси ашхоси ҳуқуқӣ ё тавсифи мухтасари вазъи ҳуқуқии ин ё он намуди кооперативҳоро дар ин ё он кишвари мушаххас фарогир мебошанд.

Масалан, аз байни корҳои муаллифони рус, ки фарогири таҳқиқи масъалаҳои умумиҳуқуқии марбут ба кооперативҳо мебошанд, монографияи В.А. Захаров "Таъсиси ашхоси ҳуқуқӣ: масъалаҳои ҳуқуқии он"-ро метавон таъкид намуд [15]. Дар кори муаллифи номбурда, тартиби таъсис додани кооперативҳо, пешниҳодҳо доир ба такмили омӯзиш ва густариши чунин намуди ашхоси ҳуқуқӣ дарҷ гардидааст. Вале ин кор ба таҳқиқи умумии ашхоси ҳуқуқӣ бахшида шуда, шаклҳои махсуси ташкилӣ-ҳуқуқӣ, инчунин, хусусиятҳои хоси ин ё он шахси муайяни ҳуқуқӣ аз мадди назари муаллифи мазкур берун мондааст.

Дар монографияи муаллифи рус В.П.Ситко "Институти шакли ташкили ҳуқуқӣ: махсусиятҳои идоракунӣ дар кооперативҳои истеҳсолӣ" ҷанбаҳои гуногуни масъалаи идоракунӣ дар кооперативҳои истеҳсолӣ хеле муфассал

таҳлил ва баррасӣ шудаанд[23].

Дар байни адабиёти таълимии мансуб ба кооперативи истеҳсолӣ воситаи таълимии муаллифи рус А.П.Макаренко "Назария ва таърихи фаъолияти кооперативӣ" - ро зикр кардан мумкин аст [20]. Дар маъхази мазкур масоили пайдоиш ва инкишофи намудҳои гуногуни кооператив, нишонаҳои умумии тамоми намудҳои кооператив, принсипҳо ва арзишҳои муосири фаъолияти кооперативӣ, моликияти кооперативӣ ва дигар масъалаҳо ба таври муфассал таҳлил ва баррасӣ карда шудаанд.

Ба масоили марбут ба табиат ва мақоми ҳуқуқии кооперативҳо дар асарҳои Т.Е. Абова[7], А.А. Глушетский [14], А.В. Чаянов [26], Л.В. Никифоров [24], А.Г. Певзнер [17], В.Ф. Яковлев [18], Т.В. Кашанина [16], О.Н. Макаренко [20], Э. Беднова [9], К. Михел[21], А.М. Вартанян[11], Х.Ю. Бейлкин[10], И.С. Котов [19], М.А. Абрахамсен [8], Д.Б. Сахарова [22] ва дигар олимон таваҷҷӯҳи амиқ ва ҳаматарафа зоҳир карда шудааст.

Муаллифони зикршуда дар асарҳои худ ба таърихи ҳаракати кооперативӣ, вазъи ҳуқуқии кооперативҳо дар даврони капитализм, вазъи муосири намудҳои асосии коопоратсия, предмети таърих ва назарияи ҳаракати кооперативӣ ҳамчун илми мустақил ва фанни таълимӣ, таҳлили қонунгузорӣ, танзими фаъолияти ташкилотҳои кооперативӣ дар кишварҳои алоҳида ва як зумра масоили дигари марбут ба таърих ва назарияи кооперативҳои истеҳсолӣ таваҷҷӯҳи амиқ зоҳир намуда, онҳоро ба тафсил шарҳу тавзеҳ додаанд.

Аммо роҷеъ ба таърихи кооператсия ва вазъи ҳуқуқии кооперативҳо дар Тоҷикистон бояд тазаккур дод, ки масъалаи мазкур барои илми ҳуқуқшиносии тоҷик як мавзӯи нисбатан нав мебошад ва анъанаи пажӯҳиши илмии он дар кишвари мо чандон тӯлонӣ набуда, асосан, пас аз касби истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон оғоз ёфтааст.

Аз ҷумлаи олимоне, ки ба масъалаи таърихи кооператсия дар Тоҷикистон дар замони шӯравӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд, А.Ғозибеков ва В.Н.Лебедевро зикр кардан мумкин аст, ки дар асари шарикдастонаи худ дар бораи пайдоиш ва рушди кооперативҳои истеъмолӣ дар кишвари мо таҳқиқоти ҷолиберо ба сомон расонидаанд [12]. Заминаҳои ташкиливу иқтисодии таҳаввул ва рушди минбаъдаи кооперативҳои истеъмолӣ дар замони истиқлолият дар Тоҷикистонро бошад олими дигари тоҷик А. Ғозибеков дар як силсила асарҳо ва мақолаҳои худ ба таври муфассал мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст[13].

Аммо, дар асарҳои зикршуда бештар дар бораи таърихи кооперативҳои истеъмолӣ дар Тоҷикистон ва масоили ташкиливу иқтисодии рушди онҳо дар даврони истиқлолият сухан рафта, роҷеъ ба кооперативҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо чандон ҳам таваҷҷӯх зоҳир нашудааст. Бинобар ҳамин, дар қисмати минбаъдаи ин мақола, дар заминаи таҳлили маводи адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ба масъалаи таърихи кооперативҳои истеҳсолӣ ва таҳаввули вазъи ҳуқуқии онҳо дар Тоҷикистони соҳибистиқлол рӯшанӣ андохта мешавад.

Вожаи "кооператсия" дар тарҷума аз забони лотинӣ (cooperation) "бурдани амалиёти якчоя, ҳамкорӣ"- ро ифода менамояд. Дар Эъломияи оиди "ягонагии кооперативӣ", ки он дар Конгресси ҲҲҲI Иттиҳоди Байналхалкии Кооперативҳо (соли 1995, шаҳри Манчестери Англия) кабул шуда буд, ин мафҳум чунин ифода ёфтааст: кооператив - ассотсиатсияи худмухтори одамон мебошад, ки тибқи хоҳиши онхо бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи иктисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании худи онҳо ба воситаи таъсис додани корхонаҳои дорои тарзи демократии идоракунӣ ташкил шудааст. Дар таърифи мазкур мафҳуми *ассосиатсияи худмухтор* истифода шудааст ва он чунин маъноро ифода мекунад, ки кооператив ҳамчун як ниҳоди фаъолияти муштараки иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ба таври ихтиёрӣ, яъне бо хоҳиши худи шаҳрвандон таъсис дода мешавад ва дар анҷоми фаъолияти худ тобеи ягон ниҳоди дигар нест. Ҳамин тариқ, мутобиқи мазмуни санади мазкур, ҳар як шаҳрванд ҳамчун шахси физикӣ ихтиёри комил дорад, ки узви танҳо як шахси ҳуқуқӣ, яъне узви танҳо як

кооператив бошад (узвияти инфиродӣ), ё якбора ба узвияти якчанд ашхоси ҳуқуқи, ки онҳо бо ҳам муттаҳид шуда ва иттиҳодияи кооперативҳоро таъсис додаанд, шомил шавад (узвияти гурӯҳӣ) . Дар санади мазкур аниқ муқаррар шудааст, ки кооператив ҳамчун корхонаи (шахси ҳуқуқӣ)-и ба таври демократӣ идорашаванда ба мақсади конеъ гардонидани талаботи иктисодӣ ва дигар талаботи аъзои худ таъсис дода мешавад.

Фаъолияти кооперативӣ таърихи беш аз 150 сола дошта, дар давлатҳои дорандаи низоми гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, этникод ва идеологияи динӣ васеъ инкишоф ёфтааст. Ҳамчун қоида, асоси муносибатҳои истеҳсолии байни аъзои кооперативҳоро принсипҳои баробарӣ ва арзишҳои кооперативӣ: кумаки мутақобила, демократия, баробарӣ (дар асоси принсипи бо қарори маҷлиси умумӣ ба як шахс тааллуқ доштани як овоз), ҷавобгарии умумӣ ва дигар принсипҳо ташкил медиҳанд [11,7].

Аввалин кооперативҳо ҳамчун алтернативаҳои корхонаҳои хусусии капиталистӣ дар қарни XVIII дар Аврупо ба вуҷуд омадаанд, вале давраи афзоиши онҳо дар кишварҳои Аврупо ва Амрико аз нимаҳои қарни XIX оғоз меёбад. Дар соли 1895 созмонҳои миллии кооперативҳо аз давлатҳои гуногун дар Созмони байналхалқии кооперативҳо муттаҳид шуданд. Дар айни ҳол ба СБК 200 ташкилотҳои байналхалқӣ ва миллӣ, зиёда аз 750 млн. кооператор дар зиёда аз 210 кишварҳои ҷаҳон аъзо мебошанд [7,71].

Бояд тазаккур дод, ки дар Россия марҳилаи рушди васеи фаъолияти кооперативӣ (дар бахшҳои хоҷагидорӣ, савдо ва фаъолияти касбӣ) дар соли 1861, яъне ҳамзамон бо манъ шудани ҳуқуқи крепостноӣ оғоз мегардад, вале таҷрибаи мазкур ба қаламрави Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ баъдтар, пас аз таъсис ёфтнаи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ роҳ ёфтааст.

Дар Россия то замони Инқилоби Октябрии соли 1917 ва таъсис ёфтани ИҶШС кооперативҳои истеҳсолӣ бештар бо номи артелҳои меҳнатӣ машҳур буданд ва дар қатори дигар сохторҳои иқтисодӣ, дар ҳаёти иқтисодии Россияи подшоҳӣ нақши назаррасеро иҷро мекарданд. Пас аз Инқилоби Октябрии соли 1917 то оғози солҳои 60-ум фаъолияти кооперативӣ ба монеаҳо ва маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дучор гардида, танҳо дар баъзе соҳаҳо (аграрӣ, савдоӣ, косибӣ, манзилӣ, қарзӣ ва ғайра) ва он ҳам бошад ба андозаи хеле маҳдуд боқӣ монда буд. Вазъи ҳуқуқии кооперативҳо дар ИҶШС танҳо баъди қабул карда шудани Асосҳои ҳуқуқи граждании Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1961 [4] беҳтар гардид. Дар моддаи 11-и санади мазкур вазъи ҳуқуқии кооперативҳо, ташкилотҳои байни кооперативӣ ва иттиҳодияи корхонаҳо ва кооперативҳои давлатӣ шарҳ дода шудааст. Мутобиқи моддаи 25-и Асосҳои ҳуқуқи граждании Иттиҳоди Шуравӣ колхозҳо, муассисаҳои байниколхозӣ ва дигар ташкилотҳои кооперативӣ ҳамчун ашхоси юридикӣ дорои балонси мустақим ва молу мулки алоҳида мебошанд.

Дар байни намудҳои ташкилотҳои кооперативӣ, ки дар Асосҳои ҳуқуқи граждании Иттиҳоди Шуравӣ номбар шудаанд, ба ҳайси кооперативи истеҳсолӣ танҳо колхозҳоро метавон зикр намуд. Дар санадҳои дахлдори меъёриву ҳуқуқии собиқ давлати шӯравӣ колҳоз ҳамчун ташкилоти кооперативии хумухтор тафсир шудааст, ки он аз ҷониби деҳқонон барои пешбурди якҷояи истеҳсолоти васеи сотсиалистӣ, дар асоси ҷалби воситаҳои истеҳсолот ва меҳнати коллективӣ созмон дода мешавад. Ҳамин тариқ, дар қонунгузории граждании давлати шӯравӣ колхозҳо ҳамчун шахси ҳуқуқӣ эътироф шудаанд. Ҳуқуқи субективии колхозҳоро Қоидаҳои намунавии колхоз, ки соли 1969 дар Анҷумани сеюми умумииттифоқии колхозчиён қабул шуда, бо Қарори Кумитаи марказии ХКИШ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС "Дар бораи оинномаи намунавии Колхоз" (аз 28 ноября 1969 сол таҳти № 910) тасдиқ шуда буд [5], инчунин, оинномаи ҳар як колхоз, ки он дар маҷлиси умумии колхозчиён қабул шуда ва дар ҳокимияти иҷроияи ноҳияҳо ва Шӯрои вакилон ба қайд гирифта мешуд, муайян мекарданд.

Дар қонунгузории шӯравӣ тартиб ва шартҳои фаъолияти колхозҳо, фаолияти

истеҳсолӣ-молиявӣ ва хоҷагидории онҳо танҳо дар асоси муносибатҳои дохилии колхозӣ ба танзим дароварда мешуданд. Марҳилаи нави рушди кооперативҳои истеҳсолӣ дар ИҶШС пас аз солҳои 1985 дар давраи бозсозӣ оғоз ёфтааст. Дар давраи мазкур Шӯрои Вазирони ИҶШС доир ба бунёди кооперативҳо дар намудҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидории маҳаллӣ як зумра қарорҳоро қабул кард, чунончи: Қарорҳои Шӯрои Вазирони ИҶШС: аз 14-уми августи 1986 таҳти № 988 "Оиди ташкил, ҷамъоварӣ ва коркарди ашёи хом (дуюмдараҷа) дар асоси кооператив", аз 5 феврали соли 1987 таҳти № 160 "Дар бораи бунёди кооперативҳои озуқавории умумӣ", аз 5 феврали соли 1987 таҳти № 161 "Оиди ташкили кооперативи хизматрасонии маишии аҳолӣ", аз 5 феврали соли 1987 таҳти рақами № 162 "Оиди ташкили кооперативҳои истеҳсолии маҳсулоти ватанӣ", аз 3 апрели соли 1987 таҳти № 401 "Масоили кооперативӣ дар хусуси коркарди ашёи хом", аз 10 сентябри соли 1987 таҳти № 1042 "Оиди ташкили кооперативҳои коркарди маҳсулоти қаннодӣ ва ордӣ" ва ғ. Ниҳоят, Шӯрои олии ИҶШС 26 майи соли 1988 Қонуни ИҶШС "Дар бораи кооператсия дар ИҶШС"-ро қабул намуд [6], ки дар он фаъолияти кооперативҳо дар ҷумҳуриҳои шӯравӣ қариб ба пуррагӣ танзими худро ёфтанд. Қонуни мазкур тамоми фаъолияти кооперативҳоро аз лаҳзаи ташкил то барҳамхӯрии онҳо фаро мегирифт. Аз ҷумла, дар он меъёрҳои тақсимоти дурусти маҳсулоти ниҳоии кооперативҳо ва тартиби ба истеъмолкунанда расонидани он маҳсулот, зимнан, принсипҳои асосии фаъолияти кооперативӣ ба таври мушаххас баён шуда буданд. Қонуни мазкур инчунин фарогири меъёрҳое буд, ки мутобиқи онҳо тамоми намуди кооперативҳо бояд бо иродаи шаҳрвандон, ба таври ихтиёрӣ таъсис дода мешуднд.

Дар давраи бозсозӣ инчунин кӯшишҳое барои дар низоми истеҳсолот ва хизматрасонӣ ҳамчун шакли нави кооператив эҳё намудани кооператсияи саноатӣ карда шуданд. Азҷумла, дар асоси Қонуни Иттиҳоди Шӯравӣ "Дар бораи кооператсия дар ИҶШС" кооперативҳо аввалин бор дар мамлакат ба самти фаъолияти истеҳсолӣ равона карда шуданд ва онҳо сектори ғайридавлатии иқтисодиётро дар истеҳсолот, сохтмон, тиҷорат, озуқаи умумӣ ва хизматрасонии дохилӣ ва комуналӣ ба вуҷуд оварданд.

Ҳамин тариқ, аз мазмуни Конуни ИҶШС "Дар бораи кооператсия дар ИҶШС" хусусияти соҳибкории хусусиро доро будани фаъолияти коопертивӣ бараъло ифода мегардид. Ҳамзамон бо қабул шудани ин қонун, соҳибкории кооперативӣ хамчун элементи системаи иқтисодӣ ташаккул ёфт ва аз назорати сахти давлатӣ озод гашт. Бо ин васила он ба як навъ ниҳоди озмоишие табдил ёфт, ки дар он на танҳо принсипҳои махсуси фаъолияти хоҷагидории кооперативӣ, инчунин присипҳои умумии хоси иқтисодиёти бозорӣ санҷида шуданд[14,3].

Пас аз барҳамхӯрии ИҶШС амали санадҳои меъёрии қонунгузории шӯравӣ оид ба кооперативҳои истеҳсолӣ то чанд муддате дар марзи ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ давом меёфт. Дар солҳои нахустини баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва таъсис ёфтани давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, дар кишвари мо мақом ва нақши кооперативҳои истеҳсолӣ дар натиҷаи камбудиҳои танзими ҳуқуқӣ, ихтилофҳо дар дарки моҳият ва ҳадафи онҳо, то як андоза таназзул ёфт.

Аммо, пас аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[1], Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [2] ва як силсила санадҳои дигари муҳим, кооперативи истеҳсолӣ дар қонунгузории тоҷик ҳамчун шакли ташкилӣ-ҳуқуқии шахси юридикӣ шинохта шуд ва имконияти нави тавлиди кооперативҳои истеҳсолӣ дар Тоҷикистон пайдо гашт. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогири меъёрҳое мебошад, ки тибқи онҳо давлат метавонад ба кооператсия ва ҳамагуна намудҳои он тақвият бахшад.

Яке аз ин санадҳои навине, ки ба мақсади тақвият бахшидан ба фаъолияти кооперативӣ дар Тоҷикистон қабул гардид – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кооперативҳо" мебошад, ки он соли 2013 қабул гардидааст [3].

Дар моддаи якуми Қонуни мазкур

мафҳуми кооператив – чунин шарҳ дода шудааст: "кооператив – иттиҳодияи мустақил ва ихтиёрии ботартиби муқаррар гардида бақайдгирифташуда мебошад, ки дар асоси узвияти шахсон бо мақсади қонеъгардонии талаботи муштараки иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар талаботи онҳо, инчунин саъю кӯшиши шахсони мазкур тавассути муттаҳидкунии молумулк (аъзоҳаққии саҳмӣ) ва таъсиси ташкилоти ба таври демократӣ идорашавандаи молу мулки якҷоя таъсис дода мешавад".

Мутобиқи моддаи 3 Қонуни Чумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кооперативҳо" ниҳоди мазкур метавонад дар ду шакли зерин таъсис дода шавад: кооперативи ғайритиҷоратӣ; кооперативи тиҷоратӣ.

Кооперативи ғайритиҷоратӣ ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда, мутобиқи оинномаи кооператив асосан ба аъзои худ хизмат мерасонад. Даромади софи кооперативи ғайритиҷоратӣ, ки дар натиҷаи хизматрасониҳо ба шахсони сеюм ба даст оварда шудааст, дар байни аъзои он тақсим карда намешавад ва ин даромад ҷиҳати рушди минбаъдаи он сарф карда мешавад. Дар сурати асосан ба шахсони сеюм хизмат расондани кооперативи ғайритиҷоратӣ, он бояд ба кооперативи тиҷоратӣ табдил дода шавад.

Чи тавре, ки дар банди 3 моддаи 3 ин қонун шарҳ дода шудааст, кооперативи тиҷоратӣ ташкилоти тиҷоратӣ буда, мутобиқи оинннома асосан ба шахсони сеюм хизмат мерасонад. Даромади софи кооперативи тиҷоратӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва оинномаи кооператив дар байни аъзои он тақсим карда мешавад.

Дар моддаи 4 Қонуни ҶТ "Дар бораи кооперативҳо" доираи фаъолияти кооперативҳо муайян карда шудаанд. Тибқи он, кооперативҳо метавонанд фаъолияти худро дар соҳаҳои матлубот, истеҳсолот, сохтмон, манзил, коммуналӣ, коркард ва фурӯши маҳсулот, таъминот, хизматрасонӣ, савдо, кишоварзӣ, суғурта, қарздиҳӣ ва дигар соҳаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, амалӣ намоянд. Кооперативҳое, ки дар соҳаи қарздиҳӣ фаъолият мекунанд, ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ мебошанд. Тартиби фаъолияти кооператив дар соҳаи қарздиҳӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти бонкӣ ба танзим дароварда мешавад. Тартиби фаъолияти кооперативҳо дар соҳаи суғурта мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи суғурта ба танзим дароварда мешавад.

Дар моддаи 5 Қонуни ҶТ "Дар бораи кооперативҳо" принсипҳои асосии таъсиси кооперативҳо ва тартиби фаъолияти онҳо дар марзи Тоҷикистон муайян карда шудаанд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

- узвияти ихтиёрӣ ва ошкоро дар кооператив;
- кӯмаки мутақобила ва ҳифзи бартариҳои иқтисодӣ барои аъзои кооператив;
- идоракунии демократӣ;
- расидан ба ҳадафҳо доир ба беҳтаркунии шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии аъзои кооператив;
- нигоҳдории мустақилияти иқтисодӣ ва соҳибкории аъзои кооператив;
- таъмини дастрасии аъзои кооператив ба таҳсилот ва омӯзиш;
- пешбурди фаъолияти шаффофи кооператив.

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни мазкур, давлат риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кооперативҳо ва аъзои онҳоро кафолат дода, ба рушди кооперативҳо мусоидат менамояд. Давлат ва мақомоти давлатӣ наметавонанд ба фаъолияти кооперативҳо, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, дахолат намоянд.

Хамин тариқ, дар робита ба вазъи ҳуқуқии кооперативҳои истеҳсолӣ дар Тоҷикистон бояд гуфт, ки дар кишвари мо шароит ва фазои мусоиди ҳуқуқӣ барои ташаккул ва густариши кооперативҳои истеҳсолӣ баъд аз хотимаи ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ фароҳам омад. Яке аз санадҳои муҳими меъёриву ҳуқуқи, ки дар он меъёрҳои умумӣ доир ба кооперативи истеҳсолӣ муайян карда шудаанд, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Илова бар ин дар айни замон дар

Тоҷикистон қонунгузории махсус оид ба кооперативҳои истеҳсолӣ низ амал мекунад, ки он барои рушди оммавии ин институти муфиди иқтисодӣ дар ҷомеа мусоидат менамояд. Мутобиқи санадҳои навини меъёриву ҳуқуқии Тоҷикистон дар бораи кооперативҳо, азҷумла, Қонуни ҶТ "Дар бораи кооперативҳо" - кооперативи истеҳсолӣ ташкилоти тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад. Бо гирифтани ин статуси юридикӣ, кооператив ба элементи ҷудонашаванда ва муҳими беҳтаркунандаи бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфта истодааст.

Рушди қонунгузории миллӣ дар бахши кооперативҳои истеҳсолӣ, дар навбати худ, талаботро оид ба таҳқиқи масоили ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти кооперативҳои истеҳсолӣ ба миён овардааст.

Дар робита ба ин талабот метавон гуфт, ки ҷӣ дар низоми қонунгузории собиқ ИҶШС, ки низоми қонунгузории муосири Тоҷикистон ва аксарияти кишварҳои собиқ шӯравӣ аз он баҳраи фаровон гирифтаанд, инчунин, дар қонунгузории граждании баъзе давлатҳои узви ИДМ масоили ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти кооперативи истеҳсолӣ бо тарзҳои гуногун матраҳ ёфтаанд, ки онҳоро ҳамчун таҷрибаи муайяни ҳуқуқӣ ба мақсади такмили заминаҳои ҳуқуқии рушди кооперативҳо ва фаъолияти кооперативӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Нашриёти "Ганҷ", 2016.

2.Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, № 6.

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кооперативҳо" // Ахбори МаҷлисиОлииҶумҳурииТоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 519.

4.Основы гражданского законодательства Союза ССР и союзных республик: Закон СССР, 8 дек. 1961 г. // Ведомости Верховного Совета СССР. - 1961. - № 50. - Ст.525.

5.О Примерном Уставе колхоза: постановление ЦК КПСС и Совета Министров СССР, 28 нояб. 1969 г., № 910 // Собрание постановлений Правительства СССР. - 1969. - № 26. - Ст. 2674.

6. О кооперации в СССР: Закон СССР, 26 мая 1988 г., № 8998-ҶI // Ведомости Верховного Совета СССР. - 1988. - № 22. - Ст. 355.

7. Абова Т.Е. Производственные кооперативы в России. Правовые проблемы теории и практики // Государство и право. - 1998. - № 8. -С. 71-81.

8. АӣқahamsӯnM.A. Coopӯқativӯ Ӣusinӯss Ӯntӯкрқisӯ. N.Y.: Mc Gқaw-Hill Ӣook Company, 1976. - 400 p.

9. Беднова Э. Международные кооперативные принципы и российский Закон о производственных кооперативах // Российская юстиция. - 2000. - № 1. - С. 28-29.

10. Бейлькин Х.Ю. Кооперативное движение в Беларуси (эпоха капитализма): Пособие для студентов всех специальностей. Гомель: ГКИ, 1998. - 80 с.

11. Вартанян А.М. Правовое положение производственных кооперативов в республике Беларусь. Гродно: ГГАУ, 2011. -224 с.

12. Газибеков А.Г., Лебедев В.Н. Потребительская кооперация Таджикистана. Душанбе: Дониш, 1974. – 143 с.

13. Газибеков С.А. Организационно-экономические основы развития потребительской кооперации Республики Таджикистан. Новосибирск, 2009. -316 с.

14. Глушецкий, А.А. Кооперация: роль в современной экономике. М.: Профиздат, 1991. -160 с.

15. Захаров, В.А. Создание юридических лиц: правовые вопросы. М.: НОРМА, 2002. - 208 с.

16. Кашанина, Т.В. Корпоративное право (право хозяйственных товариществ и обществ): Учебник для вузов. М.: ИНФРА, 1999. – 802 с.

17. Кооперативы нового типа: опыт, проблемы, перспективы / А.Г. Певзнер ҳи др.]; под общ. ред. А.Г. Певзнера. М.: Экономика, 1989. – 208 с.

18. Кооперативы сегодня и в будущем: сб. науч. ст. / отв. ред. В.Ф. Яковлев. М.: Юрид. лит., 1989. – 302 с.

19. Котов, И.С. Кооперативное движение США. Гомель, 2002. - 256 с.

20. Макаренко А.П. Теория и история кооперативного движения: Учебное пособие для студентов высших и средних кооперативных учебных заведений. М.: ИВЦ "Маркетинг", 2000. – 328 с.

21. Михель К. Производственные кооперативы в рыночной экономике // Хозяйство и право. - 1994. - № 12. - С. 97-110.

22. Сахарова Д.Б. История и теория кооперативного движения: учеб. пособие. Минск, 2005. - 248 с.

23. Ситько В.П. Институт организационно-правовых форм: особенности управления производственным кооперативом. Владимир: ООО "Посад", 2003. - 199 с.

24. Социалистическая кооперация: история и современность / Л.В. Никифоров ҳи др.]; Под общ. ред. Л.В. Никифорова. М.: Наука, 1989. - 224 с.

25. Суханов Е.А. Производственный кооператив как юридическое лицо // Хозяйство и право. - 1998. - № 4. - С. 3-15.

26. Чаянов А.В. Краткий курс кооперации. М.: Кн. палатка, 1989. – 77с.

27. Черноруцкая Н. Трудовые отношения в производственных кооперативах: некоторые практические вопросы // Юрист. - 2005. - № 7 (50). - С. 86-88.

**С. Шоев**

**История производственных кооперативов и эволюция их правового положения в современном законодательстве Республики Таджикистан**

Данная статья посвящена анализу истории возникновения производстенных кооперативов и их правового положения в независимом Таджикистане. Автор на основе анализа научной литературы и нормативно-правовых актов, характеризует производстенный кооператив как прогрессивный институт рыночной экономики и заключает, что совершенствование национального законодательства в целях правового обеспечения данного института рыночной экономики, в свою очередь, способствует массовому привлечению граждан к созидательной экономической деятельности.

**Ключевые слова:** кооперация, свободная ассоциация, артель, колхоз, производственный кооператив, коммерческий кооператив, потребительский кооператив, физическое лицо, юридическое лицо, членство, индивидуальное членство, групповое членство.

**S. Shoev**

**History of productive cooperatives and the evolution of their legal status in the modern legislation of the Republic of Tajikistan**

This article is devoted to the analysis of the history of the emergence of manufactured cooperatives and their legal status in independent Tajikistan. The author, on the basis of the analysis of scientific literature and normative legal acts, characterizes the production cooperative as a progressive institution of a market economy and concludes that the improvement of the national legislation in order to provide legal support for this market economy institution in turn promotes the mass attraction of citizens to creative economic activity.

**Key words:** cooperation, free association, artel, collective farm, production cooperative, commercial cooperative, consumer cooperative, individual, legal entity, membership, individual membership, group membership.

**Киёмиддинов С.А.** - соискатель ИФПП

# АНАЛИЗ РИСКОВ КОРРУПЦИИ: ОРГАНИЗАЦИОННО-ПРАВОВЫЕ МЕХАНИЗМЫ ПРОФИЛАКТИКИ КОРРУПЦИИ, АКТУАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ

*Данная статья рассматривает проблемы анализа рисков коррупции как постоянный процесс, также указывается на то, что этот процесс может послужить фактором разработки и принятия целенаправленных концепций предотвращения коррупции, превентивных мер, а также механизмов контроля.*

*В ней автором также отражены принятие Республикой Таджикистан конкретных мер в сфере противодействия коррупции посредством принятия законов и специальных антикоррупционных программ в сопоставлении с Российской Федерацией.*

***Ключевые слова:*** *анализ рисков коррупции, механизмы контроля, применение превентивных мер, профилактика, общественные комиссии, внутренний аудит.*

Коррупция, являясь негативным явлением, подрывающим доверие народа к государству, авторитет и имидж страны, создает условия для развития теневой экономики, нецелевого использования государственных и общественных средств, в целом, способствует попиранию прав человека, ослаблению нравственных устоев общества.

Это явление имеет древнейшие корни, к сожалению, оно сегодня, как и экстремизм и терроризм, превратилось в глобальную проблему.

Еще в древности слово "коррупция" обозначалось терминами испорченность, развращенность и вредность, оно понималось, как поступок использования должностных полномочий в личных интересах, и люди, совершившие подобные действия, во все эпохи и времена осуждались членами общества.

Ханс-Иоахим Ригер, руководитель департамента Академии при объединении немецких чиновников в городе Бонне, Германия, пишет, что:

“Анализ рисков – это не одноразовая процедура, а постоянный процесс. Порядок осуществления и эффективность мер, вытекающих из анализа рисков, должны отслеживаться на постоянной основе. Поэтому руководство учреждения или администрация должна быть заинтересована но и обязана в создании внутреннего механизма контроля, в форме службы внутреннего аудита.

Внутренний аудит – это инструмент управления. Он обеспечивает осуществление управленческого надзора и контроля над организационной структурой и осуществлением операций при помощи проведения аудиторских процедур. Еще одной важнейшей задачей внутреннего аудита является принятие мер по предотвращению коррупции изнутри. Служба внутреннего аудита проводит анализ рисков, инициирует меры по борьбе с коррупцией внутри органа власти и обеспечивает их осуществление.

Проведение анализа рисков. Постоянной задачей службы внутреннего аудита (или отдела уполномоченного по вопросам коррупции) является проверка организационной структуры и деятельности, осуществляемой органом власти, в зонах риска, а также в уязвимых и слабых местах, которые могут способствовать возникновению коррупции...

На основе анализа риска могут быть разработаны целенаправленные концепции предотвращения коррупции и, в случае необходимости предприняты соответствующие контрмеры или другие превентивные меры, а также введены механизмы контроля” [4].

Например, в соответствии с Законом Республики Таджикистан "О разрешительной системе", принцип "Единого окна" как упрощенная процедура рассмотрения заявления на выдачу разрешительного документа и проверки предоставленной информации и (или) ее передача уполномоченным органам на утверждение, если иным законом предусмотрено их утверждение, без вовлечения в этот процесс заявителя, - означает исключение и максимальное огра-

ничение личного контакта между гражданином и публичным должностным лицом, и после принятия его заявления с него не могут быть потребованы дополнительные справки то есть чиновник сам истребует в соответствующих инстанциях необходимые документы посредством системы единого документооборота и коммуникаций электронного правительства.[2]

Закон Республики Таджикистан "О государственной регистрации юридических лиц и индивидуальных предпринимателей" в части 2 статьи 4 предусматривает, что: “государственная регистрация по принципу "единое окно" означает следующее:

1) для государственной регистрации заявитель представляет документы, предусмотренные настоящим Законом, только в орган, осуществляющий государственную регистрацию по месту нахождения (адресу) юридического лица (месту жительства руководителя юридического лица), месту жительства (деятельности) индивидуального предпринимателя, месту нахождения (адресу) филиала или представительства иностранного юридического лица (месту жительства руководителя филиала или представительства иностранного юридического лица). За достоверность представленных документов и полноту сведений, отраженных в них, полную ответственность несет заявитель в соответствии с законодательством Республики Таджикистан;

2) орган, осуществляющий государственную регистрацию, вносит сведения о юридическом лице, индивидуальном предпринимателе, филиале или представительстве иностранного юридического лица в Единый государственный реестр и выдает документ, подтверждающий государственную регистрацию. Государственная регистрация в Едином государственном реестре предусматривает одновременную регистрацию в органе, осуществляющим государственную регистрацию, органах государственной статистики и государственного социального страхования.”[3].

Вместе с тем, в законодательстве универсальной нормы об обязанности публичных должностных лиц не требовать у граждан при получении их заявлений справок и документов, не предусмотрено как пробел, способствующий коррупции, что необходимо восполнить соответствующими дополнениями. Хотя такая мера предусмотрена пунктом 47 Плана мероприятий по реализации Стратегии противодействия коррупции в Республике Таджикистан на 2013-2020 годы, утвержденной Указом Президента Республики Таджикистан №1504 от 30.08.2013 г. до конца 2017 года[1].

Однако образцовой является, например, деятельность многофункциональных центров города Москвы, в том числе Многофункциональный миграционный центр в Сахарово как успешный проект Правительства столицы РФ, а также другие принципы концепции электронного правительства, единого окна в сфере госуслуг, внедренных в деятельности территориальных органов УФМС России по г. Москве.

Инструкции, содержащиеся в служебном регламенте, зачастую противоречат интересам предотвращения коррупции, а в некоторых случаях препятствуют им (например, рекомендации, касающиеся "экономии бюджетных средств" когда бухгалтерия под этим предлогом отклоняет выгодные проекты и сметы, требующие текущих расходов, расширение дискреционных полномочий принятия решений на собственное усмотрение).

Специальные меры по профилактике коррупции должны разрабатываться индивидуально для различных подразделений, отделов и сфер деятельности, которые считаются особенно уязвимыми в связи с повышенной ответственностью или особенностями выполняемой работы и связанными с ней внешними контактами, на основе анализа рисков коррупции.

Во всех областях, признанных подверженными риску по результатам анализа рисков, специальные меры, применяемые для снижения степени риска коррупции, должны быть скорректированы и введены последовательно:

- регулярные меры по повышению ответственности работников, занятых в областях уязвимых для коррупции;
- строгий отбор персонала (технически-образовательное, по опыту работы и морально-психологически устойчивое соответствие кандидатов);

